**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**УДК 372.8:802.(575.3)**

**МАВЛОНОВА ИНТИЗОР ТОҶИДДИНОВНА**

# ТАШАККУЛЁБИИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМОТИ КАСБӢ (ДАР МАВОДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи  илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси13.00 08.-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (забонҳои хориҷӣ)(илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Авғонов Самариддин Саидович

ДУШАНБЕ- 2020

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ……………………………………………………………..3
**БОБИ 1.АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚИИ ШАХСИЯТ**……………………………..19

1.1. Назарияҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогии муқаррароти инкишофи коммуникативӣ-нутқии шахсият.................................................19
1.2. Ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз рӯи барномаҳои омӯзиш дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон…….......46

**Хулосаҳо аз рӯи боби 1**...................................................................……… 74

**БОБИ II.ТАШКИЛИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (САНҶИШИ ТАҶРИБАВӢ)**.......................................................................................... 77

2.1.Мӯҳтавои ташкили ташаккули қобилиятнокии донишомӯзони забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии гуманитарии Тоҷикистон.... ……77

2.2. Таъминоти васоити инноватсионӣ ва технологӣ дар шароити муосир барои омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ. .......................111

2.3. Самаранокии низом ва технологияи педагогии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ..............................................................131

**Хулосаҳо аз рӯи боби 2.**.......................................................................................161

ХУЛОСА...................................................................................................................164

**АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**......................................................... …170

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Бо мақсади ворид шудан ба низоми ягонаи таҳсилотии байналмилалӣ, аъзои фаъол ва узви комили низоми коммуникатсионию инноватсионии низоми таҳсилоти ҷаҳони муосир будан ва гузаштан ба коркарди равишҳои нав барои соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ), зарурати муайян кардани мухтавои омӯзиш, хусусан таҳлили равандҳои густариши забон дар зинаҳои гуногун дар шароити кунунии иҷтимоию иқтисодӣ аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравaнд.

Дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи иҷтимоӣ оид ба ташкили кори мақсадноки ташаккули омодагии касбии кадрҳои педагогӣ ва сатҳи фарҳангии шахсияти ҷавонони донишҷӯ ба миён меояд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҳукумати ҶТ - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба маориф», «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таҳсилоти олӣ ва касбии баъдидонишгоҳӣ» ва ғайра зарурати омодасозии мутахассисоне, ки қобили инкишофи бефосилаи касбӣ, зудамалӣ, дорои малакаву донишҳои рақобатпазиранд, таъкид карда мешавад.

Робита ба ин, дар Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст, ки мақсади дурнамои ислоҳоти маориф ин: идеяи ташаккули тарбияи нави одамони дорои тафаккури эҷодии навоварона, мутахассисони дорои тахассуси баланди касбӣ бо ҷаҳонбинии васеи фарҳангӣ, ахлоқи ҳамида ва муносибати бомасъулият ба олам маҳсуб мешавад. Муқаррароти консепсияи мазкурро ҳамчун зарурати омодасозии мутахассиси ояндае, ки аз донишҳо, қобилияту малакаҳои амалӣ бархӯрдор буда, қобилияти самарабахш ва эҷодкорона фаъолият намудан дар шароити тамоман наву муосири Тоҷикистон дошта бошад, бояд фаҳмид.

Ҳамзамон иқтисоди бозаргонии ҷумҳурӣ ва тавсеи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо бисёре аз мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷи дур, даромаднокгардонии ҳамвораи равандҳои мубодилаи дастовардҳои фарҳанг ва арзишҳои гуногун ба афзоиши мунтазами талабот нисбати азхудкунии амиқи забонҳои хориҷӣ оварда мерасонад. Дар ин робита Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр кардаанд, ки сиёсати Ҳукумат доир ба забон, дар қатори забони тоҷикӣ, амалкарди баробарҳуқуқонаи дигар забонҳоро таъмин месозад ва барои азхудкунии онҳо имконият фароҳам меоварад.

Азбаски низоми таҳсилот, зода ва мероси низоми марказонидашудаи нақшавии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ буд, дар муддати кӯтоҳ наметавонист аз хусусиятҳои раванди таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии кишвар ба зудӣ озод шавад ва бинобар ин зарурати таҳқиқотҳои навини мӯҳтаво ва сохтори таҳсилот, аз он ҷумла, омӯзиши академикии таълими забонҳои хориҷӣ дар асоси таҳлили корбурди воқеӣ ва густариши назарраси соҳаҳо, ҳолатҳо, намудҳо ва шаклҳои фаъолият ҳамеша асоснок ва актуалӣ мемонад.

Дар шароити ҳамкориҳои байналмилалии устувор ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисони донандаи хуби забони англисӣ ва қодир ба истифодаи пурмаҳсули он дар ҳолатҳои воқеии касбӣ ва муоширати ҳамарӯза дар ҳоли афзудан мебошад. Дар робита ба чунин талаботи замон, андешидани чораҳои муассир оид ба такмили минбаъдаи шакл ва методҳои таълим ва тарбия ҳамчун воситаи муҳими муоширати байналмилалӣ як амри зарурӣ ба ҳисоб меравад. Иқдомоти саривақтии ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои истифодаи амалӣ ва коркарди методикаи муосири таълим, эҷод ва такмили маводи таълимӣ, аз ҷумла низоми мултимедӣ дар якҷоягӣ бо равишҳои худомӯзӣ бо дарназардошти мақсади инфиродии онҳо ба таври назаррас фароҳам

намудааст. Ин ҳама ба таҳияи низоми таъмини усулан нави ташкилӣ, методӣ, илмӣ ва иттилоотии раванди таълиму тарбия, ки бо нақшаи стратегии такмили таълим ва омӯзиши забони англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, вобастагӣ дорад.

Дар айни замон, рушди ҳамаҷонибаи робитаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷаи дуру наздик, муассирсозии раванди мубодилаи дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои гуногуни маънавӣ ба афзоиши бемайлони талаботи омӯзиши амиқи забони англисӣ боиси таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти ташаккул ва рушди бисёрзабонӣ дар кишвар саривақтӣ буда, қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани сифати таҳсилот ва такмили таълими забони англисӣ асосан ба ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта ва донандаи забони англисӣ нигаронида шудааст.

Бо такя ба ин сиёсат ва ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 беҳтаршавии системаи идоракунӣ дар таълими забони англисӣ, таъминоти методӣ ва кадрии низоми таҳсилот дар ин самт, ҳамчун яке аз вазифаҳои асосӣ дар соҳаи таҳсилот муайян карда шудааст. Мутобиқсозии раванди таҳсилот ба талаботи замони муосир, ки дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардад, пеш аз ҳама навсозии мазмуни таҳсилотро дар назар дорад ва рушди илми муосир бидуни мубодилаи фаъоли байналмилалӣ комилан имконнопазир мегардад. Донистани забонҳои хориҷӣ ба ворид гардидан ба гузаштаи халқҳо, донистани ҳолати ҳозираи онҳо ва пешбинии ояндабинонаашон мусоидат намуда ба арзёбии шоҳкориҳои фарҳанги ҷаҳонӣ кӯмак мерасонад. Ин - яке аз воситаҳои амалии бартараф намудани маҳдудиятҳо буда, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забони англисӣ ба ҷузъи асосии маълумоти миёна ва олӣ табдил меёбад, ки зарурати он саривақтӣ дониста мешавад.

Барои интихоби мавзӯи таҳқиқотии мазкур, ғояи ташаккулёбии тафаккур ва инкишофи малакаҳои нутқӣ дар таҳқиқотҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ дар бораи қоидаҳои инкишофи шахсият ва тафаккури ӯ

дар самти мазкур сабаб гардид ва дар баробари ин соҳаҳои мухталифи инкишофи шахсият ва ташаккули зинаҳои инкишофёбии ӯ ба инобат гирифта шуд. Олимон ва муҳаққиқони зиёд дар робита ба ташаккулёбии фикррони мустақилона ва инкишофи малакаҳои нутқии донишҷӯён аҳамияти калон медиҳанд. Зеро дар марҳилаи начандон калон, таҷрибаи мусбӣ ва анъанаҳо дар омӯзиши проблемаи мазкур дар маҷмӯъ ва масъалаҳои алоҳидаи он андӯхта шудаанд, нишон медиҳад, ки барои инкишофи ҷомеъаи мо, илм ва такмил ёфтану азнавкунонии таъминоти техникии муассисаҳои олии таълимӣ, соҳаи мазкури донишҳои илмӣ ҳамчун қисмати таркибӣ ва ҷудонашавандаи тамоми илми педагогӣ рушд менамояд.

Дар ҷомеаи демократии мо, ки усулҳои наву такмилёфтаи омӯзиш хуб пазируфта мешаванд, проблемаи мазкур бояд мавқеъи худро дар рушди илми педагогика ишғол намояд. Майл намудан ба азхуднамоии донишҳои забони хориҷӣ як навъ рамз ё нишонаи вақт, талаботи ҳаёт, зарурияти воҷиб барои ҳар як шахси ҷавон мебошад. Омӯхтани забони англисӣ аз ҷониби насли наврас муносибатҳоро миёни халқҳо осон мегардонад ва ба барқарор намудани робитаҳои дӯстона, корӣ ва фарҳангӣ миёни давлатҳо мусоидат менамояд. Омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ мақсадҳои амалӣ, тарбиявӣ, таълимӣ ва инкишофдиҳанда дорад, ки дар баробари ин амалӣ намудани мақсадҳои дурнамои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди азхуднамоии донишҷӯён, маҳорату малакаи амалии онҳо ба роҳ монда мешаванд.

Аҳамияти омӯзиши мавзӯи таҳқиқотии мазкур дар марҳилаи кунунӣ махсусан бузург мегардад, ҳангоме, ки робитаҳои байналмиллалӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва бозоргонӣ миёни давлатҳо густариш меёбанд. Ин ҳолат сабаби интихоби мавзӯи таҳқиқотии «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди маълумоти касбӣ (дар маводҳои омӯзиши забони англисӣ)» гардидааст ва аҳамият ва мубрамияти мавзӯи диссертатсияро дучанд зиёд мегардонад.

**Дараҷаи коркарди мавзӯи таҳқиқот.** Омилҳои назариявии масоили

таҳқиқот ва баланд бардоштани самаранокии омӯзиши забони англисӣ, аз ҷумла, ташаккул ва қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар асарҳои файласуфон, ки диалектикаи материалистиро ҳамчун асоси илмҳои методӣ коркард намудаанд, инъикос шудаанд.

Омилҳои назариявии масоили мавриди тадқиқот дар низоми илмҳои педагогӣ , психологӣ ва методӣ низ бозгӯ шудаанд.

Дар солҳои охир, ба ғайр аз педагогикаи ватанӣ, назария ва амалияи татбиқи усулҳои технологии таълим дар осори илмии олимони соҳаи педагогика Н.Ф. Тализина, А.Н. Тесленко, О.В. Толстиков, Ю.К. Бабанский, Е.Г. Бжоско, Н.М. Боритко ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, консепсияҳои зерин арзи ҳасти намудаанд: «Усулҳои замонавии фаъолсозии таълим» (Т.С. Панина); «Усули коммуникатсияи таълими забонҳои хориҷӣ» (Е.Н. Пассов;); «Рушди фаъолияти маърифатии наврасон» (С.В. Рослякова); «Роҳнамоии касбии донишчуён» (В.Ф. Сахаров); «Лоиҳаи омӯзишӣ» (Т.В. Светков).

Ҷанбаҳои мухталифи масъалаи мавриди назар дар таҳқиқотҳои илмии як идда олимони соҳаи педагогикаи тоҷик: М. Арипов (М.Орифӣ), «Дидактикаи муосир» (М. Лутфуллоев), «Педагогикаи умумӣ ва касбӣ» (Шарифзода Ф., Миралов А.) ва дигарон, ки таърихи афкори педагогии халқи тоҷикро таҳқиқ кардаанд, инъикос ёфтааст.

Асарҳои муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла, С.Н. Алиев, П. Ҷамшедов, А. Байдуллоев, Б. Раҳимов, С. Авғонов, С.С. Ҷоматов, А. Мамадназаров ва дигарон ҳам ба ҳамин масъала бахшида шудаанд.

Барои коркарди масоили дар рисола баррасишаванда таҳқиқоти олимон-методистҳо Н.М. Яковлева, И.Ю. Шемелева, А.С. Чибаков, Е.Р. Трубина, С.Б. Ступина, М. Скаткина, В.А. Скакун, Т.В. Светенко, В.Ф. Сахаров, В.Х. Солибоев, Н.В. Клюева ва дигарон нақши муҳим бозиданд.

Коркарди номукаммали масоили ташаккул ва қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, рушди нокифояи коркарди мавзӯъ,

масоил ва мушкилоти раванди ташаккул ва қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилотии олии касбии кишвар, мавҷуд набудани корҳои махсус оид ба такмили мундариҷа, шакл ва усулҳои тайёр кардани омӯзгорони ояндаи забони англисӣ ва ғайра боиси интихоби мавзӯи диссертатсия гардиданд.

Ҳамин тариқ, масоили мавриди назар омили зуҳури проблемаи таҳқиқот гашта, талабот ба ҳалли проблемаи мазкур интихоби мавзӯи диссертатсияро таҳти унвони «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди маълумоти касбӣ (дар маводҳои омӯзиши забони англисӣ) » муайян сохт.

**Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** мероси маънавии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик, пажӯҳишҳои бунёдии донишмандони Россия ва кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи педагогика, психология, методикаи таълими забони англисӣ оид ба роҳҳои инкишофи шахсият, ташкили раванди тарбия, такмили технологияи педагогӣ, нуқтаҳои равияи системавӣ дар соҳаи таълиму тарбия ташкил намудаанд. Ҳангоми таҳлили маводи педагогӣ равияҳои иҷтимоию сохторӣ, таърихию фарҳангӣ ва маҷмӯӣ истифода гардида, принсипҳои методологии таърихнигорӣ риоя карда шудааст, ки воқеияти илмӣ ва дақиқии инъикоси раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии кишварро таъмин сохтаанд.

Асоси назариявии тадқиқотро таълимоти бунёдӣ ва амалии педагогҳо, психологҳо ва файласуфони хориҷӣ оид ба таҳсилот ва нақши пешбари тарбия: Н.Г. Дайри, Т.П. Кесслер, П.Ф. Лесгафт, Селестен Френе; муаллифони адабиёти муосири педагогӣ: Ю.К. Бабанский, Л.Р. Болотина, В.А. Сластенин, Т.Л. Стенина, М.В. Емелянова, Т.А. Илйина, Е. Ф. Сивашинская, И.П. Подласий, И.А. Зимняя, Н.В. Микляев, О.С. Виноградова, Константинов Н.А., А.А. Андреев, А.В. Боровских, С.Б. Ступина, В.А. Капранова, В.В. Егоров, В.Н. Саяпин, Г.К. Селевко, В.И. Вдовюк, А.М. Новиков, В.Е. Пешкова, В.В. Краевский, В.И. Андреев, Л.П. Солонцова, В.П. Беспалко, Н.М. Боритко, М.А. Волков, Р.Г.

Габдурахманова, Н.Ф. Голованова, В.С. Зайцев, Т.П. Илевич [2016], В.А. Капранова, Г.М. Коҷаспирова ва дигарон; муаллифони маъхазҳои адабиёти педагогии тоҷик: С.С. Авғонов, С.Н. Алиев, С.Я.Балхова, С.Г.Бандаев, Л.М.Иматова, Б.Маҷидова, П. Ҷамшедов, Х. Раҳимов, Х. Раҳимзода, Х.Ғ. Сайфуллоев, З.Х. Сайфуллоева, Д.Я. Шарипова, С.С.Ҷ оматов, А. Мамадназаров ва дигарон, инчунин асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон; санадҳои меъёрӣ-хуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ то соли 2020, Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва ғайра ташкил намудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Предмети таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ.

**Ҳадафи таҳқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардан ва дар озмоиш санҷидани самаранокии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот:** омӯзиши шароитҳои педагогӣ ва технологияи таълимӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот:** ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён бештар самаранок ва пурмаҳсул хоҳад шуд, агар:

- омӯзгорон технологияҳои муосири пешқадами омӯзишро истифода баранд;
- ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) аз технологияҳои компютерӣ истифода бурда шавад;
- меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии

донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ муайян карда шаванд;

- шароитҳои педагогии натиҷагирии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ ошкор, тасниф ва аз ҷиҳати озмоишӣ санҷида шаванд;

- ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) робитаҳои байнифаннӣ бо забони тоҷикӣ ба инобат гирифта шавад.

Бо такя бар ҳадаф, объект ва фарзияи таҳқиқот **вазифаҳои зерин** матраҳ гардиданд:

1) муайян намудани роҳҳои муштараки инкишофи шахсият, ташаккули қобилияти коммуникативӣ ва нутқии донишҷӯён ва таҷассуми илмии мавзуъ дар тадқиқотҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогӣ;

2) ошкор намудани вазъияти рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҶТ;

3) муайян кардани моҳият ва мундариҷаи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва шароитҳои ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

4) таҳлил намудани ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар гурӯҳҳои забони тоҷикӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон;

5) муайян намудани роҳҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар гурӯҳҳои забони тоҷикӣ;

6) таҳияи консепсияи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон;

7) муайян намудани самаранокии низоми мундариҷавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ.

Барои ҳаллу фасли масъалаҳои ба миён гузошташуда **методҳои зерин** ба кор бурда шуданд:

1. Омӯзиши адабиёти лингвистӣ ва лингводидактикӣ ва психологӣ доир ба мавзӯи тадқиқот;

2. Таҳлили адабиёти таълимӣ-методӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ оид ба забони англисӣ дар муассисаҳои олии омӯзгорӣ;

3. Усули баргузории корҳои хаттӣ ва тестгузаронӣ;

4. Пурсиши саволномавӣ ва анкетагузаронӣ;

5. Баргузории озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда;

6. Коркарди риёзии натиҷаҳои таҳқиқот.

**Соҳаи таҳқиқот:** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - "Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ)" мувофиқат мекунад:

- *банди 1.* Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони оянда забони англисӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот.

- *банди 2***.** Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фан дар равандҳои таҳсилотӣ.

- *банди 3.* Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фан дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ.

- *банди 4.* Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш.

**Давраҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот тӯли ҳафт сол дар се давра сомон дода шуд:

**Дар давраи аввал** (солҳои 2013-2014) мақсад, вазифаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуданд. Мундариҷаи маълумоти аз ҳам вобаста оид ба омӯзиши забони англисӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ ва таъминоти технологии он таҳия карда шуданд. Кори таҷрибавӣ доир ба сатҳи ибтидоии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии

донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ, ки бо мавзӯи таҳқиқот алоқаманд мебошад, гузаронида шуд.

**Дар давраи дуюм** (солҳои 2015-2017) - ташаккулдиҳанда - мақсад, вазифаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуданд. Ҳадафи таҳқиқоти озмоишӣ-санҷишии технологияи баамалбарории ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ, ошкорсозӣ ва асосноккунии шароитҳои педагогии самаранокии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мукаррар карда шуд. Маводҳои дидактикӣ оид ба омӯхтани забони англисӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуданд ва аз санҷиши озмоишӣ гузаронида шуданд.

**Давраи сеюм** (солҳои 2018-2019) - ҷамъбаст ва хулосабарорӣ. Самаранокии низомҳои муқаддимавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён муайян карда шуданд, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ натиҷагирӣ ва умумӣ гардонида шуданд, натиҷаҳои ҷамъбастии таҳқиқот баён карда шуда, дар намуди кори диссертатсионӣ ба расмият дароварда шуданд.

**Заминаи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Таҳқиқоти озмоишӣ дар заминаи се факултет - факултетҳои забони англисии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва ДДЗТ ба номи С. Улуғзода ва факултети забонҳои романӣ германии ДДОТ ба номи С. Айнӣ сурат гирифт. Дар давраи мазкур 270 нафар донишҷӯ-бакалаври ду муассисаи таҳсилоти олӣ - омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ), 24 муаллими факултетҳои забонҳои хориҷии муассисаҳои таҳсилоти олии номбаршуда бо ҳамкорӣ фаро гирифта шуданд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ** бо мувофиқати маълумот ва натиҷаи корҳои назариявӣ ва таҷрибавии дар раванди таҳқиқот ноилшуда ба проблемаи таҳқиқшаванда собит шуда, инчунин, бо муқоисаи назару андешаҳои мухталифи падидаҳои педагогии мавриди таҳқиқот, баррасии натиҷаҳое, ки бо усулҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда

шудаанд, таъмин шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Нуктаҳои илмӣ ва амалии технологияи педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди идроки технологияи педагогӣ, инчунин, мафҳуми «қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён» асоснок ва муайян карда шудааст;

2. Мазмун ва сохтори раванди мавриди таҳқиқот бозгӯ ва дар ҷараёни он ихтилофоти махсус ошкор шуда, дар ин раванд равияи нав мухтасар ифода карда шудааст;

3. Низоми донишҳои мукаммал, системаи мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва воситаҳои коркарди ҷузъиёти технологияи педагогӣ таҳия гардида, консепсияи амсилаи (модели) ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва корбурди онҳо дар таълим пешниҳод шудааст;

4. Роҳҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд;

5. Моҳият ва мундариҷаи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва шароитҳои ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шуданд;

6. Самаранокии низоми мундариҷавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мукаррар карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст: - ҷамъбасти донишҳои фалсафию педагогӣ доир ба ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи забони англисӣ дар раванди таҳсилоти касбӣ, ки тасаввуротҳои илмиро вобаста ба падидаи қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ васеъ мегардонад; - асоснок кардани таъсири маҷмӯи имкониятҳои муайяншуда ба самарабахшии раванди

ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ, ки ба рушди назария ва амалияи тайёрии мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ мусоидат мекунад; - коркард ва асоснок кардани технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ ва бо далелҳои муътамад илмӣ асоснок намудани болоравии динамикаи ташаккулёбии падидаи мазкур, ҳамчунин ҳангоми истифодаи натиҷаҳои ташхис дар асоси меъёрҳои когнитивӣ ва рефлексивӣ аз сатҳи пасту миёна ба сатҳи баланд баровардани раванди омодасозии касбию педагогии мутахассисони оянда.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз инҳо иборат мебошад:

Таҷрибаи умумигардонидашудаи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии касбии Тоҷикистон, ки камолот ва инкишофи онро дар шароити махсуси ҷумҳурӣ на танҳо аҳмияти назариявӣ, балки аҳамияти калони амалӣ низ дорад.

Мундариҷа, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки аз таҳқиқоти мазкури илмӣ бар меоянд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои олии таълимӣ, муаллимони мактабҳо, литсейҳо, коллеҷҳо ва дар курсҳои такмили ихтисоси муаллимон бо мақсади такмили минбаъдаи омӯзиш, инчунин аз ҷониби олимон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотияшон истифода бурда шаванд.

Инчунин маводҳои диссертатсия метавонанд барои такмил додани барномаҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ асос шаванд.

**Ба ҳимоя мулоҳизаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- Моҳият ва мундариҷаи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ва шароитҳои ташаккули он дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ;

- Хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ вобаста ба татбиқ намудани роҳҳои ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ;

- Нуқтаҳои илмӣ ва амалии технологияи педагогии баланд бардоштани самаранокии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди идроки технологияи педагогӣ, инчунин, мафҳуми «қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён»;

- Низоми донишҳои мукаммал, системаи мафҳумҳо, методҳои амалӣ ва воситаҳои коркарди ҷузъиёти технологияи педагогӣ таҳия гардида, консепсияи амсилаи ташаккули донишҳо, маҳорату малакаҳои мукаммал дар соҳаи технологияҳои педагогӣ ва корбурди онҳо дар таълим;

- Низоми технологӣ ва шароитҳои педагогии ташаккулёбӣ ва такмили қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён;

- Самаранокии низоми мундариҷавӣ ва технологии ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар шароити омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани ғояҳо ва қоидаҳои асосии диссертатсия, коркарди амсилаи консептуалӣ, ки ин имконият додааст дар асоси муносибатҳои фаъолиятнок ва босалоҳият масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ҳал карда шавад, иҷрои бевоситаи кори таҳқиқотӣ, тафсир ва тафтиши натиҷаҳои бадастовардашуда самарабахш омӯхта шавад.

Иштироки шахсии унвонҷӯ инчунин дар он ифода меёбад, ки вай КТМ, силлабус ва нақшаи нави таълимиро оид ба курси "Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони англисӣ"-ро коркард ва ба ҷараёни таълим ворид намудааст. Дар тартиб додани стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ оид ба забонҳои хориҷӣ барои мактабҳои олии ҶТ, дар коркарди барномаҳои таълимӣ-методӣ оид ба силсилаи фанҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ, ки дар таълими озмоишӣ ворид гаштаанд, дар интихоби усулҳо ва тарзҳои таълим бо мақсади педагогикунонии кулли раванди омӯзиши касбӣ, дар амалигардонӣ ва роҳнамоии бевоситаи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, дар кори мустақилона ба анҷом расонидани рисолаи диссертатсионӣ ва асарҳои интишоршуда, аз ҷумла дастурҳои таълимӣ-методӣ ва мақолаҳо ширкат варзидааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мавридҳои зерин сурат гирифтанд:

- дар раванди коркарди васоити махсуси методӣ ва маводи таълимии забони англисӣ доир ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ;
- ҳангоми ташкили фаъолияти таълимӣ-педагогии омӯзгорони забони англисӣ барои донишҷӯёне, ки дар факултетҳои забони хориҷӣ мехонанд;
- дар конфренсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳо доир ба масъалаҳои назария ва амалияи таълим ва тарбия;
- гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-методии кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ;
- маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии донишгоҳӣ, ки ҳар сол дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ баргузор мегарданд;
- суханронӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявии гуногун, ки доир ба назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гаштаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳо инъикос ёфтаанд; аз санҷиши зарурӣ гузаштанд, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо васеъ баррасӣ карда шуданд, дар 19 мақола инъикос ёфтанд, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои даврие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР тавсия кардаанд, дарҷ гаштанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Диссертсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мундариҷаи диссертатсия дар 185 саҳифа ҳуруфчинии компютерӣ карда шудааст. Дар матн 12 ҷадвал ва 10 расм мавҷуд аст. Рӯйхати адабиёт 205 номгӯро ташкил менамояд, ки 8-тои он ба забони хориҷӣ мебошад.

# БОБИ ЯКУМ. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚИИ ШАХСИЯТ

## 1.1. Назарияҳои фалсафӣ ва психологӣ-педагогии муқаррароти инкишофи коммуникативӣ-нутқии шахсият

Шахси мувофик инкишофёфта ҳамеша идеали тафаккури ҷамъиятии башарият ба ҳисоб меравад. Мо дар ин ҷой на одамони алоҳидаи барҷастаро дар назар дорем, ки ба ин ё он дараҷа ба мутобиқат расидаанд, балки дар бораи маҳз намуди оммавии шахсият, дар бораи тадриҷан ба шахсияти мутобиқшуда табдил ёфтани ҳар узви ҷомеъа сухан меронем.

Тасодуфӣ нест, ки дар давраи муосир файласуфон, ҷомеашиносон ва омӯзгорон ба таҳияи проблемаҳои назариявии инкишофи шахсият таваҷҷӯҳи махсус медиҳанд. Охир барои ташаккул додани чунин шахсият, мо моҳияти ҳамаҷониба будан ва мутобиқ буданро тасаввур менамоем. Инсони нав ба таври худкор офарида намешавад.

Проблемаи мазкурро омӯхта, мо метавонем хулоса барорем, ки чӣ дар адабиёти фалсафӣ, ва чӣ дар адабиёти махсуси педагогӣ таърифи якмаънои шахси мутобиқшуда мавҷуд нест. Инак, яке аз таърифҳои муқаррари ин мафҳум дар адабиёти фалсафии собик шуравӣ аз ҷониби Красин А.Н. чунин маънидод карда шудааст: «Мутобиқшавии шахсият чунин худамаликунии онро баён менамояд, ҳангоме ки ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаёти инсон, ҳамаи роҳҳои худамалинамоии одамон (меҳнат, муоширaт, истеъмол, даркнамоӣ, азхуднамоии эстетикии ҷаҳон, вақти холӣ ва ғайра) дорои арзиши яксон мебошанд, ҳамаи онҳо сабаби ҳамдигар ҳастанд ва якдигарро пурра менамоянд» [87, с.13].

Мавқеъи ба ин монандроГ.Н.Филонов низ пешниҳод менамояд. Барои ӯ «мутобиқати сохтори иҷтимоии шахсият, пеш аз ҳама самти марбутаи фаъолияти ҷамъиятии ӯро дар назар дорад, то номутаносибиро истисно намояд, ки дар натиҷаи инкишофи нобаробари як ҷониби шахсият аз ҳисоби дигар ҷонибҳо ё ин ки ташаккулёбӣ дар асосҳои мухталифи иҷтимоӣ ба амал меоянд» [176, с.169].

Набояд дар бораи он фаромўш сохт, ки инкишофи шахсият на танҳо иҷтимоикунонии ў, аз ҷониби вай азхуд намудани муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, балки инфиродикунонӣ, яъне азхуднамоии интихобии ин муносибатҳо дар шакли инфиродии такрорнашаванда аст.

Ҳанўз файласуфони Юнони Қадим категорияи мутобиқшавиро бо ҳолати муайяни ягонагии унсурҳои ба ҳам муқобил рабт додаанд. Гераклит, аз ҷумла, ба таври мисол, мегўяд: «Худи тасодуфҳои ба ҳам зидди ҳар гуна чизҳои ба ҳам муқобил мутобиқати ҳақиқӣ мебошад».

Гегел маҳфуми мутобиқатро ҳамчун таносуби фарқиятҳои сифатӣ мефаҳмад, ки дар маҷмўъ гирифта шудаанд ва аз худи моҳияти ашё бар меояд.

Проблемаи ташаккули шахсият метавонад танҳо мисли проблемаи мутобиқати пайвастшавӣ ва ҷудошавии ин мухолифатҳо гузошта шавад. Мо метавонем бо он розӣ шавем, ки мутобиқат раванди инкишофи шахсиятро маънидод менамояд, зеро он дар натиҷаи инкишофи ҳар ҷониби шахсият ташаккул меёбад - тафаккури он, ҳиссиёт, ирода ва ғайра. Ташаккулёбии мутобиқат ба таври худкор, ғайримуташаккил набуд ва намешавад. Барои ташаккул ёфтани чунин шахсият ҳамеша тарбияи дурусти вай зарур буд ва ҳаст. Бо ин мо ба ҷанбаи педагогии проблемаи гузоштаамон наздик мешавем. Усулҳои педагогӣ ба асосҳои муносибати фалсафии омўзиши инсон такя менамояд. Дар фалсафа маҳфуми «инсон» ҳамчун инсон-индивиди ташаккулёбанда истифода мешавад ва бо ин маънои педагогӣ аз мафҳуми педагогӣ фарқ менамояд, ки дар он «инсон»- махлуқи зотӣ мебошад.

Педагогикаи шахсият ба таври органикӣ бо психология ва соҳаҳои он робита дорад: аз психологияи хурдсолӣ то геронтология; бо психологияи муҳит, коллектив, идоракунӣ ва ғайра.

Методологияи моҳияти педагогии «шахсият» ҳанўз ташаккул меёбад, муносибатҳои фалсафӣ-педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ бо омўзиши инсони муосир ба вуҷуд меоянд.

Рушди ғояҳои педагогӣ зери таъсири шароитҳои ҷамъиятӣ-таърихӣ ба амал меомад. Дар ҳудуди асри XVIIтобиши ҳалкунанда дар инкишофи илм ба амал омад - методологияи нави таҳқиқоти илмӣ таҳия карда шуд, ки бо номи

Ф. Бэкон(1561-1626) алоқаманд мебошад. Ӯ эълон намуд, ки донишҳои илмӣ донишҳое мебошанд, ки аз таҷриба, озмоиш ба даст оварда мешаванд. Мулоҳизаи асосии ӯ - дар тафаккур ягон чиз вуҷуд надорад, ки дар ҳиссиёт қаблан вуҷуд надошта бошад. Усули ӯ ба педагогика таъсири басо калон гузошт.

Омӯзгори аввалине, ки зидди омӯзиши нутқӣ баромад менамуд, омӯзгори чех Ян Амос Каменский ба ҳисоб мерафт. Ӯ мегуфт, ки ҳар чизеро, ки донишҷӯ бояд азхуд намояд, он бояд барои дарки бевосита пешниҳод карда шавад. Сараввал он ашёҳо ба ҳисоб мерафт. Бевосита дар эҳсосот сабт хоҳанд шуд ва танҳо баъд аз шинос шудан бо худи ашё, он бояд маънидод карда шавад. Ӯ омӯзишро аёнӣ меҳисобид, агар мавзӯи омӯзиш дар шакли эҳсосотӣ пешниҳод карда шавад (ашё ё мусаввара).

Ҳамин тавр, давраи аввали таърихи омӯзиши аёният бо он маънидод карда мешавад, ки аёният ҳамчун сарчашмаи ҳамаи донишҳо баромад менамуд, омӯзиши аёнӣ - омӯзиши эҳсосотӣ ба ҳисоб мерафт (тавассути ашёҳо, мусаввараҳо, ҳаёти воқеъӣ ва ғ). Дар баробари ин, омӯзиши аёнӣ ҳамчун муроқибати ғайрифаъол фаҳмида мешуд, ки дар раванди он азхуднамоӣ ба амал меомад.

Рушди минбаъдаи принсипи аёният бо номҳои чунин олимон-омӯзгорони бузург монанди Е.И.Пассов, Ф. Фребел, И. Гербарт, К.Д. Ушинский алоқаманд мебошад. Мутобиқи назари олимони мазкур, воситаи беҳтарини аёният - объектҳои воқеъӣ мебошад, на аксҳои онҳо.[125.с184].

Яке аз ҷанбаҳои аз нигоҳи идеологӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалӣ муҳими ташаккули шахсияти донишҷӯ дар раванди дарки коллективона ин масъалаи рушди шахсияти эҷодии он мебошад.

Таҳқиқотҳо тасдиқ менамоянд, ки раванди рушди арзишманди иҷтимоии шахсият ҳам такмили нишонаҳои эҷодии наврас ва ҳам ташаккул додани психологияи коллективиро дар назар дорад. Шарти муҳимтарини самарабахшии истифодаи коллективи муассисаи олии таълимӣ дар ҷанбаи номбаршуда, идоракунии салоҳиятноки педагогӣ мебошад, ки ба омӯзиши амиқи имкониятҳои

инфиродии наврас мусоидат менамояд.

Г.И. Кочерян дар рисолаи доктории худ зикр намудааст, ки омӯзиши проблемаи ташаккул ва инкишофи шахсияти шакли нав яке аз вазифаҳои муҳим барои ҷомеаи мо мебошад, бо ин розӣ нашудан мумкин нест [86, с.28].

Амалӣ намудани вазифаи мазкур дар давраи демократикунонӣ ва башардӯстона аҳамияти муҳими иҷтимоию сиёсиро касб менамояд. Дар ин соҳа мушкилоти зиёде ба вуҷуд меоянд, ки ҳалли онҳо танҳо дар натиҷаи муносибати маҷмӯӣ имконпазир аст. Амалӣ намудани ин муносибат яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи педагогикаи муосир мебошад. Тавре ки Н.П. Дубинин қайд менамояд, гуногунии одамон, ҳар инсон аз рӯи сохтори генетикии ӯ ва дар баъзе мавридҳо ҳангоми тарбияи ӯ мушкилоти зиёдро пеш меорад. Тарбияи шахсият дар амалия бо ҷонибҳои зиёди ҳаёт рӯ ба рӯ мешавад ва муносибати маҷмӯиро тақозо менамояд.

Мо муайян намудем, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти муассисаи олии касбӣ, ҳалли вазифаҳо, ки дар рафти азнавсозии ҷомеъаи мо гузошта шудаанд, тағйироти куллии тарбияи насли нав, ташаккул додани шахсиятро зарур медонад. Бояд ба инобат гирифт, ки инсон натанҳо махлуқи иҷтимоӣ, балки биологӣ низ мебошад.

Дар ин маврид бояд ба робитаи педагогика бо дигар илмҳо такя намуд. Ташаккул додани инсони нав бояд ҳамчун раванди таърихӣ баррасӣ карда шавад. Барои ташаккул додани инсони нав бояд вақти мусоид расад. Дар робита ба ин, албатта, масъала оид ба алоқаи педагогика бо генетикаи инсон гузошта мешавад.

Ақидае вуҷуд дорад, ки ҷаҳонбинӣ шакли тафаккур ва роҳҳои амали шахсиятро муайян менамояд. Мо муқаррар намудем, ки азнавсозии муассисаи олии таълимӣ ва муносибати кӯҳнашуда ба ташаккули ҷаҳонбинии шахсият бояд паси сар карда шавад.

Фалсафаи Ғарб, педагогика ва психология ҷаҳони маънавии инсонро ҳамчун зуҳуроти абадӣ ва бар асоси худ тағйирнаёбандаи шахсияти инсон баррасӣ менамояд.

Оғози ин падидаро файласуфи Юнони Қадим, пайрави идеализм Афлотун асос гузоштааст. Мутобиқи назари ӯ рӯҳи инсон ва хусусиятҳои он асли ғайримоддӣ дорад ва он ҳиссачаи рӯҳи ҷаҳонии иллоҳӣ мебошад. Аз ин ҷо ҳамаи хусусиятҳои рӯҳ пешакӣ бо пешбиниҳои иллоҳӣ муайян карда шуданд ва аз зуҳуроти ҳаётӣ вобастагӣ надоранд.

Бо номҳои Мендел, Вейсман ва Морган генетикаи «нав» алоқаманд аст, ки онҳо инкишофро ҳамчун падидаи ирсӣ, яъне аз насл ба насл гузаштани хусусиятҳои геннетикии муайяни организм маънидод менамоянд. Менделизм ба педагогика ва психология ворид шудааст.

Мутобиқи назари Торндайк, аз ҷумла, сифати шахсият комилан бо хусусиятҳои генетикии ӯ муайян карда мешавад. Назарияи генетикии Вейсман-Морганро нисбат ба инкишофи инсон генетики англис С. Дарлингтон истифода намудааст ва ӯ зикр менамояд, ки инкишоф аз ирсият вобаста мебошад.

Персоналистони муосири америкоӣ аллакай бидуни пинҳонӣ, ба таври ошкоро, аз илм асос нагирифта, оид ба пайдоиш ва моҳияти иллоҳии инсон ҳарф мезананд.

Дар илми муосири Ғарб таблиғот дар бораи истеъдоди мунтахаб, дар бораи иллоҳан ё ирсӣ муайян будани қисмати инсон ба он равона карда шудааст, ки одамонро аз мушкилоти иҷтимоӣ дур кунанд.

Ҳамин тавр, назарияи ирсӣ будани хусусияти шахсият ба андешаи мо проблемаи инкишофро бартараф менамояд ва ин проблемаро якҷониба таҳқиқ мекунад.

Вале ҳатто аз муҳити мутафаккирони пешрафта, олимони Аврупои Ѓарбӣ зидди назарияи ирсият дар инкишофи шахсият садо баланд карда мешавад. Ҳамин тавр, равоншиноси швейтсарӣ В. Бовен ба таври интиқодӣ нисбат ба сохторҳои менделитикӣ дар педагогика ва психология баромад менамуд. Ӯ мавҷудияти генҳоро ба таъхир гузошт.

Аз ин сабаб, мо метавонем зикр намоем, ки консепсияи ғарбии идеалистии «инкишоф» ҷонибдорони худро аз даст медиҳад, зеро одамоне, ки дар ин замина огоҳӣ доранд, ба илм асос ёфтани онро мавриди шубҳа қарор медиҳанд.

Илми материалистӣ ирсияти биологиро инкор намекунад, вале онро дар якҷоягӣ бо тағйирёбӣ баррасӣ менамояд, ҳамчун яке аз шартҳои дохилӣ, ки мавқеъгирии навгониҳоро таъмин менамояд.

Бар зидди дарки идеалистии моҳияти инсон ва инкишофи ӯ, психологияи материалистӣ меистад, ки моҳияти инсонро вобаста аз қонунҳои инкишофи ҷамъиятӣ мебинад.

Шахсият ҳамчунин аз омӯзиш ташаккул меёбад. Омӯзиш дар ташаккули шахсият нақши асосиро мебозад ва он омили пешбарандаи инкишофи шахсият мебошад.

Ташаккулёбӣ ҷониби дохилии тарбия мебошад. Мо метавонем бо он розӣ шавем, ки таносуби маҳфумҳои «иҷтимоинамоии шахсият», «ташаккули шахсият» ва «тарбия» метавонанд ба таври зерин пешниҳод карда шаванд: иҷтимоикунонии раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ, азхуднамоӣ ва азхуд кардани муносиботи иҷтимоӣ буда, марҳилаҳои муайян дорад - ташаккул ва инкишофи шахсият. Раванди тарбия - раванди ташаккул ва инкишофи шахсият мебошад.

Мо метавонем бо он розӣ шавем, ки афкор шакли олии инъикоси фаъолияти инсон мебошад, ки аз дарки воқеъият, робитаҳои назарраси он ва муносибатҳо, қонунҳои он иборат мебошад. Объекти афкор тамоми ҷаҳон ба шумор меравад, ба ҳайси натиҷаҳои он бошад донишҳо, фикрҳо, ақидаҳо, ғояҳо баромад мекунанд. Натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, дар навбати худ, ба раванди афкор ворид карда мешаванд, онро ғанӣ мегардонанд, инкишофи минбаъдаи онро таъмин менамоянд. Афкор аз забон ҷудонашаванда аст, гарчанде ки бо он шабеҳ нест. «Забон воқеъияти бевоситаи афкор мебошад» (Маркс, Энгелс). Қобилияти фикрронӣ ба инсон аз ҷониби табиат дода намешавад. Он аз ҷониби ҷомеъа, тарбия, кӯшишҳои шахсии инсон ташаккул дода мешавад. Аз рӯи таркиби худ, афкор пеш аз ҳама чунин равандҳоро мисли таҳлил, синтез, фикран истисно намудан ва муошират дар бар мегирад. Тафаккури консептуалӣ (абстрактӣ) ва образӣ фарқ карда мешаванд, аммо фарқияти миёни онҳоро комилан ҷудо намудан мумкин нест. Дар раванди фикрронӣ ҳар инсон аз рӯи зарурат аз маводи аллакай

вуҷуддошта, аз ҷониби дигар шахсон ба даст оварда шуда, наслҳои дигар истифода мебарад (ғояҳо, маҳфумҳо, шаклҳо), донишҳои ҷамъоваришуда. Азхуднамоии эҷодии ин мавод (характер, ҳаҷм, шакл, принсипҳои интихоб) -проблемаи муҳими педагогӣ мебошад.

Акнун мо метавонем таърифи пурра ва кушодаро пешниҳод намоем. Тафаккур- раванди дарки (инъикоси) умумӣ ва ҷудогонаи ҷаҳони атроф мебошад. Тафаккур дар раванди даркнамоӣ нақши воқеан бузургро бозӣ менамояд. Тафаккур сарҳадоти даркнамоиро васеъ мекунад, имкон медиҳад аз таҷрибаи бевоситаи эҳсосот ва идрок берун бароем. Тафаккур имкон медиҳад дар борои он донем ва баҳогузорӣ намоем, ки инсон онро бевосита мушоҳида намекунад ва дарк наменамояд.

Илм, ба нерӯи асосии истеҳсолии замони мо мубадал гардида, ба шахсияти инсон талаботи наву баланд ва махсусан ба фаъолияти зеҳнии ӯ пешниҳод менамояд.

Проблемаи инкишофи тафаккури мустақилонаи донишҷӯён махсусан тезу тунд мешавад, хусусияти иҷтимоӣ ва давлатиро касб менамояд.

Солҳои охир дар дидактика самти ояндадор оид ба таҳқиқи проблемаҳои ташаккули малакаҳои умумигардонидаи маърифатии донишҷӯён ба расмият дароварда шудааст.

Мавҷуд набудани умумигардониҳои калони таҷрибаи инкишофи тафаккури донишҷӯён, коркард нашудани асосҳои дидактикии ташаккули тафаккур садди роҳ мешаванд, ки ҳам ба корҳои амалии коллективҳои педагогии муассисаҳои олии таълимӣ таъсир мерасонанд.

Ба назарияҳои пешбари дидактикӣ такя намуда, мо кӯшиш намудем таҳқиқи маҳфуми фаъолияти зеҳнии донишҷӯён дар низоми категорияҳои дидактикиро ба роҳ монем: сохтори онро таҳия намоем, бо қоидаҳо ва принсипҳои раванди таълиму тарбия қиёс кунем.

Бо такя ба сохтори фаъолияти маърифатии инсон накшаи умумигардонидашудаи фаъолияти дорои робитаи мутақобилаи омӯзгорон ва донишҷӯён дар омӯзиш коркард карда шуд, ки дар он ҳам давраҳои асосии

фаъолияти зеҳнии донишҷӯён амалӣ карда мешаванд. Дар марҳилаҳои асосии раванди таълимӣ фаъолияти зеҳнии донишҷӯ вазифаҳои мухталифро иҷро менамоянд: пешгӯикунанда, мундариҷавӣ, рефлексивӣ, умумигардонӣ ва ғайра. Ҳангоми банақшагирии донишҳо мувофиқи мақсад аст, ки дар баробари вазифаҳои мундариҷавӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда дар асоси баҳисобгирии вазифаҳои (функсияҳои) тафаккур дар омӯзиш ва барномаи таҳиягашта инкишофи малакаи зеҳнӣ нишон дода шаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихӣ-мантиқӣ ва низомии маҳфуми моҳият ва раванди фаъолияти зеҳнии донишҷӯён ба ҳайси объекти инкишофдиҳанда, мураккаб таърифи кории тафаккурро дар омӯзиш аниқ намуданд ва хусусиятҳои дидактикии онро ҳамчун қобилияти умумии шахсият муайян кард, ки асоси амалиётиро дар ба даст овардани мақсадҳои омӯзиш мебинад. Инкишоф додани тафаккури донишҷӯ маънои роҳбарии раванди азхуднамоии давравии донишҳо, омӯзиши усулҳои фаъолияти зеҳнӣ ва баъзе усулҳои дарки илмиро дорад, ки ба синну соли донишҷӯ мутобиқ гардонида шудаанд, тарбияи сабабҳои пурарзиши таълимот ва дар ин асос - ҷаҳонбинии ӯ мебошанд. Талаботи дидактикии ташаккули тафаккури донишҷӯро қобилияти иҷрои вазифаҳои сатҳҳои мухталифи мураккабӣ, ташаккулёбии малакаҳои асосии зеҳнӣ бар асоси барномаҳои коркардшудаи инкишофи зеҳнӣ ҳисоб карда мешавад.

Ҷузъҳои асосии фаъолияти зеҳнӣ миёни худ ба таври мураккаб ва дидактикӣ алоқаманд мебошанд. Тафаккури донишҷӯён ба таври ғайри мунтазам на танҳо аз нуқтаи назари синну солӣ, балки аз нуқтаи назари ҷузъҳои асосии он инкишоф меёбад: раванди ҷамъоварӣ намудани донишҳо метавонад ба ташаккули усулҳои зарурии фаъолият мусоидат намояд ва сабабҳо на ҳамеша ба сатҳҳои ташаккули донишҳо ва усулҳои кор мутобиқат менамоянд.

Барнома ва низоми ташаккули тафаккури донишҷӯён мутобиқати азхуднамоии донишҳо ва усулҳои фаъолияти зеҳниро дар ягонагӣ ва робитаҳои мутақобила бо тарбияи ваҷҳҳои мусбат таъмин менамоянд,

пешравии фаъолияти зеҳнии донишҷӯён аз сатҳи таҷрибавӣ ба назариявӣ, низомнокӣ, мақсаднокии омӯзиш ва инкишофи донишҷӯён якҷо бо тарбия, ба омӯзгорон усулҳои илман асосдори омӯзиши инкишофёбандаро таъмин менамояд [131, с.48].

Тафаккур иттилоотро коркард менамояд, ки дар ҳиссиёт ва идрок ҷой доранд, натиҷаҳои кори зеҳнӣ бошад дар амал санҷида шуда, истифода мешаванд. Тафаккури шахси калонсол бо нутқ робитаи ногусастанӣ дорад. Фикр наметавонад бидуни нутқ ба вуҷуд ояд ва амалӣ карда шавад. Мо тавассути калимаҳо фикр меронем, ки онҳоро бо овоз такрор менамоем ё ин ки аз диламон мегузаронем, яъне тафаккур дар шакли нутқ ба амал меояд. Шахсоне, ки ҳамзамон чанд забонро хуб медонанд, онҳо ба хубӣ дарк менамоянд, ки дар ҳар лаҳзаи муайян бо кадом забон фикр намоянд. Дар нутқ фикр на танҳо шакл мегирад, балки ташаккул ва инкишоф меёбад.

Одамон бо якдигар муошират намуда, аз калимаҳо ва аз қоидаҳои имлоии ин ё он забон истифода менамоянд. Забон низоми аломатҳои калимавӣ мебошад. Забон воситаест, ки бо ёрии он муошırати миёни одамон амалӣ карда мешавад. Нутқ - раванди истифодабарии забон бо мақсади муошırати одамон мебошад. Забон ва нутқ робитаи ногусастанӣ доранд, аз худ чизи ягона ва комилро мемонанд, ки дар он зуҳур меёбад, ки таърихан забони дилхоҳи халқ дар раванди муошırати нутқии одамон таъсис ва инкишоф ёфтааст.

Яке аз вазифаҳои нутқ - хидмат намудан ҳамчун воситаи муошират миёни одамон мебошад. Дигар вазифаи муҳимтарини нутқ аз он мавқеъ бар меояд, ки тафаккур дар шакли нутқ амал менамояд, яъне нутқ воситаи фикррОнӣ мебошад. Фаъолияти зеҳнии одамон бо ёрии амалиётҳои фикрӣ ба амал меояд: муқоиса, таҳлил ва синтез, абстрактсия, умумигардонӣ ва мушаххаскунӣ.

Ба мо маълум аст, ки муқоиса- муқоисакунии ашё ва зуҳурот бо мақсади дарёфти монандӣ ва фарқият миёни онҳо мебошад.

Таҳлил бошад - ба таври фикрӣ ҷудо намудани ашё ё зуҳурот ба қисматҳои алоҳидаи ташаккулдиҳандаи он, дар он ҷудо намудани қисмҳои алоҳида, нишонаҳо ва сифатҳо мебошад.

Синтез- васлкунии фикрии ҷузъҳои алоҳида, қисмҳо ва нишонаҳо ба як чизи ягона ва пурра мебошад. Таҳлил ва синтез робитаи ногусастанӣ доранд, бо якдигар дар раванди идрок ягона мебошанд: мо он чизеро таҳлил менамоем, ки аз лиҳози синтетикӣ ягона мебошад ва он чизеро синтез менамоем, ки аз лиҳози таҳлилӣ ҷудо карда шудааст. Таҳлил ва синтез - амалиётҳои муҳимтарини фикрӣ мебошанд, дар ягҷоягӣ онҳо донишҳои пурра ва ҳамаҷонибаи воқеъиро пешниҳод менамоянд.

Абстрактсия бошад - фикран ҷудо намудани сифатҳо ва нишонаҳои муҳими ашё ё зуҳурот ҳангоми дар як вақт таҷрид аз сифатҳо ва нишонаҳои ғайримуҳим мебошад. Абстрактсия бар асоси умумигардонӣ - фикран муттаҳид намудани ашё ва зуҳурот ба гурӯҳҳо аз рӯи он нишонаҳои умумӣ ва муҳим мебошад, ки онҳо дар раванди абстраксиякунӣ ҷудо мешаванд.

Се шакли асосии тафаккурро фарқ менамоянд: маҳфум, мулоҳиза ва хулосабарорӣ (натиҷагирӣ).

Маълум аст, ки мисли дигар равандҳои равонӣ, фаъолияти фикрии одамон бо хусусиятҳои инфиродии зиёд фарқ менамояд. Хусусиятҳои инфиродии фаъолияти фикрии инсон, пеш аз ҳама, натиҷаи инкишофи ақли ӯ дар раванди ҳаёт, дарки вақеъият ва раванди омӯзиш мебошад. Тафаккур - фаъолияти бисёр мураккаб ва бисёрҷонибаи психологӣ мебошад. Таърифи он наметавонад содда ва якмаъно бошад. Фарқияти фаъолияти фикрии одамон дар сифатҳои мухталифи идрок инъикос меёбад. Ҷанбаъҳои асосӣ миёни онҳо мустақилӣ, васеъ будани тафаккур, чандирии фикр, суръати баланд ва танқиднамоии ақл мебошанд. Ин сифатҳои тафаккур(ё сифатҳои ақл) ба як навъ хусусиятҳои шахсияти инсон табдил меёбанд.

Мо мехоҳем инчунин онро қайд намоем, ки мустақилии тафаккур бо маҳорати одам дар пешниҳод намудани вазифаҳои нав ва дарёфти роҳҳои дурусти ҳалли онҳо, бидуни кӯмаки дигар одамон арзёбӣ мегардад. Омӯзгорон зуд-зуд бо тафаккури мустақилона ва ғайримустақилонаи донишҷӯён рӯ ба рӯ мегарданд. Тарбияи тафаккури мустақилонаи донишҷӯён - яке аз вазифаҳои муҳимтарини муассисаҳои олии таълимии муосир мебошад.

Албатта, вусъати тафаккур дар фаъолияти маърифатии инсон таҷассум

меёбад, ки соҳаҳои мухталифи фаъолиятро дарбар дорад ва бо ҷаҳонбинии васеъ ва кунҷковии бисёрҷониба робита дорад.

Қобили зикр аст, ки чандирии тафаккур дар озодии фикррони̅ аз усулҳо ва роҳҳои дар таҷрибаи гузашта муқаррарнамудаи ҳалли вазифаҳо таҷассум меёбад.

Суръати тафаккур ҳамчунин нақши муҳимро бози̅ менамояд, ки ба инсон имкон медиҳад, то вазъияти мураккабро зуд дарк намояд, зуд фикр карда қарори дурустро қабул кунад. Аз суръати тафаккур шитобнокии тафаккурро бояд фарқ намоем.

Ҳамин тавр, шитобнокии тафаккур - ҳамчунин сатҳи тафаккур мебошад, дар ҳоле ки инсон як ҷониби масъаларо фаро мегирад ва қобилияти баррасии онро бо тамоми мураккабиаш надорад.

*Тафаккури интиқоди̅* бошад - маҳорати инсон барои арзёбии объективонаи фикрҳои худ ва бегона мебошад, санҷиши амиқ ва ҳамаҷонибаи муқаррарот ва хулосаҳои пешниҳодшаванда мебошад.

Инсон метавонад бо дараҷаи гуногуни умумигардони̅ фикр намояд, бо дараҷаи зиёдтар ё камтар ба раванди тафаккур барои даркнамои̅, тасаввурот ё маҳфумҳо такя намояд. Вобаста аз ин се намуди тафаккур фарқ карда мешаванд: предмети̅-амали̅, возеҳ-тасвири̅ ва абстракти̅.

Тафаккури предмети̅-амали̅ - намуди тафаккур аст, ки бо амалҳои амали̅ аз предмет алоқаманд мебошанд.

Тафаккури возеҳ-тасвири̅ - намуди тафаккур мебошад, ки ба идрок ё тассавурот такя менамояд.

Тафаккури абстракти̅ донишҷӯён ва калонсолонро аз рӯи афзалиятҳояшон арзёби̅ менамояд. Он бо маҳфумҳо, аёнияти бевосита, идрок ё тасаввурот хос аст.

Намудҳои нишондодашудаи тафаккур ба одамони синну соли гуногун хос мебошанд. Нутқи инсонҳо вобаста аз шароити мухталиф хусусиятҳои худро касб менамояд. Мутобиқ ба ин, намудҳои мухталифи нутқро ҷудо мекунанд. Пеш аз ҳама, нутқи зоҳири̅ ва ботиниро фарқ мекунанд. Нутқи зоҳири̅ метавонад шифоҳи̅ ва хатти̅ бошад. Дар навбати худ нутқи шифоҳи̅ ба монологи̅ ва диалоги̅

тақсим мешавад.

Нутқи ботинӣ барои муошират намудан хидмат мекунад. Аз ин лиҳоз, нишонаи асосии он - даркнамудан аз ҷониби дигар одамон мебошад. Вобаста ба ин, бо ин мақсад садоҳо ва рамзҳои хаттӣ, нутқи шифоҳӣ ва хаттиро фарқ менамоянд. Ҳангоми нутқи шифоҳӣ инсон шунавандагонро дарк мекунад, аксуламалҳоро нисбат ба суханони худ мушоҳида мекунад. Нутқи хаттӣ бошад, ба хонандаи ҳузурнадошта равона карда шудааст, ки нависандаро на мебинад ва на мешунавад, чизи навишташударо танҳо баъд аз чанд муддат мехонад.

Вобаста ба шароити мухталифи муошират нутқи шифоҳӣ ҳар намуди нутқи диалогӣ ё монологиро касб менамояд.

Нутқи диалогӣ муошират, сӯҳбати ду ё чанд шахс мебошад, ки бо навбат сухан мегӯянд. Ва мо меҳисобем, ки чунин намуди кор ҳам дар инкишофи нутқ басо самаранок мебошад.

Нутқи монологӣ дар назар дорад, ки як шахс сухан меронад ва дигарон танҳо гӯш мекунанд, яъне онҳо дар раванди гуфтугӯ иштирок намекунанд. Ба шаклҳои монологии нутқ лексияҳо, маърӯза, баромадҳо дар ҷаласаҳо таалуқ доранд, ки онҳо ҳамчунин ба инкишофи нутқ мусоидат менамоянд.

Нутқи ботинӣ - раванди дохилии бесадои нутқӣ мебошад. Нутқи ботинӣ - пардаи нутқии тафаккур аст. Он бисёр кӯтоҳ аст, қариб ки ҳаргиз дар намуди ҷумлаҳои комил вуҷуд надорад. Ба кӯмаки нутқи ботинии ботафсил одатан дар он ҳолатҳо назар менамоянд, ки дар раванди тафаккур мушкилиҳо пеш меоянд, вале дар баробари ин тафаккури мустақилона инкишоф меёбад.

Қобилият ба тафаккур тадриҷан дар раванди инкишофи шахс ташаккул меёбад ва инкишофи фаъолияти маърифатии шахс мебошад. Маърифат аз инъикоси воқеъияти майнаи сар дар эҳсосот ва даркнамоӣ, ки асоси эҳсосотии тафаккурро ташкил менамояд, оғоз мегардад.

Ба ақидаи С.Л. Рубинштейн, вазифаи аввали таҳқиқоти психологӣ - омӯзиши равандҳои равонӣ, фаъолияти равонӣ мебошад. Ҳамин тавр, таҳқиқоти тафаккур бояд, пеш аз ҳама онро бояд ҳамчун раванди таҳлил, синтез, умумигардонӣ ошкор намояд. Ҳангоми даркнамоӣ натиҷаи онтальати предмет дар

тафаккур гӯё берун аз раванд баромад менамояд, зеро охирин дарк карда намешавад. Дар ҳолати мазкур таҳқиқоти психологӣ бояд шароити ҷараёни равандро тағйир дода (ташкил намудани шароити мураккаби дарки предмет, рӯ овардан ба марҳилаҳои аввалияи ташаккули идрок), ба ҳар лиҳоз раванди даркнамоиро ошкор намояд (аз ҷумла, босира), таҳлили синтез, ки бо таҳлили ҷонибҳо ҷудо карда шудааст. Бо назардошти ин, зарур аст, ки раванд ва фаъолиятро ҷудо намуд. Фаъолият, пеш аз ҳама, фаъолияти инсон мебошад. Он ҳамгироии доимии субъект бо ҷаҳони атроф аст.

Тафаккур ҳамчун фаъолият баррасӣ карда мешавад, ҳангоме ки ваҷҳҳои инсон ба инобат гирифта мешаванд, муносибати ӯ нисбат ба вазифаҳо, ки ӯ онҳоро ҳал менамояд. Ин нақшаи (пеш аз ҳама ҳавасманднамоӣ) шахсии фаъолияти зеҳнӣ мебошад. Тафаккур аз нуқтаи назари мурофиавӣ баромад менамояд, ҳангоме ки ҳайати мурофиавии фаъолияти зеҳнӣ, яъне равандҳои вазифаҳои зеҳниро меомӯзанд. Ба ақидаи С.Л. Рубинштейн, раванди воқеъии тафаккур, чи тавре, ки он дар воқеъият дода шудааст, аз худ фаъолиятро мемонад (инсон фикр мекунад, на ин ки фикр ба сараш меояд) ва раванд ё фаъолият, ки маҷмӯи равандҳоро дар худ нигоҳ медорад(абстраксия, умумигардонӣ ва ғайра).

Ҳамчунин, зикр намудан муҳим аст, ки тафаккур, идрок ва ғайра, мисли раванди афзалиятнок ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, омӯзиши ҷанбаи мурофиавии равон маънои таҳқиқоти амиқтари субъект ва фаъолияти онро дорад.

Бидуни муқаррар намудани равонӣ мисли раванд пайдоиш ва ташаккулёбии ҷузъҳои фаъолиятро (мақсадҳо, амалиётҳо ва ғайра) дарк намудан ғайриимкон аст ва умуман таносуб миёни онҳо дар хусусияти психологии онҳо. Ба таври дигар гӯем, ҳамгироии инсон бо ҷаҳон на танҳо дар сатҳи фаъолият омӯхта мешавад, балки дар«дохили» он дар сатҳи равонӣ мисли раванд.

Аз нуқтаи назари С.Л. Рубинштейн, ба ин ё он назарияи тафаккур, умуман равонӣ, таърифи муайяни омӯзиш (ва тарбия) комилан мутобиқат менамояд. Аз ин бар меояд, ки ҳам барои назария ва ҳам барои амалия зарур аст ба инобат гирифт, ки тамоми «маълумотҳои» фаъолияти зеҳнӣ -

маҳфумҳо, донишҳо, талъатҳо, амалиётҳо, амалҳои зеҳнӣ ва ғайра - бояд дар таҳқиқоти психологӣ ҳамчун натиҷаи равандҳои равонӣ муқаррар карда шаванд [145, с.57].

Дар рафти озмоишҳои лаборатории сершумор, ки аз ҷониби психологони мухталиф аз нуқтаи назарҳои мухталиф гузаронида шуда буданд ва дар раванди омӯзиши проблемавӣ имкониятҳои бузургу то ҳанӯз дар инкишофи тафаккури донишҷӯёни муосир истифоданашаванда ошкор гардиданд.

Дар ин замина, махсусан фаҳмо ва чун пештара оядадор мебошад назарияти тафаккур ва нутқи С.Л. Рубинштейн, ки ба сифати мустақил (ва баробарҳуқуқ бо вазифаҳои коммуникативӣ) вазифаи семантикии нутқро инкор менамояд. Охир ин набояд ва наметавонад бо худ тафаккурро иваз кунад, зеро тамоми мундариҷаи аҳамиятноки он худ аз худ, балки дар рафти фаъолияти маърифатии (аз он ҷумла зеҳнӣ) субъект ташаккул намеёбад. Бо ҳамаи робитаи ногусастании худ бо нутқ тафаккур, дар ҳар сурат дорои механизмҳои махсус мебошад, ки ба нутқ рабт дода намешавад.

Хусусияти асосии тафаккур ҳамчун раванд - ин муттасилии махсуси он мебошад, ки континуалӣ-генетикӣ мебошад (на дизъюнктивӣ, адихотомӣ): бо воситаи гузаришҳои динамикии муштарак ҳамаи марҳилаҳои раванди зеҳнӣ пайваста яке аз дигар бар меояд ва аз ин лиҳоз гуногун боқӣ монда, онҳо ба таври оптикӣ аз якдигар бо тафовут аз давраҳои алоҳидаи амалнамоии дилхоҳ монд, бо тафовут аз ҷумъҳои бисёрии математикӣ фарқият дорад. Аз ҷумла, равон аслан муттасил амал менамояд(пеш аз ҳама, дар сатҳи бешуурӣ) аз таволид то марги ҳар як индивид, ин маънои онро дорад, ки вайро фаъол ё хомӯш намудан ғайриимкон аст, ба мисли занҷираи электрикӣ ва ё дигар низоми техникӣ.

Мо метавонем бо он розӣ шавем, ки тафаккур мисли раванд дар ҳолати проблемавӣ оғоз мегардад. Дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани марҳилаи аввал ё марҳилаи охирин, ки он ҳолати охирини он мебошад ва маҳсулотиояндаи онро ташкил менамояд. Дар тамоми раванди тафаккур ин натиҷаи оянда ба дараҷаи зиёдтар ё камтар пешакӣ пай бурда мешавад. Ин маънои онро надорад, ки аз оғоз ҳолати амиқи ҷамъбастӣ ба сифати пешакӣ додашуда ва намунаи аёнӣ мавҷуд аст, ки бо он

натиҷаҳои фосилавии тафаккурро муқоиса намудан мумкин аст. Пешгӯии фикрии ҷустуҷӯшаванда бидуни чунин намуна амалӣ карда мешавад. Ин яке аз хусусиятҳои асосии худтанзимкунии тафаккур мебошад, дар тафовут аз детерминатсияи равандҳои номураккаб, ки танҳо ё зиёдтар дар асоси робитаи баргашта ба танзим даровարда мешаванд. Дар раванди пешгӯии ҳалли вазифаҳои зеҳнӣ инсон худаш талаботҳои эъимодноктари худ арзёбии ҳар як фикри худро коркард менамояд.

Маълум аст, шахсият субъекти амалӣ ва назариявии фаъолияти индивид мебошад. Аз ин бар меояд, ки ҷанбаи шахсии тафаккур ҷанбаи фаъолияти ӯ мебошад, ва тафаккур мисли фаъолият нақшаи шахсии он мебошад, дар ин ҷо ду сатҳи гуногун не, балки якто, ягона - сатҳи шахсии тафаккур мебошад. Бо тафовут аз ин тафаккур ҳамчун раванд - бо тамоми робитаҳои ногусастанӣ бо шахсият - зиёдтар худмухтор аст: инсон метавонад худро барои ҳалли вазифа ё проблемаи муайян маҷбур созад, вале ӯ наметавонад онро ҳал кунад ё ин ки дар рафти тафаккур ҳамчун раванд мавҷуд намебошад, ин натанҳо аз кӯшишу заҳматҳои шахсӣ вобастагӣ дорад.

Дар рафти таҳқиқотамон мо муайян намудем, ки дар психологияи синну солӣ донишҷӯ одатан ба ҷавонӣ рабт медиҳанд. Мундариҷаи амиқи ҷавонӣ, ҳамчун марҳилаи камолоти шахсият пеш аз ҳама бо шароитҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Маҳз аз шароитҳои иҷтимоӣ мавқеи ҷавонон дар ҷомеа, андозаи донишҳо, ки онҳо бояд онро аз худ намоянд ва ғайра вобастагӣ дорад, ҷавонон дар муассисаҳои олии таълимӣ, ҳунаристонҳо, техникумҳо таҳсил менамоянд, баъзе аз онҳо ҳам таҳсил мекунанд ва ҳам фаъолияти меҳнатӣ менамоянд. Ҳамаи онҳо дар айёми ҷавонӣ қарор доранд - дар синну соли басо мураккаб ва муҳими ташаккулёбии шахсият.

Барои донишҷӯён - гуногунии мавқеи иҷтимоии онҳо басо муҳим мебошад. Аз як ҷониб, проблемаҳое, ки аз даврони наврасӣ мавҷуданд, ба ташвиш меоранд. Аз ҷониби дигар, дар назди онҳо вазифаҳои худмуайянкунии ҳаётӣ меистанд. Маҳз дар асоси ҳолати нави иҷтимоии инкишоф дар мундариҷа ва қиёси тамоюли асосии ҳавасмандии донишҷӯён, ки тағйирёбӣ ва дигар

хусусиятҳои психологии ӯро муайян менамоянд, тағйиротҳои куллӣ ба амал меоянд.

Омодагӣ ба худмуайянкунӣ дар донишҷӯён ташаккулёбии мафкураи устувори интихобшуда дар бораи ӯҳдадориҳои худ ва ҳуқуқҳояшон нисбат ба ҷомеаро дар назар дорад.

С.Л. Рубинштейн менавист: «Ба он дараҷае, ки инсон таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меорад, дар назди ӯ на танҳо ҳамаи ҷонибҳои ҳаёт кушода мешаванд, балки азнав дарки ҳаёт ба таври зиёдтар ё камтар ба амал меояд. Ин раванди аз нав дарки он, ки аз тамоми ҳаёти инсон мегузарад, мундариҷаи аз ҳама пинҳон ва асосии моҳияти дохилии ӯро ташкил мекунад, ки сабабҳои амалҳои ӯро ва моҳияти дохилии он вазифаҳое, ки вай дар ҳаёташ амалӣ менамояд, муайян месозад» [145, с.49].

Хусусиятҳои синну солӣ тамоюли муайяни инкишофи инсонро дар марҳилаи мазкури синну солӣ маънидод менамояд ва ҳамеша дар шакли вариантҳои инфиродии инкишофи шахсияти кӯдакони муайян мавҷуд мебошад. Инкишофи шахсият- раванди мураккаб ва дуру дароз мебошад, ки бояд ба ташаккулёбии шахсият ё ин ки шахсияти комил оварда расонад.

Чӣ тавре ки ба мо маълум аст, синну соли донишҷӯӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, бисёре аз таҳқиқотҳо, ки ба ин синну сол дахл доранд, ба давраи наврасии инкишоф рост меояд. Синну соли донишҷӯӣ ҳамчун синну соли хотима ёфтани дигаргуниҳо, ки дар миёни наврасон ба вуҷуд меоянд, баррасӣ карда мешуд, на ҳамчун барқарор шудани хусусиятҳои сифатан нави шахсияти ӯ.

Ҳолати иҷтимоии инкишофро дар синну соли калон таҳлил намуда, мо метавонем он омилро қайд намоем, ки донишҷӯ дар арафаи ворид шудан ба ҳаёти мустақилона меистад.

Тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилии донишҷӯён дар назди ҳар як омӯзгор ҳамчун вазифаи дорои аҳамияти аввалиндараҷа меистад.

Оид ба ташаккулёбии мустақилии таълимии донишҷӯён ҳарф зада, бояд ду ҷониби проблемаро ба инобат гирифт. Якумаш аз инкишоф додани

мустақилӣ дар фаъолияти маърифатӣ иборат аст, омӯзонидани донишҷӯён барои мустақилона аз худ намудани донишҳо, ташаккул додани ҷаҳонбинии худ; дуюмаш аз он иборат аст, ки донишҳои мавҷударо дар омӯзиш ва фаъолияти амалӣ истифода бурда тавонанд.

Маҳорат - ин имконияти иҷро намудани амалҳо мутобиқ ба мақсадҳо ва шароитҳо, ки инсон ба онҳо такя менамояд.

Маҳорати таълимиро аз нуқтаи назари фаъолият синфбандӣ намуда намудҳои асосии зеринро ҷудо намудан мумкин аст: маърифатӣ, амалӣ, ташкилӣ, худназоратнамоӣ ва арзёбӣ.

Дар корҳои психологҳо ва дидактҳо асосҳои назариявии ташаккулёбии маҳорат, ки дорои хусусияти гузаштанро дар дохили предмети алоҳида ё мавзӯъро доранд, ба назар мерасанд.

Дар асоси усулҳои пешниҳодшудаи ташаккулёбии маҳорати умуминамуда, аз ҷониби мо назарияи фаъолият, ки аз ҷониби психологи шуравӣС.Л. Рубинштейн ва А.И. Леонтьев таҳия карда шудааст, ва дар бораи намудҳои самтгирӣ, ки аз ҷониби психологони собик шуравӣ П.Я. Галпериний ва Н.Ф. Тализина коркард шудааст, гузошта шуд.[97, 214с.].

Дар замони мо, замони паҳншавии васъи адабиёти даврӣ, радио, телевизион, ҳангоме ки донишҷӯ иттилооти зиёдро аз ҳаёти атроф ба даст меорад, ҳангоме ки раванди омӯзиш дигар сарчашмаи ягонаи он намебошад, ҳар як донишҷӯ аз дигарон на танҳо бо андозаи донишҳои худ фарқ менамояд, балки бо он низоми ба даст оварии динишҳо, ки дар ӯ ташаккул меёбад. Натиҷаи фаъолияти худомӯзиши донишҷӯён аз рӯи фанҳои алоҳида ба он дараҷа барҷаста мешавад, ки танҳо онро омӯхта, ба инобат гирифта ва аз болои онҳо роҳбарӣ намуда, омӯзгор метавонад омӯзиши худро барои донишҷӯён самаранок ба роҳ монад.

То ҳол таснифи умумиэътирофшудаи категорияи тафаккури мустақил мавҷуд нест. Ба баррасии таснифоти додаи муаллифони мухталиф дода нашуда, таснифоти худро медиҳем. Тафаккури мустақил- ин фаъолияти мақсаднок, ба низом даровarда шуда, аз ҷониби худи донишҷӯ идорашаванда мебошад, ки барои такмили маълумоти ӯ зарур аст. Дар баробари ин донишҷӯ худаш (ё бо кӯмаки роҳбараш)

мақсади таълимӣ, мундариҷаи фаъолияти маърифатӣ, андоза ва ташкили кори худашро муқаррар менамояд.

Тафаккури мустақил - ин пеш аз ҳама маърифат мебошад. Нишон додан ба мақсаднокӣ ва низомдориаш имкон медиҳад онро аз фаъолияти маърифатии бенизом, номуташаккил ҷудо намоем. Ҳамин гуна, агар ташриф овардани донишҷӯ ба намоишгоҳ ба низоми умумии таълимиэстетикии ӯ дохил шавад, пас яқин аст, ки яке аз ҷузъҳои худомӯзиш мешавад, дар акси ҳол - не. Дар таснифот қайд шудааст, ки ин фаъолият аз ҷониби донишҷӯ идора карда мешавад (ҳарчанде, ки метавонад зери роҳбарии омӯзгор, ва инчунин роҳбарони шаклҳои иловагии таълимот гузарад). Бо ҳамин роҳ мо тафовути онро аз дигар шаклҳои корҳои мутақилона қайд менамоем, ки аз ҷониби омӯзгор дар низоми омӯзиш, нowобаста аз вазни қиёсӣ, дар онҳо маърифати мустақилона ташкил карда мешаванд. Ҳамаи намудҳои корҳои мустақилонаи таълимӣ, ки дорои мавқеи ҳатмӣ мебошанд, мумкин нест, ки ба худомӯзиш рабт диҳем.

Яке аз сабабҳои паҳнгардида, ки маҷбур менамояд донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимиро ба худомӯзиш ҷалб намояд, сабабҳои аҳамиятноки иҷтимоӣ мебошанд, ки бо амалисозии идеалҳо ва нақшаҳои ҳаётии донишҷӯён алоқаманд мебошанд. Маҳз онҳо ба худомӯзиш устуворӣ, мақсаднокӣ, низомнокиро медиҳанд.

Омӯзиши ҷонибҳои мурофиавии маърифати мустақилона дар шакли худомӯзиш нишон дод, ки, агар он ҳамчун ба омӯзиш ҳамрадиф ва мутақобил ба он сохта шавад, пас дар ин ҳолат омӯзиш на танҳо мундариҷаи худомӯзишро муайян менамояд, балки раванди онро ҳам. Дар шароити худомӯзишӣ ҳамрадиф дар аксар маврид нопурра мебошад, зеро риштаҳои алоҳидаи он дар раванди кори омӯзишӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми азхуднамоии мустақилонаи иттилооти иловагӣ донишҷӯ одатан ба он тасаввуроти амиқе такя менамояд, ки дар фанни мазкур ҳангоми таълимомӯзӣ, ҳангоми машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ зери роҳбарии омӯзгор ба даст овардааст. Ӯ маълумотҳои мустақилона ба даст овардаашро ба низоми донишҳо ҳамроҳ менамояд, ки дар дарсҳо ташаккул меёбад ва ин имкон медиҳад онҳоро назорат намуда, аз нав дарк намуд.

Омода намудани насли ҷавон ба худомӯзиш ва зарурияти омӯзонидани

донишҷӯён ба маҳорати омӯзиши мустақилона дар тамоми давраҳои инкишофи мактаби олии таълимӣ муҳим буд.

Гурӯҳи дидактонро ҷудо намудан зарур аст (Н.Г. Дайри, И.Я. Лернер, М.Н. Скаткинва дигарон), ки дар макони асосии таҳқиқотҳои худ ҷониби ташкилӣ неву, мундариҷавии кори мустақилонаи донишҷӯёнро мегузоранд. Бартарияти он, пеш аз ҳама аз ҷониби он мустақилии зеҳнӣ арзёбӣ карда мешавад, ки донишҷӯ ҳангоми иҷрои корҳо зуҳур менамояд.

Ба омӯзиши махсус вазифаҳои маърифатӣ фаро гирифта мешавад, махсусан корҳои эҷодӣ (корҳои И.Я. Лернер, М.И. Махмутов, Д.В. Вилкеев). Кӯшишҳои таҳия намудани синфбандии онҳо, таъсис додани низом, ки тарбияи фаъолнокии эҷодӣ ва мустақилиро дар ба даст овардани донишҳо таъмин менамояд, андешида мешаванд.

Бо сабаби он, ки донишҷӯ ҳамчун субъекти маърифатӣ бештар огоҳи меёфтагӣ шуд, таҳқиқотҳои махсус пайдо мегарданд, ки ба омӯзиши ҷониби мурофиавии фаъолияти маърифатии донишҷӯён бахшида шудаанд. Дар ин асно кори Л.П. Аристова басо ҷолиб мебошад, ки фаъолнокии донишҷӯро дар раванди омӯзиши ба хусусияти маърифатӣ рабт медонад.

Ба ҳамон проблемаи фаъолнокӣ Л.И. Божович, Н.А. Менчинская, Ю.А. Самарин ва дигар психологон ишора менамоянд, ки қайд мекунанд - дониш ҳамеша натиҷаи нерӯи шахсии донишҷӯён мебошад.

Ҳамаи ин ба баъзе таҳқиқгарон имкон медиҳад, бо асоси бештар, назар ба давраи гузашта, дар бораи наздикшавӣ ва дар баъзе вақт шабоҳат ёфтани намудҳои корҳои мустақилона гап занем, ки донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи донишҳо бо худомӯзиш ҷалб менамояд.

Фарқ миёни ин ду намуди фаъолият, ба ҳар ҳол мо эътироф менамоем, ки танҳо ба таври васеъ ворид намудани маърифати мустақилона ба раванди таълимот, имкон медиҳад масъала дар бораи омода намудани донишҷӯён ба худомӯзиш заминаи воқеӣ хоҳад гузошт.

Қобили қайд аст, ки маҳз аз нуқтаи назари амалӣ намудани ин самти ояндадор кори Г.С. Закиров навишта шудааст, ки ба масъалаҳои худомӯзиш

бахшида шудааст. Дар он муаллиф вазифаи ташаккулёбии эҳтиёҷот дар худомӯзӣ тавассути омӯзиш ҳал менамояд.

Бо тарбияи маърифати мустақилона миёни донишҷӯён проблемаи омода намудани донишҷӯён ба худомӯзиши Л.Г. Кофтун вобастагӣ дорад.

Дар системаи фаъолнокнамоии раванди таълимот вазифаи ташаккул додани эҳтиёҷот дар худомӯзиш дар таҳқиқотҳои М.Г. Кузмина, Н.Г. Ковалевский, Б.Ф. Райский ҳал карда мешавад.

Айни замон проблемаи ташаккулёбии маҳорати мустақилона кор кардани донишҷӯён, ҳамчун шарти зарурии ба худомӯзиш ҳамроҳ намудани он (корҳои И.А. Редковец, Н.Д. Рванова) ба таври васеъ баррасӣ карда мешавад ва дар робита бо ин, усулҳои ташаккулёбии чунин маҳоратҳо мисли маърифати мустақил, мисли маҳорати тартиб додани нақша, навиштани конспект, пешбурди қайдҳои корӣ таҳия карда мешаванд.

Ҳамаи ин корҳо, бечунучаро, дар ҳалли проблемаи ташаккулёбии омодагии донишҷӯён ба худомӯзиш кӯмак мерасонанд, вале онҳо фаъолияти маърифати худомӯзишро дар маҷмӯъ баррасӣ нанамуда, қодир нестанд низоми омодагӣ ба онро пешниҳод намоянд.

Ташаккулёбии шахсияти донишҷӯро баррасӣ намуда, мо қайд намудем, ки ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён нақши калон мебозад. Ба ҳолати ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ дар давраи синну соли донишҷӯӣ аксар психологон ва педагогҳо, ки масъалаи зеринро омӯхтаанд, ишора менамоянд.

Мо инчунин муқаррар намудем, ки басо хос барои раванди таълимӣ дар муассисаи олии таълимӣ инчунин он мебошад, ки бо дигар донишҳо робита гузаронида мешавад ва бо чунин роҳ низоми донишҳо таъсис дода мешавад.

Чи тавре ки маълум аст, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, самти муайяни шахсияти донишҷӯро тавлид менамояд ва ба ҳамаи равандҳои равонӣ ва функсияҳо дар ин синну сол осоре боқӣ мегузорад.

Психологон ва педагогон (Ю.А. Самарин, Н.Д. Левитов, М.М. Рубинштейн, Т.Е. Конникова, Э. Штерн, Э. Шпрангер ва дигарон) дар таҳқиқотҳои худ рағбати донишҷӯёнро ба ҳалли проблемаҳои умумии маърифатӣ ва ошкор

намудани арзишҳои ҷаҳонбинӣ ва ахлоқӣ қайд менамоянд.

Дар назарияи муосири омӯзиш, таҳқиқоти масъалаҳои зиёди дидактикӣ ба ташаккулдиҳии шахсияти фаъол, эҷодии донишҷӯ равона карда шудаанд. Инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти инсони наврас бо шарофати иштироки ӯ дар намудҳои мухталифи фаъолият ба амал меояд. Дар илми педагогӣ ва амалия фонди барҷастаи таҳқиқотҳо аз рӯи проблемаҳои алоҳидаи фаъолияти маърифатӣ, меҳнатӣ, бадеӣ, эстетикӣ, ҷамъиятӣ, ташаббуси эҷодии донишҷӯён мавҷуданд.

Масъалаҳои вобаста бо ҷалб намудани донишҷӯёнро ба муошират дар муддати зиёд таҳқиқ намуда, ки дар зуҳуроти бисёрҷонибаи худ кушода мешаванд, ба мубодилаи таҷриба, дониши донишҷӯён, мусоидат намуда, онҳоро ба арзёбии амалҳои рафиқонашон водор мекунанд.

Ҳаёти инсон бидуни фаъолияти нутқӣ имконнопазир аст, ки на танҳо ба мубодилаи донишҳо, таҷриба мусоидат менамояд, балки ба муошират маънавии одамон.

Барои педагогика, равандҳои омӯзиш ва тарбия, барои раванди педагогӣ дар маҷмӯъ, фаъолияти нутқӣ дорои имконияти анҷомнашаванда мебошад. Он ба таври органикӣ ба дилхоҳ фаъолияти одамон ворид мешавад, дар сохтори он, ташкили он иштирок менамояд.

Фаъолияти нутқӣ ҳамчун ҷониби ҷудонашаванда ҳатмии раванди таълим, ҳамчун омиле, ки ба малакаи педагогии омӯзгор, равандҳои таълиму тарбия мусоидат менамояд, таҳқиқ карда мешавад.

Ташкили фаъолияти нутқии донишҷӯён роҳбарии зарурииро аз ҷониби ҳар як омӯзгор тақозо менамояд, ки бояд онро ҳамчун вазифаи ҷудонашавандаи иҷтимоӣ-педагогии фаъолияти ҷузъии худ баррасӣ намояд.

Фаъолияти нутқӣ ба ташаккулёбии мавқеи фаъоли донишҷӯён дар фаъолияти маърифатӣ, ташаккул ёфтани муносибати мусбии он нисбат ба таълимот ва ба муошират мусоид мусоидат менамояд.

Мукаммалнамоии фаъолияти нутқӣ дар раванди таълимӣ дар асоси мураккабнамоии ҳамаи ҷузъҳои сохтории он, вариантҳои мухталифи муошират нутқии омӯзгор ва донишҷӯ, дар асоси муносибати байни субъектҳо ба амал меояд.

Масоили назарияи педагогии фаъолияти нутқӣ аз ҷониби таҳқиқотчиён дар асоси принсипи робитаи мавҷудаи объективӣ миёни забон ва равандҳои маърифатӣ ҳал карда мешаванд, проблемаҳои инкишофи нутқи донишҷӯён, муошрати нутқӣ, малакаҳои нутқи шифоҳӣ, фарҳанги нутқиро ҳал карда ошкор менамоянд.

Назарияи педагогии фаъолияти нутқӣ ба масъалаҳои фарҳанги нутқӣ аҳамияти махсус медиҳад, ки ҳамчун яке аз нишондодҳои боигарии маънавии инсон, фарҳанги тафаккури он хидмат менамояд, воситаи бузурги ташаккулёбии шахсияти аз ҳама ҷиҳат инкишофёфта мебошад ва ҳамчун асоси мундариҷавӣ ва ҷузъи мурофиавии фаъолияти нутқӣ баррасӣ карда мешавад [84, с.49].

Ба проблемаи ташаккулёбии тафаккури ҷамъиятии донишҷӯён таҳқиқотҳои сершумори як қатор муаллифон, ки ин масъалаҳоро мутобиқ ба даврахои мухталифи таълимот баррасӣ менамоянд (А.З. Иоголевич, М.Х. Болдирев, Г.И. Оглобин, А.И. Матвеев ва дигарон), бахшида шудааст.

Намояндагони ин таҳқиқотҳо кӯшиш намуданд нақш ва мақоми тафаккури ҷамъиятиро дар низоми умумии тарбия асоснок намоянд, шаклҳо ва усулҳои кор бо донишҷӯёнро ва қабл аз ҳама дар вақти аудиторӣ нишон диҳанд. Вале, тафаккури ҷамъиятӣ на танҳо дар кори берун аз аудиторӣ амалӣ карда мешавад, балки дар раванди омӯзиши ҳамаи фанҳои муассисаи олии таълимӣ, аз ҷумла, ҳам дар машғулиятҳои забони англисӣ ба амал оварда мешавад.

Ҳоло раванди ташаккулёбии самараноки тасаввурот ва маҳфумҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар тафаккури донишҷӯён ба таври пурра таҳқиқ карда нашудааст, маҳз ҳамин синну сол ҷаҳонбинанда маҳсуб мешавад ва бо ташаккулёбии низоми ақидаҳо ва эътиқодҳо маънидод карда мешавад.

Бо назардошти инкишофи умумии зеҳнӣ ва васеъ гардидани ҷаҳонбинии зеҳнии донишҷӯён ҳавасмандии ҷамъиятӣ-сиёсӣ пайдо мешавад: онҳо нисбат ба донишҷӯёни синну соли миёна амиқтар мебошад. Миёни донишҷӯён кушиш ба ташаккулдиҳии ҷаҳонбинии илмӣ зуҳур менамояд.

Тафаккури рушдкардаи талъатӣ, бадеӣ шарти асосии таъсири комили асарҳои санъат ба ҷавонон мебошад. Дар айни замон он аз ҷониби олимон ҳамчун шакли

олитарини фаъолияти зеҳнӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар тафаккури талъатӣ, бадеӣ ҷамбаъҳои идеологӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, педагогӣ робитаҳои зич доранд, аз ин лиҳоз муносибати илмӣ ба он ба таҳқиқотҳои васеъ ва маҷмӯӣ дар сарҳадоти илмҳо ниёз доранд.

Муносибат ба ташаккулёбии тафаккури талъатӣ, бадеӣ ба баҳисобгирии ду ҳолати асосӣ ниёз дорад. Аввалан, тафаккури талъатӣ, бадеӣ бо тафаккури таҷрибавӣ ҳаммаъно намебошад. Охирин сифати типологии равони одамӣ мебошад, вале бо худ тафаккури талъатӣ, бадеиро иваз наменамояд. Дуюм ин ки қобилият ба тафаккури талъатӣ, бадеӣ як маротиба ва то ба охир мустаҳкам намешавад ва танҳо дар инкишофи доимӣ, мукаммалёбӣ мавҷуд мебошад. Чунин инкишофёбӣ дар натиҷаи ҷалб намудани шахсият ба дарки фаъол, бо шуури асарҳои санъатӣ даст медиҳад.

Ташаккулёбии тафаккури талъатӣ, бадеӣ аҳамияти муҳими идеологӣ, таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад.

Проблемаи ташаккулёбии тафаккури талъатӣ, бадеӣ ҳалли худро дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ талаб менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки дар давраи муосири инкишофи муассисаи олии таълимӣ он басо муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Муносиботи ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дар талъати бадеӣ сарчашмаи худташкилӣ ва худинкишофёбӣ мебошад.

Мақсади таъсис додани муносиботи ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дар талъат сохтмони ҳиссиёти махсуси эстетикӣмебошад.

Муносиботи ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дар гуногунии калони сохтори талъати бадеӣ инъикос меёбанд. Такрорнашавандагии шаклҳои муносиботи ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дар талъати бадеӣ муносибати беғаразро тақозо менамояд.

Робитаҳои ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дорои сатҳи мухталифи мураккабӣ дар сохторҳои талъатӣ мебошанд. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки рассомони сухан дар сохтмони талъат на танҳо ба мавод такя менамоянд, балки ба талъати бадеӣ низ. Агар оғози пешбаранда дар талъат мавод бошад, пас моҳияти он тавассути мундариҷаи асар инкишоф меёбад. Мундариҷа тавассути акси

қаҳрамонҳо ва ҳодисаҳо кушода мешавад. Агар ба ҳайси оғози пешбаранда шакли бадеӣ баромад намояд, пас мундариҷаи он тавассути сужаи асар инкишоф меёбад, ки аз ҳодисанокӣ ва қаҳрамоннокӣ васеътар мебошад. Он ба ҷойгиршавии мураккаби композиционии ҳамаи ҷузъҳои асари адабӣ такя менамояд.

Ҳодисанокӣ ва қаҳрамоннокӣ - яке аз намудҳои имконпазири ташкил намудани талъати ягонаи бадеӣ мебошад. Дар фабула мундариҷа аз ҳисоби дигаргуншавиҳои мустақими объекти акс офарида дода мешавад, дар сужа бошад - аз ҳисоби шакли акси объект.

Муносиботи ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ дар талъати бадеӣ равандҳоро дар тафуккури талъатӣ муайян менамоянд. Маҳз ин равандҳо сарчашмаи дохилӣ худҳаракатнамоӣ ва худинкишофёбии онро ташкил менамоянд.

Тафаккури ҳукмфармоӣ-ҳамрадифӣ аз ҷудо намудани ғояи асосии талъат оғоз мегардад. Ғояи асосӣ, ҳамчун ҷузъи асосӣ ва ғояи талъат, тафаккури талъатии хонандаро фаъол намуда равона месозад. Он вариантнокии тафаккури талъатиро ғайри беҳудуд менамояд, балки амиқан маҳдуд. Вариантнокӣ танҳо дар он ҳудудҳо имконпазир аст, ки ба харобкунии ғояи асосии талъати мазкур оварда мерасонад.

Аз ин бармеояд, ки дарки дурусти талъати бадеӣ ҳамчун шарти асоситарин такя ба ғояи асосии он пешбинӣ менамояд.

Дар асоси дарки пурраи талъати бадеӣ қобилияти фундаменталии равони инсонӣ ба инъикоси пешакии воқеъият (пешгӯӣ) ҷой дорад.

Хусусиятҳои синну солӣ инчунин ба интихоби усулҳо ва методҳо ҳангоми ташкил намудани машғулиятҳои ба шахсият майлкунандаи забони англисӣ таъсир мерасонанд. Дар марҳилаҳои аввал мувофиқи мақсад аст вазифаҳоеро иҷро намуд, ки ба як шахс равона карда шуда бошанд (монологӣ): предметро тасвир намо, аз рӯи расм ҷумла тартиб деҳ ва ғайра. Дертар бояд ба корҳои ҷуфтӣ шурӯъ намуд: тартиб додани диалогҳо, мубодилаи афкор. Баъдан метавон ҳолатҳои бозиро роҳ дод, ки ба бахшҳои поёнӣ хос аст. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки донишҷӯ аллакай дорои таҷрибаи муайяни истифодабарии забон мебошад.

Ба ақидаи Сен Симон дар давоми ҳаёт кӯдак як чанд «бӯҳрон»-ро паси сар менамояд: дар 7солагӣ баромадани дандонҳо, ки дар натиҷаи он ҳиссиёт ва хотира

тез мегарданд, дар 11 солагӣ - инкишофи хоҳишҳо, кӯшишҳои озод шудан аз вобастагии волидайн, гузариш ба давраи инкишофи ҷинсӣ. То 21 солагӣ инкишофёбӣ ба анҷом мерасад, инсон мисли фард ташаккул меёбад. Сенсимонистон, масъалаи чаҳорчӯбаҳои синну солии раванди тарбияро бардошта, менавистанд, ки ягон чиз тарбия ва ҷавониро иваз карда наметавонад.

Тарбияи табиӣ - муносиби гармониячиёни Фурйе инчунин бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ сохта мешавад. Ҳамаи аҳолӣ буғум аст (ки бояд ба тарбия фаро гирифта шавад), ки ӯ ба«шаш»қисмат тақсим менамуд: 1) аз3 то 4,5 сола; 2) аз 4,5 то 6,5 сола; 3) аз 6,5то9 сола; 4) аз9 то 12 сола; 5) аз 12 то15,5 сола; 6) аз 15,5 то 20 сола. Дар баробари ин дар дохили қисматҳо кӯдакон боз ба се категория ҷудо карда мешуданд. Ин тақсимотро Ш.Фурйе зинапояи синну сол меномад, ки «тарбияи табииро осон мегардонад ва дар кӯдакон ҳисси корпоративиро бедор мекунад, ки онҳоро ба донишҳо ва меҳнати истеҳсолӣ ҷалб менамояд» [176, с.162].

Дар ҳар як давраи синну солӣ ӯ вазифаҳои худашро мегузорад, шакл ва усулҳои худашро пешниҳод менамояд. Дар сини 15-16 солагӣ - кӯдакии калон. Фурйе пешниҳод менамояд бештар қобилияти маънавиро инкишоф дод. Дар ин синну сол Ш.Фурйе кӯшиши кӯдаконро ба мустақилӣ, муошират бо калонсолон ҷудо менамояд.

Баназаргирии хусусиятҳои синну солӣ дар тарбия ба мукаммалшавии нерӯи ахлоқӣ ва ҷисмонии ҷавонон оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои ташаккулёбии тафаккури ҷамъиятӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ асосан тавассути мундариҷаи матнҳои таълимӣ амалӣ карда мешаванд. Бинобар ин интихоби мундариҷаи маводи таълимӣ самти муҳими мутобиқнамоии раванди ташаккулёбии ақидаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ мебошад. Маводҳои таълимӣ бояд ба талаботи муайяни барномаи таълим ҷавобгӯ буда, мутобиқати ба меъёрҳои ғоявӣ-мавзӯӣ ва актуалӣ, мутобиқати андозаи онҳо, нисбатан навгонӣ будани онҳо барои донишҷӯён, сатҳи таъсирнокии эҳсосотӣ мутобик бошанд.

## 1.2. Ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз руи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» истифодабарии забони тоҷикиро ҳамчун забони двалатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд ва ба танзим медарорад. Дар қонун «Дар бораи забони давлатӣ», нишон дода шудааст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ новобаста аз забони таълимот дар ҳамаи мактабҳо дар он андозае, ки аз ҷониби нақша пешбинӣ карда шудааст, бояд омӯзанд.

Эълон намудани забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро, ки забони модариашон дилхоҳ забони дигар мебошад, поймол наменамояд. Дар баробари ин омӯзиши забонҳои хориҷӣ низ дар таҳкими забони модарии донишҷӯёни тоҷик мусоидат карда метавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президени Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба Рӯзи омӯзгор 29 сентябри соли 2006 дар ҷаласаи тантанавӣ дар назди омӯзгорон баромад намуда, қайд намуданд: «Мо барномаи давлатӣ дар бораи омӯзиши забонҳои русӣ ва англисиро қабул намудем. Вале донишҳои довталабон нишон медиҳанд, ки ҳам Вазорати маориф, ҳам роҳбарияти шӯъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ ба иҷроиши ин барнома аҳамияти кофӣ намедиҳанд».

Дар асоси чунин дастур Вазорати маориф ва илми ҶТ, сохторҳои маҳаллии он ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ӯҳдадор карда мешаванд, ки масъалаи омӯзиши забонҳои руссӣ ва англисиро зери назорати қатъии худ гирифта, барои довталабон курсҳои алоҳида, марказҳои хурд ва маҳфилҳои фаннӣ ташкил намоянд.

Эҳтиёҷот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ зери таъсири рушди робитаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва фарҳангии миёни давлатҳо ба вуҷуд меояд. Омӯзиши забони хориҷӣ яке аз воситаҳои инкишофи тафаккури донишҷӯён мебошад.

Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр менамоянд, ки таҷаддуди

аслии мардумро мо на дар роҳи манъкуниҳо, балки, пеш аз ҳама, дар роҳи мусоидати бештар ба инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёт дар заминаи манфиатҳои миллӣ ва осоиштагӣ дар мамлакат мебинем. Ин маънои онро дорад, ки мо ҷавононро ба азхуднамоии забонҳои русӣ, англисӣ, хитоӣ, ҷопонӣ, арабӣ ва дигар забонҳо ҳавасманд менамоем, вале пеш аз ҳама тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳем, то забони давлатӣ ба таври комил инкишоф ёбад. Ҷвононе, ки дар қарни XXI зиндагӣ менамоянд, аллакай имрӯз бо роҳи бисёрзабонӣ қадам мемонанд, ки дар сохтмони ҷомеаи наву комил хидмат менамоянд [141, с.48].

Муассисаҳои олии таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан се самтро дар бар мегиранд : умумӣ, ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, риёзӣ ва дақиқ.

Дар барномаҳои таълимӣ ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳамияти муҳим дода мешавад. Дар ҶТ забонҳои хориҷии зерин таълим дода мешаванд: англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ ва ғайра.

Бо мақсади беҳтар намудани бароҳмонии омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ, дар гурӯҳҳое, ки дар он зиёда аз 25 донишҷӯ таҳсил мекунад, ҷудо намудани онҳо ба ду гурӯҳ пешбинӣ карда шудааст .

Албатта, истифода бурдани воситаҳои техникии таълимӣ (ВТТ) дар машғулиятҳои забони хориҷӣ нақши калон дорад ва самараи он аз маҳорат ва малакаи омӯзгор ва аз дониш ва идоракунии ВТТ вобаста мебошад. Истифода бурдани ВТТ тафаккури мустақилона ва малакаҳои нутқиро инкишоф медиҳад.

Ҳангоми омӯзиши нутқи шифоҳӣ аз ҷониби мо ба ҷониби ҳосил шудани гуфтори мустақилона дар асоси ҳолатҳои пешниҳодшуда ишора карда шуд .

Дигар самти ҷудонамоии усулҳои таълим бо назардошти марҳилаҳои ташаккулёбии амалҳои нутқӣ робита дорад.

Маълум аст, ки мундариҷаи таълим барои тамоми намудҳои муассисаҳои олии таълимӣ аз рӯи як нақша ба танзим даровардa мешавад. Мундариҷаи раванди таълимӣ бо нақшаи таълимӣ муайян карда мешавад, бо талаботи таълимӣ нисбат ба фан ва дар китобҳои таълимӣ, ҳомили электронии маълумот (видео-рӯйхатҳо, видеофитаҳо, бaрономаҳои компютерӣ) ба қайд гирифта мешаванд.

Нақшаи таълимӣ - ҳуччати давлатии муассисаи таълимӣ мебошад, ки дар он

чунин маълумотҳо муқаррар карда мешаванд:

- давомнокии соли хониш, давомнокии чорякҳо ва таътилҳо;
- номгӯи пурраи фанҳо, ки дар муассисаи таълимии мазкур омӯхта мешаванд; тақсим намудани фанҳо аз рӯи солҳои таҳсил;
- шумораи соатҳо аз рӯи ҳар як фан дар тамоми вақти омӯзиш ва барои омӯзиши фан дар ҳар як гурӯҳ;
- шумораи соатҳо дар як ҳафта барои омӯзиши ҳар як фан;
- сохтор ва давомнокии машғулиятҳои амалӣ ва ғайра.

Таҳлили нақшаҳои таълимӣ ба мо имкон доданд, ки хулосаҳои зерин барорем:

Нақшаҳои таълимӣ бо як қатор хусусиятҳо фарқ менамоянд:

Нақшаҳои таълимӣ ба амалинамоии мақсади инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият равона карда шудаанд.

Хусусияти муҳимтарини нақшаҳои таълимӣ барои шаклҳои мухталифи муассисаҳои олии таълимӣ ягонагӣ ва давомат дар мундариҷаи таълимот мебошад. Ин маънои онро дорад, ки новобаста аз шакли муассисаи таълимӣ, аз қобилият ва майли донишҷӯ, ҳар кадоме бояд минимуми ҳатмии асосҳои илмҳоро аз худ намояд.

Ба ҳар як китоб ва фанни таълимӣ, адоза ва навбати гузаштан аз курс ба курс муайян карда шудааст. Аз рӯи нақшаи таълимӣ ҷойгиркунии низомнок ва пайвастаи фанҳои муассиса сатҳи илмии омӯзишро муайян менамояд.

Дар нақшаи таълимии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ қабулгардида, мақсадҳои гузошташуда, ки аз болои консепсияи ташаккулёбии мундариҷа ифода гардидааст, дарҷи худро ёфтаанд. Он бо назардошти қоидаҳои раванди таълимӣ-тарбиявӣ, талаботи беҳдоштӣ-гигиенӣ ва ташкилӣ, анъанаҳои мавҷуда таҳия карда мешавад.

Албатта, мундариҷаи фанни таълимӣ бо барномаи он муайян карда шудааст. Барномаи таълимии омӯзиши забони англисӣ - ин барои ҳар як омӯзгор барномаи ҳатмии давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби Вазораи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Дар барнома мантиқи омӯзиши ғояҳои асосии курс бо нишон додани пайдарҳамии мавзӯъҳо, масъалаҳо ва тақсим намудани вақт барои азхуднамоии инҳо пешниҳод шудааст. Дар арзномаи баёнкунанда, ки аз он худи

барнома оғоз мегардад, вазифаҳои фанни мазкури таълимӣ баррасӣ карда мешавад, имкониятҳои тарбиявии он, нишондодҳои методӣ ба омӯзиш нишон дода мешавад.

Барномаи таълимӣ чунин маълумотҳоро дар бар мегирад:

- арзномаи баёнкунанда дар бораи мақсадҳои омӯзиши фанни мазкур, талаботҳои асосӣ ба донишҳо ва маҳорати донишҷӯён, шаклҳо ва усулҳои тавсиядодашудаи омӯзиш;
- мундариҷаи мавзӯи маводи омӯхташаванда;
- мӯҳлати тахминӣ, ки омӯзгор метавонад ба омӯзиши масъалаҳои алоҳидаи курс масраф намояд;
- пешниҳодҳо оид ба амалинамоии робитаҳои байнифаннӣ;
- номгӯи таҷҳизоти таълимӣ ва аёниятҳои омӯзишӣ;
- адабиёти тавсияшуда.

Ҳамаи барномаҳо бо назардошти талаботи муҳимтарини дидактикӣ таҳия карда мешаванд. Дар интихоби маводи барномавӣ дидактикаи мо аз эҳтиёҷоти ҷомеа, аз зарурияти ба донишҷӯ додани арзишҳои муосири илму фарҳанг ва ташаккул додани шахсияти ба ҷомеа лозим, асос мегирад. Аз ин лиҳоз барнома албатта бояд ба сатҳи муосири илм ва вазифаҳои тарбиявии муассисаи олии таълимӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар тартиб додани барномаҳо роҳҳои оқилонаи ҷойгирнамоии мавод, пайдарҳамии бобҳо ва мавзӯъҳо, ки ба имкониятҳои маърифатии донишҷӯён ҷавобгӯ мебошанд, аҳамияти калон доранд.

Мо медонем, ки барои барномаҳо оид ба забони англисӣ баҳисобгирии робитаҳои байнифаннӣ хос аст. Ҳамин гуна, мисол, дар машғулиятҳои забони англисӣ омӯзгорон аз чунин фанҳо мислӣ кишваршиносӣ, адабиёти кишвар, забоншиносӣ, таърихи забони хориҷӣ истифода мебаранд ва забони англисиро бо забони модарӣ (давлатӣ) муқоиса менамоянд.

Зарурияти робитаҳои байнифаннӣ аз худи табиати тафаккур иборат мебошад, аз ҷониби қонунҳои психология, физиология ва педагогика илқо мешавад. Ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ, забони модарӣ дар зеҳни таълимгиранда ҳузур дорад, забони хориҷиро бо дараҷаи зарурӣ надониста,

донишҷӯ бо забони модариаш факрронӣ менамояд. Вале забони модариро дар омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин махсусан ҳангоми омӯзиши грамматика муҳим аст. Ҳангоми ташкил намудани шинохти ҳолатҳои нутқӣ, забони модарӣ ба ҳайси ёрдамчии боэътимод баромад менамояд. Забони модариро дар омӯзиши шаклҳо ва сохторҳои забони хориҷӣ, маъноҳои лексикӣ ва фразеологӣ истифода бурдан имконпазир аст.

Дар корҳои психологон (И.А. Зимняя) таҳлили ҷузъҳои фаъолияти нутқӣ амалӣ карда шудааст: механизми амалиётӣ, предмети он, воситаҳо ва усулҳои амаликунӣ, ҷонибҳои дохилӣ ва берунии он бо назардошти вазифаҳое, ки дар назди муассисаи олии таълимӣ дар таълими забони хориҷӣ истодаанд ва шароитҳои омӯзишро ба назар гирифта (ҷадвали соатҳо, пуршавии гурӯҳҳо, синну соли донишҷӯён, мавҷуд набудани муҳити забонӣ), ҷузъҳои мазкури фаъолияти нутқӣ ба ҷузъҳои фаъолияти таълимӣ табдил меёбанд.[57.с219].

Барнома низоми асосии донишҳоро дар бораи забон ва маҳорати истифодабарии он дар нутқи хаттӣ ва шифоҳиро муайян менамояд, инчунин пайдарҳамии кор аз болои онҳо: дар барнома бояд вақти тахминӣ, ки барои омӯзиши ин ё он мавзӯъ зарур аст, нишон дода шавад.

Барномаи таълимӣ доир ба забони англисӣ аз арзномаи баёнкунанда ва худи барнома иборат мебошад. Ба қисмати нутқии барномаи забони англисӣ чунин намудҳои корҳо мисли таълими нутқ ва шаклҳои он оид ба инкишофи нутқи пайваста ҳамроҳ карда шудаанд. Намудҳои нутқ шакли матнҳоро аз рӯи сифатҳои функсионалӣ-маъногӣ инъикос менамоянд (ҳикоя, тасвирнамоӣ, мулоҳиза) ва ғайра. Намудҳои корҳо аз рӯи инкишофи нутқ ин аслан иншо ва нақли хаттӣ мебошанд.

Шумораи маҳдудшудаи соатҳои ҳафта аз амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, гурӯҳҳои зиёд пуршуда (зиёда аз 30 нафар) имкон намедиҳанд таҷрибаи нутқии заруриро таъмин намуд, ки на танҳо татбиқи мақсадҳои амалиро мураккаб менамояд, балки имкониятҳои тарбиявиро, ки ба фанни

“забони хориҷӣ” вогузор карда шудааст, ба фароҳам сохтан мушкилӣ меорад. Он захираи нокофии воситаҳои лексикӣ ва грамматикӣ, ки дар муассисаи олии таълимӣ донишҷӯ аз худ карда метавонад, имкон намедиҳанд, ки маводи таълимиро ба хусусиятҳои синну солӣ ва шавқу ҳаваси донишҷӯён мутобиқ намуд.

Мутобиқ ба барномаҳои таълимӣ воситаҳои таълимӣ тартиб дода мешаванд (китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои таълимӣ). Воситаҳои омӯзиш - ин аёниятҳо ва маводҳои махсус таҳияшудаи дорои хусусиятҳои мухталиф мебошад, ки ба омӯзгор дар идора намудани фаъолияти маърифатӣ-амалии донишҷӯён кӯмак мерасонанд.

Ба воситаҳои таълимӣ намудҳои мухталифи техникаи омӯзишӣ ва лавозимоти таълимӣ пайванд мегарданд, мисли тахтаи синфӣ, магнитофон, тахтаи электронӣ, дафтарҳо ва ғайра.

Воситаҳои таълимӣ метавонанд нақши мусбӣ бозанд, агар дар низом истифода бурда шаванд, агар робитаи мутақобила ва вобастагии мутақобила дар раванди ҳалли вазифаҳои муайяни таълимӣ ба инобат гирифта шаванд.

Воситаҳои таълимӣ ба воситаҳои асосӣ ва ғайриасосӣ ҷудо мешаванд.

Ба воситаҳои асосии таълимӣ китобҳои дарсӣ, маводҳои таълимӣ, аёниятҳои таълимии шаклҳои гуногун таалуқ доранд. Воситаҳои ғайриасосии таълимӣ аёниятҳо, ки на ба тамоми раванди таълимӣ пешбинӣ шудаанд: маводҳои тақсимшаванда, расмҳо,транспарантҳо, диапозитивҳо ва ғайра.

Китоби дарсӣ - ин китобест, ки дар низоми қатъӣ қарор дорад, мундариҷаи асосии фанни таълимиро ба таври возеҳ баён менамояд. Таъиноти асосии китоби дарсӣ - кӯмак расонидан ба донишҷӯ дар корҳои мустақилона мебошад, пурзӯр намудан ва васеъ намудани фонди донишҳо, ки дар машғулиятҳо ба даст оварда мешаванд.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ китоби дарсии В.Д. Аракин - English (Китоби дарсии забони англисӣ) истифода карда мешавад.[12].

Дар бисёр муассисаҳои олии таълимӣ бо забони русӣ омӯзиш низ аз ҳамин китоб истифода бурда мешавад. Таълимот аз рӯи китоби мазкур аз курси 2 оғоз гардида то курси 4 идома меёбад. Ин китоби марҳилавӣ мебошад, ки ҳам маводи лексикӣ ва ҳам маводи грамматикиро дар бар мегирад.

Одатан китоби дарсӣ ҷузъҳои зерини сохториро дар бар мегирад: маълумотҳои назариявӣ дар бораи забон дар шакли матнҳо ва ҷузъҳои ғайриматнӣ, дастгоҳи ташкили кор (суолҳо, вазифаҳо); маводи тасвирӣ ва дастгоҳи самтгирӣ (нишонаҳо, мундариҷа ва ғайра). Ҳар як омӯзгор бояд донад, ки китоби дарсӣ чи гуна сохта мешавад, то ин ки онро ҳангоми ташаккулёбии тафаккур ва инкишофи нутқ дуруст истифода бурда тавонад. Китоби дарсӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои омӯзгорон пешбинӣ карда шудааст. Барои донишҷӯён он сарчашмаи иттилоот, воситаи азхуднамоии маҳорат мебошад. Барои омӯзгор - ин сарчашмаи низоми методӣ мебошад.

Маводҳои китобҳои дарсӣ имкон медиҳанд вазифаҳоро барои гурӯҳҳои мухталифи донишҷӯён бо назардошти имкониятҳои инфиродии онҳо, шавқу завқашон ва инкишофи раванди ташаккулёбии маҳорат ҷудо намоем.

Дар баробари китобҳои дарсӣ ба ҳайси васоити таълимӣ дар кори худ мо аз дигар маводҳо низ истифода мебарем, мисли: Азимова М.Н., Саттаров Т.К. English (Забони англисӣ); Дубровин М. Situational Grammar (аёният аз рӯи имло); Виборова Г.; Мельчина О. Easy English: 70 мавзӯи шифоҳӣ аз рӯи забони англисӣ; Самойлова Г.Л. Тестҳо: аз рӯи барномаи забони англисӣ, курсҳои 2-3; Удалтсова Э.Д., Минкин С.И. Забони англисӣ барои дохилшавандагон ба муассисаи олии таълимӣ; Бархударов Л.С., Стейлинг Д.А. Грамматикаи забони англисӣ ва ғайра.

Дар ин ҷо баъзе намуди корҳо оварда шудаанд, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ истифода бурда мешаванд.


The capital of G.B. It's a political, economical, cultural centre
London isonThames
London is an ancient city and there are many ancient buildingsthere
London
London is one of the most famous and the biggest city in the world
They are:
TheTower of London,The Houses of Parliament, Westminster Abbey Buckingham Palace, St. Paul's Cathedral, The British Museum, BigBen, Hydepark, Piccadilly Circus
London consistof few
Most of peoplelive outsideof London
The City
The EastEnd
The West End
Wesminster

Мавзӯи машғулият дар курси якуми ДДОТ ба ном СадриддинАйнӣ, муаллифи китоби дарсӣ Аракина В.Д. The English literature, the Great English writers (W. Blake, Robert Burns, W. Shakespeare) and their creative activity.

**Мақсади машғулият:**

1. истифодабарии амалии донишҳои андӯхтаи асосии донишҷӯён;
2. истифодабарии мустақилонаи омӯзиши маводҳои забонӣ;
3. кор дар гурӯҳҳо;
4. истифода бурдани ВТТ;
5. инкишофи малакаҳои коммуникативии донишҷӯён;
6. нишон додани нақши қироат дар ҳаёти мо;
7. нишон додани асарҳои адабӣ: шеърҳои нависандагони бузурги англисӣ, саҳнача азW. Shakespeare "Romeo and Juliet";
8. аз ҷониби донишҷӯён истифода бурдани воҳидҳои нутқӣ, ки дар асоси намунаҳои қаблан интихобкардашудаи нутқӣ сохта шудаанд;
9. инкишофи завқи эстетикӣ;
10. нишон додани сатҳи омодагии забонии донишҷӯён.

В**азифаҳо**:

1. тарбия намудани завқи эстетикии донишҷӯён, шавқу рағбат нисбат ба қироати адабиёти англисӣ;
2. ташаккул додани тафаккури мустақилонаи донишҷӯён;
3. такмил додани малакаҳои нутқи монологӣ дар сатҳи истифодабарии эҷодии маводи забонӣ;
4. системакунонии вазифа аз рӯи масъалаҳои санъат;
5. васеъ ва амиқ намудани малакаҳо ва маҳоратҳо, ки дар машғулиятҳои курси асосӣ ба даст оварда шуданд;
6. истифода бурдани донишҳои андӯхта дар соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии муошират.

**Таҷҳизоти машғулият**:

1. лоиҳаҳои донишҷӯён бо тасвири қаҳрамонҳои адабӣ;
2. сабти магнитофонии порчаи мусиқӣ аз филмҳои «Romeo and Juliet», «Titanic»;
3. лавҳаи асарҳои адабии нависандагони англис;

1) Сухани ифтитоҳии омӯзгор:

Ladies and Gentlemen!

We are very glad to seeyou at our lesson. Our lesson is an unusual one. Our classes are divided into three groups; every group has prepared projects according to our theme: The English literature. We would like to show you the beauty of the English literature, the beauty of English language.

We are goingto tell you about love tonature, love to the child, love between the young people.

The task to prepare projects is very difficult for the students, but they worked hard, and now you will see how they haved one this.

We'll tell you the biography of the great English Writers and their creative works.

The students will express their imagination, fantasy and their points of view.

The guides of our lesson are Subkhonov A. and Mukimov F.

Баъдан донишҷӯён дар бораи аҳамияти адабиёти англисӣ сухан мегӯянд. Шеърҳои шоирони барҷастаи англис садо медиҳанд. Дар интиҳо саҳнача аз фоҷиаи У. Шекспир «Ромео ва Ҷулетта» намоиш дода мешавад. Дар давоми тамоми дарс мусиқӣ аз филмҳои «Ромео ва Ҷулетта» ва «Титаник» садо медиҳад.

Дар баробари китобҳои дарсӣ донишҷӯён аз васоити мухталифи таълимӣ низ истифода мебаранд, аз ҷумла, маҷмӯа, хрестоматияҳо, луғатҳо, маълумотномаҳо, атласҳо ва ғайраҳо. Зеро ин маводи ёрирасони дидактикӣ ба мустаҳкам намудани маҳорати маърифатӣ ва касбӣ мусоидат менамояд, малакаҳои корҳои мустақилонаро ташаккул

медиҳанд. Китобҳо ва дигар васоити таълимӣ - басо сарчашмаи аҳамиятноки таъсири ғоявӣ ба донишҷӯён мебошанд.

Таҷрибаи кор дар муассисаҳои олии таълимӣ нишон дод, ки самти ғоявии китобҳои дарсӣ - талаботи муҳим мебошад, зеро маълумот - ин ҷабҳаи тезу тунди муборизаи идеологӣ мебошад. Дидактика самти ғоявии мундариҷаро ҳамчун қисми сирф илмии хусусияти он, ки дар назди донишҷӯён тасвири ҷаҳони объективӣ дар асоси диалектикаи материалӣ боз менамояд, бо нишон додани сабаб ва натиҷаҳои инкишофи ҳодисаҳои табиат ва ҷомеъа, муносибати иқтисодӣ, сиёсӣ, меҳнатӣ ва маънавии одамон амалӣ менамояд.

Чи тавре, ки маълум аст азнавсозии мундариҷаи маълумот, табиатан, дар тағйир ёфтани китобҳои дарсӣ осори худро гузоштааст, ки мутобиқ ба талаботи нав оварда шудаанд. Дар онҳо маълумотҳо оид ба комёбиҳои охирини илм ва фарҳанг оварда шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ мустаҳкам мегарданд, маълумотҳои кӯҳнашуда бартараф карда мешаванд. Баён бо чунин тарз сохта мешавад, то ин ки ҳангоми риоя намудани низоми ҷойгиршавии маводи таълимӣ донишҷӯро шавқманд намуд, ӯро барои фикррониӣ водор намуд, ҷаҳонбиниашро васеъ кард, ба мустақилона омӯхтани донишҳо водор намоянд.

Албатта, мундариҷаи маълумот дар адабиёти таълимӣ муфассал кушода мешавад. Ба он дохил мешаванд: маълумотномаҳо; китобҳо барои хониши иловагӣ, атласҳо, харитаҳо ва ғайра. Бидуни баҳс аст, ки аз сифати адабиёти таълимӣ натиҷаи омӯзиш вобастагӣ дорад, аз ин лиҳоз ба таҳияи васоити самараноки таълимӣ аҳамияти калон дода мешавад, ба коркарди китобҳои таълимӣ мутахассисони барҷаста ҷалб карда мешаванд.

Дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ объектҳо ҳам ташаккулёбии малака ва маҳорати нутқӣ, ва ҳам азхуднамоии маводи забонии аз ҷониби барнома муқаррарнамуда ба

ҳисоб меравад. Баҳисобгирии бонизоми инкишофи тадриҷии фаъолияти нутқии донишҷӯ ба омӯзгор имконият фароҳам меорад, ки пайваста дараҷаи азхуднамоии маводҳои нави таълимӣ аз ҷониби донишҷӯёнро ошкор намояд ва дар асоси иттилооти ба даст оварда мутаносибан раванди таълимиро ислоҳ намояд. Новобаста аз муҳимияти истисноии назорат барои ба танзим даровардани раванди омӯзиш ин масъала то кунун дар усулҳои омӯзиши забони хориҷӣ дар муассисаи олии таълимӣ ба таври васеъ инъикоси худро наёфтааст.

Дар шароити муосири омӯзиши муассисаи олии таълимӣ асосҳои азхуднамоии амалии забони хориҷӣ, чи тавре, ки дар ин бора таҳқиқотҳои охирин дар ин соҳа шаҳодат медиҳанд, танҳо бо он маҳдуд мешаванд, ки ташаккулёбии механизмҳои нутқии зарурӣ ба даст оварда мешаванд.

Донишҷӯёни курси якум, ба омӯзиши забон шурӯъ намуда, аллакай дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт дорои донишҳои муайян буданд. Дар баробари ин, танҳо дар охири соли таҳсил, онҳо метавонанд танҳо як чанд ҷумлаҳои аз ҷиҳати маъно пайвастаро бо забони хориҷӣ бихонанд, вале танҳо оиди он, ки аллакай як чанд маротиба дар нутқи шифоҳӣ гуфта буданд. Аз сабабе, ки азхуднамоии маводи забонӣ басо суст амалӣ карда мешуд, мутобиқ ба барнома, дар охири таҳсилот захираи лексикии донишҷӯён тахминан 1500 воҳидро ташкил намуд, пас, табиӣ аст, ки мавод барои хониш ҳавасмандӣ ва талаботи донишҷӯёнро қонеъ карда натавонист. Вобаста ба маҳорат дар нутқи монологӣ ва диалогӣ, ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки талабот ба онҳо дар сурати ҷудо намудани чор кредит дар як ҳафта дар курсҳои болоӣ, аз талабот дар бахши якум қариб, ки фарқият надорад.

Усулҳои муосир раванди омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун фаъолияти коммуникативӣ-маърифатӣ баррасӣ менамояд, ки дар рафти он донишҷӯён воситаҳои забон ва намудҳои асосии фаъолияти нутқиро

бо забони хориҷӣ аз худ намуда, таҷрибаи ҳалли мустақилонаи вазифаҳои нутқӣ-зеҳниро меандӯзанд, яъне, ки иттилоотро дархост намудан, онро хабар додан, фикру хоҳишашонро баён намудан ва ғайраро меомӯзанд; хондан, хулоса баровардан, дарк намудан ва аз худ намудани иттилоотро аз матн меомӯзанд, донишҳои худро оид ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт - илм, санъат дар мамлакати хеш ва дар хориҷ васеъ намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ мекунанд.

Вале, мо аз он хуб огоҳ ҳастем, ки донишҷӯён дар таҷриба дониши устувори воситаҳои забонӣ ва нутқиро надоранд, дар ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ бо воситаи нутқи шифоҳӣ танқисӣ мекашанд. Дар донишҷӯён малакаҳои хониш ва чунин коркарди маънавии иттиллоот, ки имкон медиҳад, то ки дар матни хондашуда ҷудо намудани ҷанбаи муҳими он имкон дошта бошад ва истифода бурдани иттилооти андӯхта дар фаъолияти шахсӣ ба таври кофӣ ташаккул дода нашудаанд. Мо фикр менамоем, ки сабабҳои чунин ҳолат (дар баробари дигар сабабҳо) аз он иборат аст:

• мақсадаҳои ҳар як марҳилаи раванди таълимӣ-тарбиявӣ ба таври кофӣ мукаммал карда нашудаанд;

• дар раванди таълимӣ фаъолияти малака ҳосилнамоӣ афзалияти бештар дорад;

• ба ҷудонамоӣ ва ба низом даровардани мавод бо назардошти амалнамоии он дар намудҳои мухталифи фаъолияти нутқӣ, ташаккулдиҳии маҳорати дидани вазифаҳои коммуникативӣ дар якҷоягӣ бо воситаҳои забонӣ, ки барои ҳалли он заруранд, аҳамияти кофӣ дода намешавад;

• аҳамияти зарурӣ ба ташаккулдиҳии маҳоратҳои умумии махсуси таълимӣ, аз ҷумла маҳорати кор намудан бо китоби таълимӣ, бо дастгоҳи маълумотдиҳӣ, адабиёти маълумотнома ва ғайра дода намешавад.

Таъминоти нокофии ҳавасманднамоии фаъолияти донишҷӯён,

пурзӯр намудани самтнокии машғулиятҳо дар ягонагии он бо кори хонагӣ ва берун аз дарсӣ таҳлили ҳамаи силсилаи машғулиятҳоро аз рӯи боби (мавзӯъ) китоби таълимӣ барои омӯзгор бо мақсади ворид намудани ислоҳотҳои муайян дар банақшагирӣ, агар дар ин зарурият мавҷуд бошад, бо назардошти шароити воқеъии омӯзишро дар назар дорад. Мисол, тағйир додани пайдарҳамии корҳо ё хусусиятҳои он вобаста аз эҳтиёҷоти курси муайян, ҷалб намудани маводи иловагӣ ё баръакс, коҳиш додани онро пешбинӣ намудан ва ғайра. Ин ба таври амиқ омода намудани вазифаҳои ҳар як машғулиятро ва таносуби ин вазифаҳоро бо вазифаҳои ҳалшудаи машғулиятҳои қаблӣ дар назар дорад, то ин ки муайян карда шавад, ки оё дар гурӯҳ нишонаҳо барои ҳалли онҳо мавҷуд аст ё нест.

Барои донишҷӯёни курси дуюми ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода он вазифаҳое, ки ба ташаккулёбии усулҳои мустақилона боз намудани донишҳои нав, умумигардонии лексика аз рӯи нишонаҳои мавзӯӣ, усулҳои ба низом даровардани падидаҳои граматикӣ ва лексикӣ бо назардошти нишонаҳои дифференсиалӣ (рамзӣ ва функсоналӣ) равона карда шудаанд, ҷолиб менамоянд. Донишҷӯён арзёбӣ менамоянд, ки ба кадом андоза он вазифаҳо, ки бо ягон намуд фаъолияти амалӣ алоқамандӣ доранд, аз ҷумла, дар самти мустақилии берун аз дарсӣ аҳамиятнок ва ҷолибанд.

Дар таҷрибаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ кор аз болои қироатнамоӣ дар аксар маврид дар шакли ба машқҳо садодиҳии дуруст рабт медиҳанд. Мақоми асосиро ҳангоми омӯзиши хониш усулҳое ишғол менамоянд, ки семантикаи мустақилонаи воҳидҳои ношиноси забонӣ, луғати дузабона, захираи тафаккури талъатӣ, таҷрибаи ҳиссиётҳои эҳсосотӣ ва ғайраро меомӯзанд. Ин усулҳо дар якҷоягӣ дарки матнҳоро таъмин менамоянд, ки дар маводи забонии омӯхтанашуда мавҷуд аст. Инчунин усулҳое лозиманд, ки

маҳорати аз як ҷониб гузаштани падидаҳои забонии омӯхтанашударо мегузаранд, онҳо бидуни осеб овардан, дарк намудани маънои умумии маводи хондашавандаро таъмин менамояд (мисол, истифода набурдани калимаи ношинос, агар он барои дарк намудани маънои маводи хондашаванда халал нарасонад).

Ҳангоми омӯзиши нутқи шифоҳӣ ба сӯи маҳсулкунонии мустақили гуфтаҳо дар асоси ҳолатҳои пешниҳодшаванда майл карда шуд. Ин истифода бурдани чунин усулҳои фаъолияти таълимӣ, мисли таҳлили ҳолатҳо ва гузоштани вазифаҳои коммуникативӣ, агар он дар шакли тайёр дода шавад ва тартиб додани нақшаи нақл, интихоб намудани вожаҳои калидӣ ва ғайраро барои ҳалли он дар назар дорад. Аз ҷониби мо муайян карда шуд, ки барои азхуднамоии хониш агар як усули корро ташаккул додан зарур бошад, барои аз худ намудани суханронӣ - дигар усулро.

Дигар самти ҷудонамоии усулҳои омӯзиш бо ба назар гирифтани марҳилаи ташаккулёбии амалҳои нутқӣ робита дорад. Дар марҳилаи аввал (шиносоӣ)  мақоми пешбарандаро усулҳои омӯзиш, ки фаъолияти самтгирии донишҷӯёнро таъмин менамояд, ки ба дарки вобастагӣ ва мундариҷаи гуфтаҳо аз мақсадҳо ва шароитҳои ҳамоҳангии нутқӣ равона карда шудааст, вобастагӣ дорад. Дар марҳилаи навбатӣ, ки ба тамрин равона шудааст, мақоми пешбаранда ба усулҳое дода мешавад, ки ба коркарди порчаҳои нақлӣ дар доираи ҳолатҳои таълимӣ-нутқӣ майл доранд, мисол, суханрониро чи гуна оғоз намуд, ба шарик чи гуна муроҷиат намуд, суханрониро дар чунин ҳолат чи гуна ба анҷом расонд, дар дигар ҳолат инро чи гуна амалӣ намуд ва ғайра. Дар марҳилаи таҷрибаи нутқӣ аҳамияти афзалиятнокро мо ба усулҳое додем, ки ҳалли якҷояи вазифаҳои коммуникативиро аз ҷониби донишҷӯён дар шароитҳои тағйирёбандаи муошират таъмин менамоянд, мисол, чи гуна диалог-пурсиш, диалог-мубодилаи афкорро пеш бурд ва ғайра.

Дар таҷрибаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ, махсусан донишҷӯёни бахшҳои болоӣ, шаклҳои фронталии корҳо ба таври васеъ паҳн шудаанд. Онҳо ҳангоми гузоштани вазифаҳо, ва ташкили корҳо вобаста ба қабулнамоии маводи нави таълимӣ, чи забонӣ ва чи матнӣ, дар риштаи машғулиятҳо, ки ба тамрин, азхудкунӣ ва умумигардонии маводи забонӣ, дар марҳилаи истифодабарии малакаю маҳорат, ҳангоми санҷиш ва таҳлили муваффақиятҳо истифода бурда мешуданд. Вале, аз сабаби сатҳи гуногуни омодагии донишҷӯён, инчунин бо сабаби хусусиятҳои инфиродӣ "фронти ягонаи" корҳоро таъсис додан имконпазир нашуд.

Таҳлили монографияҳо ки ба омӯзиши забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (оид ба инкишофи нутқ) дар бахшҳои болоии муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон дахл доранд, нишон дод, ки муаллифон асосан масъалаи сифати инкишофи нутқи донишҷӯёнро мегузоранд (Добромислов В.А.) [39, с.58]. Муаллиф дар бораи мундариҷанокии нутқи донишҷӯён ҳангоми баён намудани ин ё он мавод дар муассисаи олии таълимӣ изҳори акида кардааст. Маводро барои нутки шифоҳӣ ва хаттӣ аз китобҳо, мушоҳидаҳо, таҷрибаи шахсии ҳаётӣ интихоб намуда, донишҷӯ бояд онро дуруст иброз намояд, бо мутобиқати пурра бо воқеъият. Вале ин кам аст. Бояд кайд кард, ки донишҷӯён танҳо бо муқаррар намудани ҳолат маҳдуд нашаванд, балки муносибати шахсии худро нисбат ба он изҳор намоянд. Басо муҳим аст, ки дар донишҷӯён муносибати арзёбандаро нисбат ба ҳолатҳои тасвиршаванда тарбия намуд. Бояд ба ҷониби ғоявии нутқи донишҷӯён аҳамияти зарурӣ дод. Ба андешаи В.А. Добромислов, донишҷӯёнро барои дарёфти шакли беҳтарин барои баён намудани мундариҷаи муайян тарбия намуд, то ки онҳо самаранокии зиёдтари нутқро ба даст оранд. Мутобиқ ба ин чунин хусусиятҳои нутқ тарбия карда мешаванд, мисли : а) мантиқӣ (дақиқӣ, амиқӣ ва саҳеҳӣ, ҳамбастагӣ, муттасилӣ, асоснокӣ); б) фасоҳат ва

муассирии эҳсосотӣ. Ин сифатҳо дар ягон ҳолат ба якдигар мухолифат наменамоянд ва метавонанд дар як гуфта ҷой дода шаванд, вале вобаста ба мақсаднокии нутқ ин ё он сифат арзиши махсусро метавонад касб намояд : дақиқӣ, муттасилӣ, асоснокӣ - интиқоли донишҳо, дар исботҳо, мулоҳизаҳо; фасоҳат - ҳангоми тасвири зиндаи далелҳо; муассирии эҳсосотӣ - дар ақидаҳо, ки мақсадашон боварӣ кунонидани шунаванда ё хонанда оиди ягон чиз мебошад, ба иродаи ӯ таъсир расонидан.

Монографияи М.Б. Шаҳобова «Барои кӯмак ба омӯзгори забони англисии гурӯҳҳои тоҷикӣ» барои омӯзгорони забони англисӣ, аспирантҳо ва донишҷӯёни факултетҳои забонҳои хориҷии ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. Онро метавон ба филологҳо, ки ба масъалаҳои грамматикаи қиёсӣ, ва ба шахсоне, ки ба омӯзиши мустақилонаи забони англисӣ машғуланд, тавсия додан мумкин аст. Дар китоб аз нуқтаи назари қиёсӣ очерки кӯтоҳи грамматикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин маслиҳатҳои методӣ ва тавсияҳои қабулшаванда барои омӯзгорони забони англисӣ дода мешавад [188, с.157 ].

Монография (Ладыженская Т.А. Низоми кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён) ба масоили камтаҳқиқшудаи инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён бахшида шудааст. Низоми кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯёнро пешниҳод намуда, муаллиф муайн менамояд, ки чиро бояд омӯзонд, кадом маҳоратҳоро бояд ривоҷ намуд ва дигар усулҳои кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳиро пешниҳод менамояд. Муаллиф инчунин масъалаи оид ба ҷои кор оид ба инкишофи нутқи шифоҳии донишҷӯён дар низоми умумиро ҳал менамояд. Кор аз рӯи маводи калонҳаҷм ба анҷом расонида шудааст, ки дар давоми солҳои корҳои бисёрсолаи таҷрибавӣ бо истифода аз маълумотҳои лингвистика, дидактика, методика, психология ҷамъоварӣ карда шудаанд. Таҳқиқот барои кормандони илмӣ ва омӯзгорон ҷолиб мебошад. [93, с.256].

Китоби В.Е. Мамушин «Асосҳои психологӣ-методии инкишофи нутқи мураттаби донишҷӯён» барои донишҷӯёне, ки дар семинарҳои махсус машғул мебошанд ва мавзӯи онҳо бо масоили омӯзиши хусусиятҳои нутқи донишҷӯён вобастаанд, бахшида шудааст.

Муаллиф вазифа гузоштааст, ки хонандаро бо «техникаи» таҳлили нақли хаттӣ ва иншоҳо ошно намояд ва нишон диҳад, ки чи гуна дар амал фарзияҳои таҳқиқотҳои педагогӣ дар соҳаи методикаи инкишофи нутқи донишҷӯи муассисаи олии таълимӣ ба амал меоянд ва санҷида мешавад. Муаллиф асари мазкурро дар асоси кори таҳқиқотии худ сохтааст ва аз рӯи имконият раванди он, натиҷаҳо ва усулҳои таҳқиқотро нишон медиҳад. Дар рафти баён ба корҳои донишҷӯён истинод карда шудааст [110].

Воситаи таълимии Е.П. Кириллова ва Б.Т. Лазарева «Воситаи таълимӣ аз амалияи нутқи шифоҳӣ» барои донишҷӯён пешбинӣ карда шудааст ва он мутобиқ ба барномаи курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» сохта шудааст ва дар он расмҳои мавзӯъҳои машғулиятҳои амалӣ ба мустаҳкам намудани лексика ва инкишофи малакаву маҳорати нутқи шифоҳӣ равона карда шудааст, дар бар мегирад .[79.с43].

Китоби дигари Е.П. Кириллова «Сӯҳбатҳо дар мавзӯҳои маишӣ» бошад мақсади инкишофи нутқи нотайёрро аз рӯи мавзӯҳои хусусияти маишӣ дошта дар бар мегирад. Пешгирии хатоҳои имконпазир бо низоми махсуси машғулиятҳо таъмин карда мешавад [77.с144].

Китоби Т.А. Ладиженская “Сухани зинда” дорои маводи назариявӣ ва амалӣ оид ба азхуднамоии маҳоратҳои муҳимтарини касбӣ аз ҷониби донишҷӯён - нутқи шифоҳӣ ҳамчун воситаи омӯзиш ва тарбия мебошад [91].

Диссертатсияҳои Х.М. Маҳматқулов «Ташаккулёбии маҳорати комбинатсионӣ дар фаъолияти нутқи забони англисии донишҷӯён дар муассисаҳои олии таълимӣ» [112.с16.], Ф. Искандарова «Методикаи

омӯзиши ҷонишин дар ҷанбаи баланд бардоштани фарҳанги нутқи донишҷӯён» [64.с28]. А.Н. Ксенофонтова «Такмили фаъолияти нутқии омӯзгорон ва донишҷӯён дар раванди таълимӣ» [88.с18], ва дигарон масъалаҳои фарҳанги нутқро баррасӣ менамояд, ки он истифодабарии воситаҳои забон ва нутқро дар назар дорад. Он ҷанбаи дарки фарҳанги нутқ, ки ҳамчун меъёрӣ-услубӣ ба ҳисоб меравад, барои эҳтиёҷоти амалии ҷомеа дорои аҳамияти муҳим мебошад. Диссертатсияи Маҳматқулов Х.М. раванди омӯзишро ҳамчун тартиби пайдарпайии воҳидҳои забонӣ ва нутқӣ баррасӣ менамояд. Дар он низоми машғулиятҳо таҳия ва асоснок карда шуда, инкишофи маҳорат тасвир, раванд ва натиҷаҳои омӯзиши озмоишӣ таҳлил карда шудаанд.

Мо муайян намудем, ки нисбат ба донишҳои муосири забони хориҷӣ доир ба вазифаҳои раванди педагогӣ аз рӯи фанни мазкур пешниҳод намудани талаботи зерин мувофики матлаб аст:

1. омода намудани донишҷӯён ба фаъолияти муоширатӣ бо забони хориҷӣ дар ҳудуди мавзӯъҳои барномавӣ ва маводҳои забонӣ;

2. таъмин намудани шароитҳое, ки ба натиҷагирӣ мусоидат менамоянд;

3. амалӣ гаштани тарбия, таълим ва ташаккул бо воситаҳои фаннӣ. Ҳалли масъалаи аввал тақозо менамояд:

• пешниҳод намудани мақоми пешбаранда барои машғул шудан бо машғулиятҳо;

• таъмин намудани ангеза дар машғулиятҳои забони англисӣ;

• хусусияти дифференсиалии машғулиятҳо вобаста аз муттасилии онҳо: барои омӯзиши намудҳои мухталифи хониш, истимоъ, баёни монологӣ ва иштирок намудан дар диалог; якҷоя ва ба ҳам вобаста амал намудани ҳамаи намуди фаъолияти нутқ;

• таъмини шуморавии ҳар як намуди фаъолияти нутқии изҳоргашта;

• якҷоя амал кардани намудҳои фаъолияти нутқ дар машғулиятҳои тамринӣ (омодакунандаи нутқ) ва машғулиятҳои коммуникативӣ дар баробари

нақши пешсафи машғулиятҳоикоммуникативӣ;

• таъмин намудани ривоҷи мустақилияти донишҷӯён ҳангоми иҷро намудани машқҳо бо роҳи тадриҷан бартараф намудани такягоҳҳо ва бартараф намудани қисмати зиёди маҳдудиятҳо дар ифодаҳои нутқӣ;

• пешниҳод намудани маводи нав дар шароити ҳолатҳои проблемавӣ;

• робитаҳои маводи омӯхташаванда бо шумораи зиёди имконпазири ҳолатҳои нутқӣ, ҳолатҳои муоширатӣ;

• зиёд гардидани нақши маънидодкунии мустақили маводи забонӣ бо такя ба хусусиятҳои калима ё сохтори грамматикӣ, инчунин аз қаринаи атроф: ташаккул додани кор бо луғати дузабона аз солҳои аввали омӯзиш.

Ҳалли вазифаи дуюм наздик намудани тамоми муҳити машғулиятҳоро ба шароити муоширати воқеӣ тақозо менамояд, ки он чунин шартҳоро дар назар дорад:

• таъмин намудани ҷанбаи ҳавасмандкунонии машғулиятҳои иҷрошаванда бо роҳи вобаста намудани фан бо шавқу рағбати воқеӣ ва ташвишҳои донишҷӯён;

• таъмин намудани ҳиссаи калони мустақилӣ ва ташаббускории донишҷӯён ҳангоми интихоб намудани предмети нутқ ва муайян намудани мундариҷаи он;

• риоя намудани муносибати ихтиёрӣ ҳангоми тақсим намудани вазифаҳо, интихоби нақшаҳои иҷрошаванда ва интихоби шарикон барои муошират намудан;

• ба ҳаракат даровардани ашёҳои воқеӣ ё тасаввурӣ;

• арзёбии коммуникативии вазифаҳои аз ҷониби донишҷӯён пешниҳодшаванда;

• васеъ истифода бурдани шаклҳои бозӣ, саҳначаҳо дар фаъолияти донишҷӯён. Ҳангоми арзёбии фаъолияти онҳо такя намудан ба муносибати хайрхоҳонаи онҳо. Ислоҳ намудани хатоҳо бо роҳи нишон додани варианти дуруст, аз нав гузаронидани пурсиш ва ғайра;

• сохтори машғулиятҳо бо назардошти зарурияти баён намудани супориш барои фаъолияти банақшагирифташуда дар оғози машғулият;

• гузаришҳои мантиқии коммуникативии сазовор аз як риштаи машғулият ба дигараш, азнавсозии чандири фаъолияти донишҷӯён ҳангоми ба вуҷуд омадани хастагӣ, боз доштан ва ба анҷом расонидани машғулиятҳо бо нишон додани натиҷаҳои ба даст омада.

Вазифаи сеюм дар рафти амалинамоии вазифаҳои якум ва дуюм ҳал карда мешавад ва дар бисёр ҳолатҳо он аз мундариҷаи маводҳои истифодашуда ва қабул намудани арзишҳои таълимию тарбиявии онҳо ва ҳам аз ташкили фаъолияти донишҷӯён вобастагӣ дорад.

Дар раванди машғулиятҳо идрок махсусан бо фаъолият мақсаднок гардида, мураккаб ва васеъ мешавад, зиёдтар хусусияти таҳлилӣ, фарққунанда мегирад ва хусусияти мушоҳидаи ташкилиро касб менамояд. Вобаста ба ин нақши калима ва идрок тағйир меёбад.

Инкишофи идрок худ аз худ ба амал намеояд. Дар ин ҷо нақши омӯзгор басо калон мебошад, ки ҳаррӯза маҳорати на танҳо мушоҳида кардан, балки аз назар гузарониданро тарбия менамояд. Ӯ махсус фаъолияти донишҷӯёнро вобаста ба идроки ин ё он объект ташкил менамояд, дарёфти нишонаҳои калон ва хусусиятҳои предметро меомӯзонад. Вай ба чи бештар аҳамият додан, ба муҳассилин аз рӯи нақша ва низом таҳлил намудани идроки объектро дар ҳар як дарс меомӯзонад. Ин корро зарур аст, ки дар ҳар машғулият ҳангоми нишон додани аёниятҳои мухталиф, ҳангоми ташкил намудани корҳои амалӣ ба анҷом расонд. Тавре ки таҳқиқотҳои дидактикӣ-психологӣ нишон медиҳанд, яке аз усулҳои самараноки ташкил намудани идрок ва тарбияи мушоҳидакорӣ ин муқоиса мебошад.

Таваҷҷӯҳи донишҷӯён аз суръати кори омӯзишӣ вобастагӣ дорад. Таҳқиқотҳои мо инчунин нишон доданд, ки суръати аз ҳад зиёди машғулиятҳо барои устуворӣ ва ҷалби таваҷҷӯҳ ба андозаи баробар

мусоид нест.

Бояд дар донишҷӯён усулҳои дар ёд овардани маводҳоро низ тарбия намуд. Ҳанӯз К.Д. Ушинский ва Усова А.В, диққатро ба он ҷалб менамуд, ки ба ёд овардан меҳнати осон нест. Дар баробари ин тафаккури мустақил инкишоф меёбад.[170.с78].

Яке аз равандҳои муҳими маърифатии дидактикӣ-психологӣ тасаввурот мебошад. Бидуни маҳорати тасаввурот, тасаввур намудани он, дар бораи чи дар китобҳои таълимӣ навишта шудааст, дар бораи чӣ омӯзгор сухан меронад, бидуни маҳорати истифодабарии талъати аён омӯзиш ғайриимкон мебошад.

Дар тафаккури донишҷӯён тағйиротҳои калон ба амал меоянд. Инкишофи тафаккур ба азнавсозии сифатии даркнамоӣ ва хаёл, ба мубаддал намудани онҳо ба равандҳои озод ва танзимшаванда оварда мерасонад.

Таҳқиқотҳои сершумори дидактҳо ва психологон нишон доданд, ки донишҷӯ ҳангоми муқаррар намудан ва дарки робитаҳои сабабӣ-натиҷавӣ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Барои инкишофи тафаккури сабабӣ-натиҷавӣ муваффақ шудан зарур аст, то ин ки донишҷӯён на танҳо муносибат ва вобастагии сабабӣ-натиҷавиро қориазёд намоянд, балки онҳоро дарк намоянд, робитаи дохилии миёни падидаҳоро фаҳманд.

Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ проблемаи машғулиятҳо ҳанӯз ба таври куллӣ интишор нашудааст ва муносибати махсусро тақозо менамояд:

ба таври амиқ муайян намудани вазифаҳои таълимӣ, дар онҳо муайян намудани ҷанбаҳои асосӣ ва дуюмдараҷа;

ягонагии вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ва вазифаҳои инкишофи шахсияти донишҷӯ, истифодаи ҳамаҷонибаи донишҳои илмӣ бо мақсади дар ӯ ташаккул додани сифатҳои ғоявӣ-ахлоқии шахсият ва тафаккури

мустақил;

муайян намудани мундариҷаи оптималӣ ва интихоби маводи таълимии машғулият мутобиқ бо мақсадҳо, вазифаҳо ва имкониятҳо;

интихоби усулҳо ва муносибатҳои самаранок, истифода бурдани онҳо бо назардошти вазифаҳои дидактикии машғулият ва хусусияти маводи таълимӣ дар ҳар як давраи он;

таъмин намудани фаъолнокии маърифатӣ ва мустақилии донишҷӯён;

якҷоя намудани фаъолияти коллективӣ бо шаклҳои гурӯҳӣ ва инфиродии кор;

иртиботи машғулияти мавҷуда бо машғулиятҳои қаблӣ ва минбаъдӣ;

ташкил намудани амиқии машғулият.

Проблемаи усули омӯзиш - дар назария ва амалияи омӯзиш яке аз проблемаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар айни замон проблемаи усулҳои кори таълимӣ муҳимияти махсусро касб менамояд. Такмилкунии мундариҷаи таълимот наметавонист бо худ ҳам такмили усулҳои таълимиро пеш орад. Раванди таълимиро бояд чунин ташкил намуд, ки донишҷӯён на танҳо барои ба даст овардани доираи муайяни донишҳо имконият дошта бошанд, балки ҳам калидҳо барои идрок, қобилият ба фаъолияти мустақилонаи зеҳнӣ, маҳорат ва эҳтиёҷот барои омӯзиши мустақилонаро доро бошанд. Чунин вазифа наметавонад берун аз проблемаи усулҳои таълимӣ ҳал карда шавад, ки дар машғулиятҳо истифода бурда мешаванд. Таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ нишон доданд, ки самараи инкишофдиҳандаи машғулият на танҳо аз мундариҷаи машғулият, балки ҳам аз усулҳои машғулият вобастагӣ дорад. Усулҳои омӯзиш аз ҷониби психологон, педагогон ва ҳам методистон аз рӯи фанҳои алоҳида, ҳамчунин ҳам аз ҷониби олимони ҷумҳурии мо М. Лутфуллоев ва Ф. Шарипов - аз рӯи усулҳои забон [99-106; 170-173] таҳқиқ шудааст.

Таҳқиқотҳои онҳо дар сарфаҳм рафтани моҳияти усулҳои омӯзиш аз нуқтаи назари дидактикӣ кӯмак расониданд. Табиист, ки ба номгӯи амиқи усулҳо падидаҳои мухталифи дидактикӣ, мисли сӯҳбат ва саёҳат дохил мешаванд.

Мо муайян намудем, ки саёҳат ин шакли ташкили кори таълимии берун аз аудитория дар муассисаи олии таълимӣ мебошад. Саёҳатро гузаронида омӯзгор усулҳои мухталифро истифода мебарад.

Чи тавре, ки ба ҳамаи мо маълум аст, усулҳои сухангӯӣ ин баёни шифоҳии мавод тариқи сӯҳбат, ҳикоя, кор бо китоб, усулҳои амалӣ - нишон додан, мушоҳидаҳои мустақилона, саёҳат, машқҳои шифоҳӣ ва хаттӣ ва ғайра мебошанд. Ҳангоми баён намудани маводи таълимӣ усулҳои зерини дидактикиро истифода бурдан мумкин аст: қисса намудан, тасвир кардан, хислатнома, баёнот додан ва ғ.

Алббата, аз ҳама усули паҳншуда дар машғулиятҳо усули сӯҳбат мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки чунин сӯҳбатҳо бештар самарабахшанд:

сӯҳбати воридотӣ, ки қабл аз оғози омӯзиши фан бо мақсади ташкил намудани донишҳо, маҳорат ва малакаи асосӣ истифода бурда мешавад;

сӯҳбати такроркунанда - қабл аз андӯхтани донишҳои аввалия ва дарки маводи омӯзишӣ истифода мешавад;

сӯҳбати иттилодиҳанда - ҳангоми ворид намудани донишҳои нав ва андӯхтани маҳорату малакаи марбута гузаронида мешавад;

сӯҳбати умумигардонанда - ин ба танзим даровардани донишҳо: умумигардонӣ, ба низом даровардани донишҳо, маҳорату малака, ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён.

Дар баробари ин, ба ҳадди имкон фаъолияти зеҳнии донишҷӯён низ фаъол мегардад. Ба ин гузоштани суол, ки аз донишҷӯён на танҳо ба ёд овардан ва такрор намудани маводи азхуднамудаашро тақозо мекунад, балки фикрнамоиро, истифода бурдани донишҳо, маҳорату малакаро дар

ҳолати нави омӯзишӣ барои ҳалли вазифаҳои нави таълимӣ маҳсуб меёбад.

Мо мехоҳем қайд намоем, ки маҳорати кор бо китоб - яке аз малакаҳои муҳими омӯзишӣ маҳсуб меёбад. Бидуни аз худ намудани малакаи ба таври самаранок бо китоби таълимӣ кор кардан амалӣ намудани раванди таълимӣ, азхуднамоии пурраи донишҳо ғайриимкон аст, зеро чунин ҷузъҳои муҳими сохтории раванди азхуднамоӣ, мисли дарк намудан ва дар хотира гирифтан, дар раванди фаъолият бо китоби таълимӣ амалӣ карда мешаванд. Кор карда натавонистан бо китоб ба он оварда мерасонад, ки меҳнати омӯзишӣ ҷолибияти худро аз даст медиҳад, барои донишҷӯ машаққатовар мегардад.

Инчунин аҳамияти калони кор бо китоб дар аксар маврид бо хусусияти нутқи хаттӣ фаҳмонида мешавад. Ҳангоми дарк намудани нутқи хаттӣ, бо тафоввут аз дарки нутқи шифоҳӣ, суръати маҷбурсоз вуҷуд надорад, муттасилӣ мавҷуд нест. Дар вақти хониш донишҷӯ метавонад боз истад, то ин ки чизи хондаашро дарк намояд, метавонад борҳо ба як мавод бар гардад, ки дар як низом барои ӯ баён карда шудааст, то ин ки амиқтар фикр намояд ва маводро дарк кунад, ё ин ки доир ба қисматҳои алоҳидаи изҳори ақида кунад, ки барои фаҳмиши ӯ мураккаб мебошад.

Ҳамаи ин азхуднамоии амиқ, бофаҳмиш, боандеша ва дигар азхуднамоии донишҳоро таъмин менамояд, истифодабарии бомаҳорати он ҳангоми ҳалли вазифаҳои таълимӣ хеле муфид мебошад.

Маводи дидактикие, ки метавонанд дар машғулиятҳо истифода шаванд, басо гуногуншакл мебошанд. Ин маҷмӯи кортҳо бо расмҳо, ҳарфҳо, калимаҳо, ҳиҷоҳо, ҷадвалҳо ва ғайра.

Хусусияти кори мустақилона бо маводи дидактикӣ аз он иборат аст, ки дар рафти чунин кор донишҷӯ метавонад онҳоро дар дасташ дорад, қатъ кунад, аз ҷое ба ҷои дигар гузорад, якҷоя намояд ва ғайра.

Ва албатта, кори мустақилона, аз рӯи вазифа метавонад бомуваффақият он гоҳ амалӣ шавад, ки донишҷӯ мақсади онро ба таври амиқ дарк намояд, ва ӯ хоҳиши расидан ба ин мақсадро дорад. Муваффақияти кори мустақилона аз мақсаднокии фикри донишҷӯ вобастагӣ дорад. Вале он ҳамчунин аз мавҷуд будани маҳорату малакаи дар рафти омӯзиш ташаккулёфта, ки барои расидан ба ҳадафи гузошташуда зарур мебошанд, вобастагӣ дорад.

Инчунин, муваффақияти кори мустақилона аз мавҷуд будани маҳорату малакаи дар рафти омӯзиш ташаккулёфта, чи амалӣ, ва чи зеҳнӣ, ки барои расидан ба ҳадафи гузошташуда зарур мебошанд, вобастагӣ дорад.

Аз мақсаднокии кори мустақилонаи донишҷӯён идроки онҳо инкишоф меёбад, донишҷӯён ба он диққаташонро ҷалб менамоянд. Мавҷуд будани маҳорату малакаи аллакай ташаккулёфта он асоси техникӣ, он механизмаҳоро ташкил менамояд, ки бо ёрии онҳо донишҷӯён ба сӯи расидан ба мақсадҳои гузошташудаашон ҳаракат менамоянд.

Зарур аст он вазифаҳое, ки ба донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд, ба онҳо дастрас бошанд ва дар низоми муайян супорида шаванд. Асоси ин низом бояд тадриҷан зиёд намудани мустақилии донишҷӯён бошад, ки бо роҳи мураккабнамоии ҳам мавод ва ҳам вазифаҳои зеҳнӣ, инчунин бо роҳи тағйир додани нақш ва роҳбарии омӯзгор амалӣ карда мешавад.

Бо сабаби шартҳои номбаршудаи муваффақияти кори мустақилона шарҳу эзоҳ аҳамияти калонро касб менамояд, ки аз ҷониби омӯзгор қабл аз оғози кори мустақилона бо шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва аёнӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми шарҳу эзоҳ мақсад ва аҳамияти кори дар пеш истода фаҳмонида мешавад, барои он вазифаҳо гузошта мешаванд. Вобаста ба он, ки то кадом дараҷа донишҷӯён малакаю маҳоратҳои зарурира хуб аз

худ намудаанд, мухтасаран роҳҳои амалӣ намудани вазифа нишон дода мешавад.

Ҳамин тариқ, кори мустақилона танҳо он вақт муваффақияти бештар ба даст меорад, ки донишҷӯён баъд аз он на танҳо натиҷаҳои ниҳоии онро мебинанд, балки сабабҳои он хатоҳоро, ки ба онҳо роҳ дода шуданд, дарк менамоянд. Дар ин ҷо таҳлили кори донишҷӯён аз ҷониби омӯзгор дорои аҳамияти бузург мебошад. Чунин фаъолият самаранокии омӯзишро зиёд менамояд, зеро омӯзгор фаъолияти донишҷӯёнро ба худназораткунии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ равона месозад.

## Хулосаҳо доир ба боби аввал

Дар асоси таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ дар он бора хулоса намудан мумкин аст, ки тафаккур бо нутқ робитаи ногусастанӣ дорад. Фикр бидуни забон, бидуни нутқ наметавонад ба амалояд, ҷорӣ гардад ва амалиёт намояд. Тафаккур дар шакли нутқӣ ба амал меояд. Шахсоне, ки якчанд забонро баробар ва хуб медонанд, онҳо хуб дарк менамоянд, ки дар ҳар як лаҳзаи муайян бо кадом забон фикр меронанд. Дар нутқ фикр на танҳо маънидод мешавад, балки ташаккул мeёбад ва рушд менамояд.

Мо муайян намудем, ки барои раванди таълим дар бахшҳои болоии муассисаи олии таълимӣ инчунин басо хос мебошад, ки он донишҳое, ки дар доираи як фанни таълимӣ ба даст оварда мешаванд, бо дигар донишҳо ба робита доварда мешаванд, ва бо ҳамин роҳ низоми донишҳоро тартиб медиҳанд. Аз ин лиҳоз барои омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) дониши хуби забони модарӣ (тоҷикӣ) зарур аст. Он нафаре, ки забони модарии хешро ба таври комил медонад, қодир аст дилхоҳ забони хориҷиро ба тезӣ омӯзад. Забон воситаи муошират миёни одамон мебошад. Бо якдигар муошират намуда, одамон аз калимаҳо истифода намуда, қоидаҳои граматикиро истифода мебаранд. Забон ва нутқ робитаи ҷудонашаванда дорад, аз худ ягонагиро мемонад, ки дар он инъикос мeёбад, ки таърихан забони дилхоҳи халқ дар раванди

муоширати нутқии одамон ташаккул ва инкишоф меёфт.

Яке аз вазифаҳои нутқ - ба воситаи муошират ба мардум хидмат намудан аст. Дигар вазифаи муҳими нутқ аз муқаррарот дар бораи он бармеояд, ки тафаккур дар шакли нутқӣ амалӣ карда мешавад. Нутқ воситаи тафаккур мебошад.

Омӯзиши забони хориҷӣ ба инкишофи нутқӣ ва тафаккури мустақилона мусоидат менамояд. Аз лиҳози систематикӣ баҳисобгирии инкишофи тадриҷии фаъолияти нутқӣ тафаккури мустақилонаро ҷалб менамояд.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ усулҳои амиқи кори омӯзишӣ истифода бурда мешавад.

Барои ҳар як усул ҳамгироии махсуси омӯзгор ва донишҷӯ хос аст, ки дар рафти он омӯзгор фаъолияти маърифатиии донишҷӯро ташкил менамояд, ки ба азхуднамоии донишҳо, малакаю маҳорат равона карда шудааст. Ин ҳамгирой бо инкишоф ва ташаккулёбии шахсияти донишҷӯ алоқаманд аст.

Чи тавре, ки мо муайян намудем ва таҷрибаи омӯзиш нишон медиҳад, интихоби усули кори таълимӣ аз якчанд омил вобастагӣ дорад:

- аз мақсад ва мундариҷаи умумӣ. Бо тағйирёбии мақсадҳо ва мундариҷаи омӯзиш усулҳои кори таълимӣ тағйир меёбанд;

- аз мақсади дидактикии машғулият.

Вобаста аз мундариҷаи маводи омӯзишӣ, ки бояд предмети омӯзиш бошад, дар машғулияти мазкур нақли хаттии маводи таълимӣ, сӯҳбат, кори мустақилона (машғулиятҳо, диктант, нақли хаттӣ, иншо) истифода бурда мешаванд.

Машғулиятҳо инчунин аз хусусиятҳои синну солии донишҷӯён, сатҳи донишу малакаи онҳо вобастагӣ доранд.

Ғайр аз ин, омода намудани омӯзгор, малакаи ӯ инчунин метавонанд ба интихоби усулҳои кори таълимӣ таъсиррасон бошанд. Ба ҳар як

омӯзгор зарур аст, пайваста малакаи омӯзгории худро сайқал диҳад ва дар таҷрибаи кори худ ҳамаи усулҳоро истифода барад, ки ба талаботи ҳаёт мутобиқ бошанд, дар маҷмӯъ истифода баранд, бо ҳамгирой, бо амалӣ намудани функсияҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳии таълимот.

Ҳамин гуна, мо ба хулоса омадем, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа барои ташаккул додани шахси инкишофёфта донистани забони хориҷӣ аҳамияти басо муҳим дорад, махсусан забони англисӣ. Вале, дар ҳолати имрӯзаи омӯзиши забони англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он ба талаботи ҷомеа ва шахсият мутобиқат карда наметавонад, зеро вай бо технологияҳои мавҷудаи таълимӣ маҳдуд карда шудааст. Ғайр аз ин, дар аксари муассисаҳои олии таълимӣ омӯхтани забони хориҷӣ дар заминаи забони русӣ амалӣ карда мешавад, яъне наврас маҷбур мегардад дар раванди омӯзиши забони англисӣ ду сади забониро паси сар намояд, ки ба ӯ мушкилоти иловагиро эҷод менамояд. Ин проблема бо ҳолати омӯзиш, эҳтиёҷоти ҷомеа боз ҳам тезу тунд мегардад ва ҳалли худро тақозо менамояд.

# БОБИ ДУЮМ

# ТАШКИЛИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ-НУТҚӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ (САНҶИШИ ТАҶРИБАВӢ)

## 2.1. Мӯҳтавои ташкили ташаккули қобилиятнокии донишомӯзони забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии гуманитарии Тоҷикистон

Ҳолати забонӣ дар ҷаҳони муосир чунин аст, ки функсияи бештари интегративиро дар илм ва маориф дар амалӣ намудани таъминоти иттилоотӣ шумораи маҳдуди забонҳои ҷаҳонӣ, аз он ҷумла забони англисӣ ба амал меорад. Дар Тоҷикистон алҳол шумораи зиёди намояндагони зиёиёни ҷавони тоҷик эҳтиёҷоти донистани хуби забонҳои тоҷики, русӣ ва англисӣ доранд, ки барои пешбурди фаъолияти касбӣ зарур аст ва аз он даромади хуб низ меоранд.

Такя намудан ба азхуднамоии забонҳои хориҷӣ ба дониши хуби забони модарӣ инкишофи тафаккури лингвистиро ҳамчун қобилияти таносуби дуруст намудани ҳолатҳои якхелаи грамматикии якчанд забонҳо, ки мундариҷаи якхелаи маҳфумиро амалӣ менамоянд ва механизми гузариш аз як забон ба забони дигарро истифода мебаранд, дуруст ва зуд сохтани мулоҳизаро бо яке аз он забонҳо пешбинӣ менамояд. Тафаккури забонӣ, асоси таҷрибаи бисёрзабонаи нутқӣ буда, дар навбати худ суръати аксуламалҳои нутқиро ҳангоми гузариш аз як забон ба забони дигар таъмин менамояд.

Ба ташаккулёбии «тафаккури забонӣ»-и донишҷӯён аҳамияти махсус дода, мо ба инкишофи донишҷӯ ҳамчун шахсияти забонӣ мусоидат менамоем, ба ӯ меомӯзонем, ки ҳолатҳои грамматикии якчанд забонро дуруст қиёс намояд, муқоисаи забонӣ гузаронад, аз формулаҳои граматикии забонҳои гуногуннизом истифода барад, ки маънои якхела доранд; яъне мо қобилияти фикрӣ-нутқии ӯро такмил медиҳем, коммуникатсияи шифоҳиро бо забонҳои хориҷӣ, ки дар асоси онҳо ҳавасмандии табиӣ ба назар гирифта шудааст, меомӯзонем; мо

донишҷӯёнро дар муҳити тоқатпазирии забонӣ тарбия менамоем, сифатҳои маънавии онҳоро инкишоф медиҳем

Дар баробари ин мундариҷаи маълумоти дорои робитаи мутақобила оид ба омӯзиши забони англисӣ дар курсҳои 1-2 муассисаҳои олии таълимии гуманитарӣ ба назар гирифта мешавад. Ва албатта, принсипи интихоби мундариҷаи таълим аз рӯи фанҳои қиёсшаванда зарур аст, ки дар он шакли баён, ҳаҷм, дар бар гирифтани мақсадҳо ва вазифаҳои омӯзиши ҳар ду забон ба инобат гирифта мешаванд, талаботи интихоби маводи таълимӣ барои машғулиятҳои амиқ - ин воридшавии мутақобила, илова намудани мутақобила, муввофиқоӣ аз рӯи қисматҳои илмҳои забон мебошад. Ва албатта, ба банақшагирии донишҳо, таҷҳизот ва муҷҷаҳазнамоӣ, аёният, истифодаи воҳидҳои забонӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аҳамияти зарурӣ дода мешавад [61.с15].

Проблемаи фаъолнокшавии шахсият дар назарияи таълимот, тарбия ва инкишоф яке аз проблемаҳои фундаменталӣ аст.

Принсипҳои дидактикии шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва мустақилӣ дар омӯзиш дар дидактикаи муосир принсипҳои пешбаранда мебошанд.

Имкониятҳои инкишофи самараноки фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро қисми зиёди олимон бо истифодаи усулҳои проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ, таҳқиқотӣ ба методҳои мухталифи омӯзиши проблемавӣ рабт медиҳанд. Оғози ташаккулёбии фаъолнокии донишҷӯён дар истифодаи усули проблемавии мавод аз ҷониби омӯзгор муфид дониста шудааст.

Вале, проблемаи фаъолнокии идроки донишҳои нав аз ҷониби донишҷӯён дар дидактика ба таври пурра коркард карда нашудааст. Усулҳои фаъолият ба таври пурра муайян карда нашудаанд, ки идроки маводро аз ҷониби донишҷӯён ҳангоми усулҳои мухталиф, аз он ҷумла ҳангоми методи проблемавӣ фаъол менамояд.

Талаботҳои асосии чен намудани фаъолнокии маърифатӣ инҳоянд: дар донишҷӯён мавҷуд будани маҳорати маърифатӣ, ки ташаккулёбӣ ва

инкишофи баъзе аз онҳо ҳангоми идрок ва коркарди иттилоот имконпазир аст, дараҷаи мустақилии донишҷӯён дар истифода бурдани маҳорати маърифатӣ ҳангоми иҷро намудани ягон амалиёт, ки дар сатҳҳои инкишофи фаъолнокии маърифатии донишҷӯён баён мегардад.

Инкишофи фаъолнокии маърифатӣ вобаста ба омӯзиши донишҷӯ ба роҳҳои самаранок ва усулҳои фаъолияти зеҳнӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар шароити истифодаи методи проблемавӣ бо усулҳои фаъолгардонӣ донишҷӯён дар таълимот аз се сатҳи инкишофёбии фаъолнокии маърифатӣ мегузаранд: минималӣ, миёна ва оптималӣ.

Аз сабаби он ки ҳамасола робитаҳои фарҳангӣ ва иқтисодии давлатҳои мухталиф дар назди мо талаботи зиёдтарро мегузоранд, аз ин лиҳоз азхуднамоии забони англисӣ аҳамияти калони иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад.

Такмили мундариҷа ва усулҳои таълим ва тарбияи донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ дар асоси маълумотҳо, ки бо методика ва илмҳои ҳамрадифи он ҷамъоварӣ карда шудаанд, аз ин рӯ он бо назардошти таҳлил ва умумигардонии таҷрибаи кори мактаб амалӣ карда мешавад. Ҷустуҷӯи роҳҳои такмилдиҳии мундариҷаи омӯзиши мо дар ду самт мегузашт: якум; аз нав дида баромадан, аниқ намудани ислоҳоти мундариҷаи таълим дар маҷмӯъ ва ҷузъҳои алоҳидаи он дар доираи нақшаи мавҷудаи таълимӣ; дуюм, сохтори мундариҷаи омӯзиши забони англисӣ бо назардошти дурнамои таълим амалӣ карда мешавад.

Донишҷӯён сатҳи зарурии маҳоратро аслан аз сабаби мукаммал набудани техникаи он ба даст оварда наметавонанд:

- асосан хониши калимавӣ ба назар мерасад, донишҷӯён дар фаҳмиши ҳолатҳои грамматикӣ мушкилӣ мекашанд;
- донишҷӯён бо дарки асоснокшуда маънои лексикаи омӯхташударо дар нутқ истифода бурда наметавонанд.

Дар рафти кори таҳқиқотӣ мо муайян намудем, ки камбудиҳои

зикршуда ду сабаби асосӣ доранд. Сабаби якум, он бо таҷрибаи кори муассисаи олии таълимӣ алоқаманд аст. Дар аксар маврид усулҳои кӯҳнашудаи таълим истифода бурда мешаванд, кор оид ба инкишофёбии нутқи шифоҳӣ бо қориазёднамоии диалогҳо ва маълумотҳо иваз карда мешавад; ба шаклҳои механикӣ аҳамияти аз ҳад зиёд дода мешавад, ки бар зиёни шаклҳои эҷодӣ мебошад; хониш ҳамчун восита, на ҳамчун мақсади таълимот баррасӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз донишҷӯён аслан техникаи хонишро меомӯзанд, на гирифтани маънои иттилоотиро.

Мо ба хулосае омадем, ки ин дар нотавонии омӯзгор дар банақшагирии оқилонаи машғулият, дар раванди педагогӣ ташкил намудани муошират бо забони англисӣ, таъмини ҳамгироии самараноки омӯзгор ва донишҷӯён, ба таври максималӣ фаъолнок намудани фаъолияти донишҷӯён дар дарсҳо, истифода бурдани ВТТ инъикос меёбад. Дар баробари ин, на ҳамаи дарсҳои маҷмӯаи таълимӣ-методӣ (минбаъд: МТМ) аз лиҳози таҷриба қобили қабуланд; китобҳо барои омӯзгорон мукаммал нестанд; дар баъзе аз онҳо муқаррароти вазифаҳои таълимӣ-тарбиявии ҳар як машғулият ба таври возеҳ нишон дода нашудаанд.

Сабабе, ки имкон намедиҳад натиҷаҳои банақшагирифтаи омӯзиши донишҷӯёнро ба даст овард, он бо коркарди нокофии проблемаҳои алоҳидаи назариявии усулҳо ва дар навбати аввал, мундариҷаи таълимот алоқаманд аст. Ин пеш аз ҳама дар он зуҳур мегардад, ки маълумотҳои шуморавӣ дар бораи маҳоратҳо дар намудҳои мухталифи фаъолияти нутқӣ дар сатҳи эмпирикӣ пешниҳод шудаанд. Бо боварӣ гуфтан мумкин нест, ки чанд ҷумларо вобаста ба вазъияти мавҷуда донишҷӯён бояд дар охири ҳар як соли хониш гуфта тавонанд, инчунин шарҳи сифатии намудҳои монологӣ ва диалогии нутқ вобаста ба гурӯҳҳо мавҷуд нест: аниқ нест, ки кадом шаклҳои нутқи монологӣ ё ин ки ҳамрадиф ва кадом воҳидҳои диалогӣ ва дар кадом курс бояд омӯзонида шаванд. Таҷрибаи

гузаронидашуда нишон дод, ки мавзӯъ барои нутқи экспрессивии шифоҳӣ ба омӯзиши амиқтар ва асосноккунии назариявӣ ниёз дорад.

Маводи забонӣ бояд бо назардошти муносибати функсионалӣ пешниҳод карда шавад, яъне вобаста аз он, ки дар кадом намуди фаъолияти нутқ он истифода бурда мешавад. Мавҷуд набудани муносибати функсионалӣ ҳангоми муаррифӣ дар барномаи маводи лексикӣ-грамматикӣ интихоби дурусти онро ва ташкили методии онро дар истифодаи китобҳои дарсӣ мураккаб менамояд.

Дар айни замон дар таҳқиқотҳои дидактикӣ муносибати нав дар баррасии проблемаи мундариҷаи таълим муайян карда шудааст, ки он имкон медиҳад сохтори мундариҷаи омӯзиши забони англисиро илман асоснок намуд (М.Н. Скаткин, В.В. Краевский, В.С. Цетлин, Журавлев, Л.Я. Зорина). Муаллифони консепсияи мазкури дидактикӣ ба он такя менамоянд, ки мақсади асосии омӯзиш дар азхуднамоии таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби донишҷӯён мебошад, аз ин ҷо мундариҷаи таълим бояд дар худ ин таҷрибаро таҷассум намояд ва он бояд дар он шакл омода карда шавад, ки онро ба насли наврас пешниҳод намудан мумкин бошад.

Воҳидҳои асосии фанни таълимӣ ҷузъҳои функсияи пешбаранда мебошад. Барои забони англисӣ воҳидҳои асосии мундариҷа намудҳои фаъолияти нутқ: истимоъ, гуфтор, хониш ва хат мансубанд. Воҳидҳои мундариҷаи фанни “Забони англисӣ” мавзӯъҳо ва вазъиятҳои мавҷуда, ки дар доираи онҳо бояд муошират ба роҳ монда шавад, мебошанд. Ба сифати воҳидҳо инчунин воҳидҳои лексикӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ баромад менамоянд. Барои он, ки малакаҳо мустаҳкам ва чандир бошанд, барои он, ки донишҷӯён тавонанд дар дилхоҳ ҳолатҳои муошират аз онҳо истифода бурда тавонанд, ташаккулдиҳии бошууронаи онҳо дар асоси донишҳои назариявӣ зарур аст.

Ҷузъи дуюм дар дидактика ҳамчун таҷрибаи амалӣ намудани роҳҳои

маълуми фаъолият пешниҳод карда шудааст. Ин онро дар назар дорад, ки донишҷӯён бояд вазифаҳоеро иҷро намоянд, ки ба ташаккулёбии тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқ равона шудаанд. Бо сабаби оне, ки ташаккулёбии малакаҳои лексикӣ-грамматикӣ ва талаффузӣ шарти зарурӣ барои азхуднамоии намудҳои мухталифи фаъолияти нутқ мебошад, имкон аст, ҷузъи дуюми дидактикии мундариҷаи таълимро ҳамчун малакаҳои (амалиётҳо) донистани маводҳои забонӣ маънидод намуд. Дар баробари ин маҳоратҳо истисно карда мешаванд, зеро дар омӯзиши забони англисӣ, онҳо дар сатҳи фаъолияти шахсӣ баррасӣ карда мешаванд.

Ҷузъи сеюми дидактикии мундариҷа - таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ мебошад. Онро танҳо бо шарти ворид намудани онҳо ба фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯии донишҷӯён пешниҳод кардан мумкин аст. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ - инкишоф додани маҳоратҳо мақсади пешбар ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз маҳоратҳо метавонанд ба ҳайси ҷузъии мундариҷаи омӯзиш баррасӣ карда шавад.

Нутқ ташаккулёбӣ ва маънидод намудани фикр бо воситаи забон мебошад, ва чун натиҷа он дар матнҳо, ки донишҷӯён онҳоро бо шунидан ё хондан дарк менамоянд, пешниҳод мегардад. Ҷанбаи мундариҷавии нутқ дар забони англисӣ ҳангоми баргузории таҷрибаи ташаккулдиҳанда ба мавзӯи таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад. Интихоби мавзӯъҳо дар доираи маводи таълимӣ муайян карда шудааст ва мавзӯъҳо ба предмети нутқ таъсир мерасонанд ва имкон медиҳанд, ки онро ҳамчунин мисли ҷузъи мундариҷаи омӯзиши забони англисӣ тасаввур намоем.

Барои муайян намудани сатҳи донишҳои забони англисии донишҷӯён, мо ба хулосае омадем, ки омӯзиши таҷрибавӣ гузаронем. Аз ҷумла, бобҳои асосии забони англисӣ ва забони тоҷикӣ: фонетика, морфология ва синтаксис, инчунин дигар мавзӯъҳои муҳим, ки барои азхуднамоии забони англисӣ заруранд. Мавод барои таҷрибаи мазкур аз

ҳарфҳо ва овозҳо, калимаҳо ваибораҳо, ҷумлаҳои забони англисӣ ва матнҳои забонҳои хориҷӣ иборат буданд

Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ аз якчанд давра иборат буд.

Табиист, ки барои дарк намудани нутқи забони хориҷӣ бояд донист. Пеш аз ҳама, алифбои забони англисӣ, баъдан ибораҳо бояд аз худ карда шаванд. Қабл аз ҳама кадом калимаҳоро бояд аз ёд намуд?

1) калимаҳое, ки барои барқароркунии робита мусоидат менамоянд:

- формулаҳои омода;
- ҷонишинҳо;
- калимаҳое, ки макон, самт, пайдарҳамии вақт ва шумораро маънидод менамоянд;

2) феълҳои «будан», «доштан», «тавонистан» дар ҳамаи замонҳо:

- феълҳои муҳимтарини фаъолнокии зеҳнӣ ва ҷисмонӣ;
- шумораҳо аз 1 то 100.

Барои аз худ намудани мавзӯи «ҷонишин» мо ба донишҷӯёни курси якуми ДДОТ ба номи С. Айни пешниҳод намудем, ки ҷадвали мазкурро пур намоянд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| I | | me | mine |
| | His | | |
| | | | hers |
| You | | | |
| | Their | them | |
| | | | ours |
| | | | its |

Инак, марҳилаи аввал: ба донишҷӯёни курси якуми ДДОТ ба номи С. Айнӣ вазифа гузошта шуда буд 1) ба таври графикӣ навиштани садонокҳо дар ҳиҷои кушода ва баста. Аз сабаби оне, ки инро одатан дар марҳилаи аввал меомӯзанд, донишҷӯён ин амалро ба зуддӣ ва осон иҷро намуданд, ҳарчанд аз байни донишшҷӯён 4 донишҷӯ инро намедонистанд, ки 88% азхуднамоии маводро ташкил намуд. Барои ин 5 дақиқа вақт масраф шуд.

Вазифаи 2: ба донишҷӯён кортҳо бо феълҳо бо забони тоҷикӣ тақсим карда дода шуд ва онҳо онро ба забони англисӣ тарҷума намуданд. Феълҳо мураккаб набуданд, онҳоро донишҷӯён ҳар рӯз истифода мебаранд: омадан - come, рафтан - go, шунидан -hear, овардан - bring, хондан - read, навиштан - write. Қариб ҳама аз ӯҳдаи ин вазифа баромаданд.

Ҳангоми вазифаи 3 зарурияти тартиб додани феъл дар замони оянда ва гузашта пеш омад, мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд. Мушкилӣ аз он иборат буд, ки барои тартиб додани замони оянда бояд фаълҳои ёрирасони will истифода бурда мешуд, вале мо чунин феълҳоро интихоб намудем, ки онҳо «пайваста» номида мешаванд ва барои тартиб додани

замони гузашта онҳоро бояд аз ёд менамуд. Барои ин 10 дақиқа масраф шуд: come - came, go - went, hear - heard, bring -brought, read - read, write - wrote. Маҳз дар ин ҷой мушкилот ба вуҷуд омад. Аз ӯҳдаи вазифа 74 % донишҷӯён баромаданд.

Дар вазифаи 4 ба донишҷӯён пешниҳод карда шуд, ки ҷумла тартиб диҳанд. Дар баробари ин дар кортҳо маҷмӯи калимаҳо мавҷуд буданд, ва онҳо мустақилона ҷумла тартиб доданд. Чунин намуди кор дар забони модарӣ на он қадар мураккаб аст. Донишҷӯёни бахши мазкур Собирова М. ва Салимова Ш. аз ӯҳдаи ин кор баромаданд, ва баъдан боз чор нафар донишҷӯи дигар, ва танҳо баъд аз 15 дақиқа донишҷӯён вазифаи мазкурро ба иҷро расонданд.

Аз калимаҳои дар поён овардашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед. Тартиби калимаҳо дар ҷумлаҳоро дар ёд дошта бошед.

1)

wife's birthday/forgets

up/early/doesn't

always/he/has/to abroad/wanted

sometimes/he/at out

they/always/do/can/anything

2)

has/Mary/party/decided/to/to/the/go?

/a/have/Shakespeare/seen/ever/you?

meeting/did/friends/Biirs/you/enjoy?

People/many/invited/party/how/have/you/to/your?

Баъд аз ин, дар рафти супориши 5 донишҷӯён ҷумлаҳои бо нутқи айнан нақлшударо ба ҷумлаҳои дорои нутқи мазмунан нақлшуда табдил доданд. Ин намуди кор мураккаб аст ва ба он равона карда шудааст, ки донишҷӯён мувофиқакунонии замонро дуруст истифода намуда тавонанд, барои ин ба онҳо донистани қоидаҳои грамматикӣ зарур аст.

Донишҷӯён аз ӯҳдаи ин вазифа баромаданд, вале барои иҷрои он 12 дақиқа масраф шуд.

Вазифаи навбатӣ аз иваз намудани ҷумлаҳо бо нутқи айнан нақлшуда ба ҷумлаҳои дорои нутқи мазмунан нақлшуда, бо истифодаи калимаҳои зерин иборат буд:

advise; warn; invite; encourage.

Ruth: forget to the letter,

R i c h a r d: Carolina, I you should a doctor.

К a t h y: please do dishes.

R u t h: would you Manny like come to

M a r i a: Roger, the door,

M o t h e r: Ben, touch the

M i k e: Vicki, don't you in them Be careful! Don't down, that is wet.

Баъд аз гузаронидани машғулиятҳо бо истифодабарии усулҳои омӯзиши забони англисӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба донишҷӯёни курси якум баъд аз ним сол вазифаҳои ба ин монанд пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ҷадвали № 1 оварда шудаанд.

Дар асоси ҷадвали № 1 нақшаи зиёдшавии натиҷаи иҷроиши вазифаҳо сохта шудааст (рас. 1), ки ба таври аёнӣ самаранокии усулҳои аз ҷониби мо интихобшудаи омӯзиши забони англисиро нишон медиҳад.

Ҷадвали № 1

| МОТ ва бахш | Вазифа | То гузаронидани таҷриба | Баъд аз гузаронидани таҷриба |
|---|---|---|---|
| | | Вазифа дуруст ва саривақт гузаронида шуд дар % | |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | Вазифаи 1 | 67,5 % | 92,7 % |
| | Вазифаи 2 | 75% | 96,9 % |
| | Вазифаи 3 | 18,5 % | 71,3% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Вазифаи 4 | 25% | 79,1 % |
| | Вазифаи5 | 31,2% | 87,5 % |

Рас. 1. Андозаи натиҷанокии иҷроиши вазифаҳо

Марҳилаи навбатӣ - кор бо матн. Мақсади таҷриба - баррасӣ намудани робитаи тафаккур ва инкишофи малакаҳои нутқии донишҷӯён дар асоси омӯзиши забони англисӣ дар чор марҳила таҷриба гузаронида шуд. Марҳилаи якум дар бахши озмоишии курси 2 ДДЗТ ба номи С. Улуғзода гузаронида шуд. Бахши мазкур аз рӯи китоби дарсии Н.А. Бонк, Г.А. Котий, Н.А. Лукянова "Забони англисӣ" таълим мегирад. Аз ҷониби мо матн интихоб карда шуд, ки онро донишҷӯён бояд аз забони англисӣ ба забони модарӣ тарҷума мекарданд. Номи матн «Red Hand » (Ширкати киштисозии хэнд) (саҳ 358) буд. Донишҷӯён бо истифода аз луғат, матнро тарҷума карданд, баъдан ба суолҳо посух доданд, ки дар охири матн ҷойгир шуда буданд. Машқҳои асосӣ ҳангоми иҷроиши вазифа инҳо буданд:

а) хондани матн бидуни луғат, кӯшиш намудани дарки маънои он;

б) калимаҳо ва вожаҳои ношиносро навишта гирифтан - convict - каторжник - бадарғашуда, cruel - жестокий - бераҳм, cattle breeding - разведение (скота) - парвариши ҳайвонот, birth - рождение - таваллуд

в) таҳлил намудани матни мазкур ва тарҷумаи шифоҳии ҷумлаҳои алоҳидаи он. It, then, first, as a colony, convicts - Впервые, часть, использовали, в качестве, для каторжников - Аввалин бор, ин қисм, ҳамчун касабаи, муҳоҷирони бадарғашуда истифода мешуд. The early were very to the - Первые поселенцы очень жестоки поккоренным жителям... - Муҳоҷирони нахустин нисбати одамони таҳҷоӣ хеле бераҳм буданд.

Марҳилаи дуюм дар бахши санҷишии 2 донишкадаи мазкур гузаронида шуд. Машғулият аз рӯи китоби дарсии Н. Бонк, Г. Котий, Н. Лукянова «Забони англисӣ» баргузор мегардад. Номи матн (Досуг) (Вакти фориғ) мебошад.

Вазифа тарҷумаи матнро аз забони модарӣ ба забони англисӣ пешбинӣ менамуд. Машқҳои асосӣ ҳангоми иҷроиши вазифаи мазкур инҳо буданд:

а) хондани матн ва дарк намудани маънои он;

б) таҳлил намудани ҷумлаҳои алоҳидаи он, хусусиятҳои

грамматикӣ ва лексикии забони англисиро дар хотира барқарор намудан, яъне кадом ҷумлаҳоро бояд истифода бурд, кадом замони феълӣ истифода бурда шавад;

в) бо кӯмаки луғат тарҷума кардани калимаҳо ва вожаҳои ношинос. Тарҷумаи шифоҳии ҷумла, бо такя ба маънои забони модарӣ: we are different countries, cities towns and who live - Нам показывают разные большие и малые города и людей; - Ба мо мамлакатхои гуногун, шахрхои хурд ва калон ва одамонро нишон медоданд.

Марҳилаи сеюми таҷрибаи мазкур дар бахши таҷрибавии 1 «а» ДДОТ ба номи С. Айнӣ гузаронида шуд. Вазифаи синфи мазкур тарҷумаи дуҷониба буд (аз як забон ба забони дигар ва баръакс) муқоиса намудани матни аслӣ бо тарҷумашуда. Номи матн «A friend in need» by Maugham - «Друг познается в беде» - «Дӯсти ниёзманд дӯст аст» аз рӯи китоби “Курси амалии забони англисӣ” кисми 1. Китоб барои муассисаҳои олии таълимии омӯзгорӣ аз рӯи тахассуси «Забони хориҷӣ» Л.Г. Любимов ва дигарон, зери таҳрири В.Д. Аракин ба табъ расидааст. Бо чунин намуди кор 16 донишҷӯ муваффақ шуд, ки 80%-ро ташкил намуд.

Марҳилаи чоруми таҷрибаи мазкур дар бахши 1 «б»-и донишгоҳ гузаронида шуд. Дар гурӯҳ ҳамагӣ 13 донишҷӯ таҳсил мекунад. Номи матн “Day's Wait” Ernest Hemingway - «День ожидания» Эрнеста Хемингуэя - «Рӯзи интизорӣ» муаллиф Ҳемингвей, бояд ба забони англисӣ нақл карда шавад. Дар оғози машғулият ҳикояҳои хурд ва ҳикояҳои шавқовар тақсим карда дода шуданд. Вазифаҳо аз рӯи матни мазкур инҳо буданд:

а) тартиб додани нақша дар намуди сарлавҳаҳо, бо тақсим намудани матн ба гурӯҳҳои маънидор;

б) тартиб додани матн ва ҷудо намудани калидвожаҳо дар ҳар як қисми маънидор;

в) нақл карда додани матн бо ҷавоб додан ба саволҳо ва бо такя ба калидвожаҳо.

Баъдан матни асосӣ гирифта шуд. Донишҷӯ Саъдуллоева С. барои осон шудани нақлаш чунин нақша тартиб дод:

coming into the room I saw he was ill.

When my hand touched his forehead I coud get to know

He was relaxing.

Баъди гузаштани омӯзиши нимсола бо истифода аз усулҳои мо дар гурӯҳҳои озмоишӣ санҷиш гузаронида шуд, яъне аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ вазифаҳои ба ин монанд пешниҳод карда шуданд. Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷадвали № 2 оварда шудаанд.

Баъди гузаронидани омӯзиши таҷрибавӣ дар гурӯҳи 2 таҷрибавӣ вазифаҳоро дуруст ва саривақт 72 % донишҷӯён иҷро намуданд, дар он вақте, ки ин нишондод дар гурӯҳи санҷишӣ 25 %-ро ташкил намуд. Ҳолати ба ин монанд дар бахшҳои 1 - 80 % дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ, 17 % дар гурӯҳҳои санҷишӣ. Ҳамин гуна, чи тавре ки аз ҷадвал дида мешавад, натиҷаҳои иҷроиши вазифаҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба таври назаррас аз натиҷаҳои гурӯҳҳои санҷиширо бартарӣ доранд.

Ҷадвали № 2

| МОТ бахшҳо | Шумораи донишҷӯён | То гузаронидани таҷриба | Баъд аз гузаронидани таҷриба |
|---|---|---|---|
| | | Вазифаро дуруст ва саривақт иҷро намуданд | |
| ДДОТ ба номи С.Айнӣ | 30 | 17% | 72% |
| ДДОТ ба номи С.Айнӣ | 12 | *15%* | 25% |
| ДДОТ ба номи С.Айнӣ | 20 | 17% | 80% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ДДОТ ба номи С.Айнӣ | 13 | 18% | 20% |

Марҳилаи навбатӣ ҳосил намудани маҳорати “сухан гуфтан ва навиштан” буд. Ҳар чанде, ки дар марҳилаи мазкур низ бояд хондан ва тарҷума кардан идома дода шавад.

Зери калимаи «навиштан» мо мефаҳмем - аввал на навиштан бо забони модарӣ, баъдан ба забони англисӣ тарҷума намудан, балки дарҳол бо забони англисӣ навиштан. Барои ин бояд матнҳоро аз рӯи ихтисос истифода бурд, ё ин ки онро дар мусобиқаҳои мухталиф коркард кард.

Барои аз худ намудани мавзӯъи мазкур дар ДДОЗТ ба номи С. Улуғзода дар бахши 1 мо ба донишҷӯён иҷро намудани корҳои зеринро пешниҳод намудем: бо истифода аз калимаҳо ва ибораҳое, ки дар ҷадвал дода шудаанд, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Намуна: He wanted to cut wood, etc.

B. We for the to stop,

C. She considered to be etc.

Ҷадвали А.

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | should | them | to English |
| We | Wanted | us | to the lessons |
| I | expected | him | to yourself comfortable |
| You | Ordered | you | to promise |
| They | Brought | me | to us about |
| | Got | himself | to so cruel |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Allowed | students | to it to |
| | didn't | | to the wood |
| | Expect | | to displeased with |
| | couldn't bear | | to back soon |

Чадвали B.

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | waited | the rain | to |
| We | asked | the cars | to brought |
| I | relied | the train | to |
| My friend | | a of tea | to to me |
| They | | | to washed |
| Our | | | |
| They | | | |

Чадвали C.

| | | | |
|---|---|---|---|
| He | Believed | them | to kind-hearted |
| We | Considered | me | to a sincere girl |
| My | Found | her | to well off |
| They | Knew | myself | to a well-known |
| She | Thought | the | to be at sports |
| | | the | to be |
| | | him | to generous |
| | | our | to be a person |
| | | | to of modern |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | to be<br>ХАТОӢ! |

Натиҷаҳои санҷиши корҳо дар ҷадвали № 3 оварда шудаанд. Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ вазифаро иҷро намуданд, вале 7 донишҷӯи (21,9 %) гурӯҳи санҷишӣ вазифаи ҷадвали А-ро иҷро накарданд, 5 донишҷӯ (15,6 - ҷадвали В ва 10 донишҷӯ (31,2 %) - ҷадвали С-ро иҷро карда натавонистанд.

Ҷадвали № 3

| МОТ | Синф, шумора | ҶадвалиА | | | Ҷадвали В | | | Ҷадвали С | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд | Пурра иҷро намуданд | Қисман иҷро карданд бо % | Иҷро накарданд |
| ДДОЗТ ба | 1 (тач) 28 | 23 | 5 | - | 26 | 2 | - | 21 | 7 | - |
| | | 82,1 % | 17,9 % | - | 92,9 % | 7,1 % | - | 75% | 25% | - |
| | 1«б» (сан) | 12 | 13 | 7 | 18 | 9 | 5 | 7 | 15 | 10 |
| | | 37,5 % | 40,6 % | 21,9% | 56,3 % | 28,1 % | 15,6% | 21,9% | 46,9 % | 31,2% |

Барои аз худ намудани мавзӯъи «Real unreal conditions» дар бахши 1 мо ба донишҷӯёни ДДОТ ба номи С. Айнӣ иҷроиши кори зеринро пешниҳод намудем:

Вазифаи «Ҷумла тартиб диҳед» ва миёни сутунҳои чап ва рости ҷадвал мутобиқатро ёбед.

| | |
|---|---|
| 1. If I on a diet | a. we'll a snowman. |
| 2. If sunny tomorrow | b. I'll you some |
| 3. If doesn't hurry | c have to a taxi. |
| 4. If snows | d. I'll weight. |
| 5. If are no | e. he'll late. |

| | |
|---|---|
| 6. If are a good | f. we'll for a picnic. |

Вазифаи 2. Ҷумлаҳои шартӣ тартиб диҳед, бо истифода аз маводҳои сутунҳои чап ва рости ҷадвал, ки муносибати шуморо нисбат ба ҳолат инъикос менамояд.

Намуна: had fallen on coat/catch

Daniel wouldn't caught cold he had on coat.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Nick broken his | climb ladder/break leg |
| 2. | Mr had got a car. | drive accident |
| 3. | John was the in the | run faster/win race |
| 4. | Chris cut his | play with finger |
| 5. | Mary got a terrible | have headache/take |
| 6. | Mrs has nothing for supper. | leave on the eat it |

Натиҷаҳои корҳои санҷидашуда дар ҷадвали №4 оварда шудаанд.

Ҷадвали

| МОТ | Бахш, шумораи | Вазифаи 1 | | | | Вазифаи 2 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Аъло. (в%) | Хуб. (в%) | Қаноат. (в%) | Ғайри қаноат (в%) | Аъло. (в%) | Хуб. (в%) | Қаноат. (в%) | Ғайриқаноат. (в%) |
| ДДОТ ба номи С. Айни | 1 (тач.) | 16 | 12 | 4 | - | 13 | 12 | 6 | 1 |
| | | 50% | 37,5% | 12,5% | - | 40,6% | 37,5% | 18,8% | 3,1% |
| | 1 (санч) 32 | 7 | 5 | 12 | 8 | 4 | 4 | 15 | 9 |
| | | 21,9% | 15,6% | 37,5% | 25% | 12,5% | 12,5% | 46,9% | 28,1% |

Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ вазифаи 1-ро ҳамаи донишҷӯён иҷро намуданд, вале вазифаи 2-ро як донишҷӯ иҷро карда натавонист (3,1 %). Дар гурӯҳи санҷишӣ вазифаи 1 -ро 8 донишҷӯ иҷро накарданд (25 %), вазифаи2-ро бошад, 9 донишҷӯ (28,1%). Аз рӯи натиҷаҳои иҷроиши вазифаи 1 дар гурӯҳи таҷрибавӣ 28 донишҷӯ (87,5 %) баҳои аъло ва хуб гирифтанд, дар гурӯҳи санҷишӣ 12 донишҷӯ. Баҳои қаноатбахш аз рӯи вазифаи1 дар гурӯҳи таҷрибавӣ 4 донишҷӯ гирифт (12,5 %), дар гурӯҳи санҷишӣ 12 донишҷӯ (37,5 %). Аз рӯи натиҷаҳои иҷрои вазифаи 2-юм баҳоҳои хуб ва аълоро дар гурӯҳи таҷрибавӣ донишҷӯ (78,1 %) ба даст оварданд, дар гурӯҳи санҷишӣ 8 донишҷӯ (25 %). Баҳои қаноатбахшро барои вазифаи 2-юм дар гурӯҳи таҷрибавӣ 6 донишҷӯ (18,8 %), дар гурӯҳи санҷишӣ 15 донишҷӯ ба даст оварданд. Ин маълумотҳо дар бораи самаранокии истифодабарии воситаҳои аёнӣ (ҷадвалҳо) ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дарак медиҳанд. Ин фарзияи моро дар бораи баланд шудани самаранокии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои муосир, ВТТ ва ба инобат гирифтани робитаҳои байнифаннӣ бо забони модарӣ (тоҷикӣ) тасдиқ менамояд.

Албатта, аз ҳама роҳи беҳтарин, барои бо забони англисӣ сухан гуфтан-ин дарёфти робита бо «соҳиби» забони англисӣ мебошад.

Бо ин мақсадҳо магнитофонро истифода бурдан мумкин аст, ё ин ки сӯҳбат намудан бо рафик, дар муошират иштирок намудан барои ҳавасманд кардани муҳассилин муфид аст.

Барои расидан ба азхуднамоии бошуурона ва амалии донишҳо, маҳорату малака дар омӯзиши забони англисӣ шароитҳои муносиби дидактикӣ ва талабот нисбат ба омӯзонидани фанни мазкур заруранд. Омӯзиши забони англисӣ бояд ба ташаккулдиҳии малакаҳои фаъолияти нутқии забони хориҷӣ дар асоси самти коммуникативӣ равона карда шавад. Коммуникативият ҳамчун воситаи муошират, шарти зарурии амалӣ намудани ташкили сохторӣ-мантиқии маводи таълимӣ мебошад. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши забони англисӣ дар асоси ташкили сохторӣ-мантиқии маводи таълимӣ бо

ташаккулёбии малакаҳои сухангӯӣ-нутқӣ, бо ташкил намудани ҳолатҳои нутқӣ алоқаманд мебошад.

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Вақт-ҳамчун категорияи грамматикӣ» (Tenses) аз ҷониби мо лавҳаи «Tenses - замонҳои феъл» барои аёният ва беҳтар аз худ намудани мавод истифода бурда шуд.

TENSES (ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ)

| Aspect (намуд) | Tense (вақт) | Voice | |
|---|---|---|---|
| | | Active | Passive |
| Simple | Present | ask | \ Am — Is / Are |
| | Past | Asked | \ asked /Were |
| | Future | Shall ask | Shall be Will |
| Progressive | Present | Am Is | Am Is asked Are |
| | Past | Was asking | Was being asked Were |
| | Future | Shall be asking Will | |
| Perfect | Present | Have asked Has | Have been asked Has |
| | Past | Had asked | Had been asked |
| | Future | Shall have asked Will | Shall have been asked |
| Perfect progressive | Present | Have been asking Has | |
| | Past | Had been asking | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Future | Shall have been asking | |

Барои аз худ намудани чунин мавзӯъҳои мураккаб ба мисли «Past Perfect» ва «Past Simple», инчунин «Gerund», мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки намудҳои зерини корро ба анҷом расонанд:

Вазифаи 1. Ба ҷои нуқтаҳо Past Perfect ё Past Simple гузоред (бо истифода бурдани ҷадвали мазкур).

| | | |
|---|---|---|
| 1. | He told me he often ... of it.<br>David... of his plans again and again. | Think |
| 2. | I remembered that I... Simon my pen. I ...my pen, didn't I? | Give |
| 3. | The ball... me on the shoulder. Did you know that the ball... the window? | Hit |
| 4. | The stone... into the lake.<br>He explained that the tree ... during the storm. | Fall |
| 5. | He... away as fast as he could.<br>After he... the car to the garage, he went home. | Drive |
| 6. | David... ail his money.<br>Nick came late, because he... his way. | Lose |
| 7. | You... what I said, didn't you? I was sure everybody... the news. | Hear |

Вазифаи 2. Ҷумлаҳоро бо хабарҳо дар Past Perfect нависед. 1. He had written a letter by 5 o'clock. 2. He had a letter in his hand. 3. He has come. 4. He has a book. 5. He had finished his work before you came. 6. He had totranslate the text. 7. They had come when you finished your work. 8. They have money to buy presents. 9. They had six lessons on Monday. 10. They have many English films. 11. They had given us good

advice. 12. Have you seen this film? 13. You have to think first. 14.1 have been looking for you everywhere. 15. They had breakfast after Mary had done it. 16. He had to wait long after he had missed his train.

Вазифаи 3. Ҷумлаҳоро ба итмом расонед, ҳангоми тарҷума герундийро истифода кунед.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | He looked forward | ба шабнишинӣ даъват карда шавад |
| 2. | She prefers | ба мо тамоми ҳақиқатро гуфтан |
| 3. | Do you remember | ки ба боғи миллӣ мо рафта будем? |
| 4. | I don't mind | а) агар туро ба хидматӣ равон кунанд<br>б) агар мо чангкашаки шуморо гирем |
| 5. | It depends on | оё директор ҳуҷҷатҳоро имзо мекарда бошад |
| 6. | He objects | а) корро худаш анҷом диҳад<br>б) шабнишиниро рӯзи ҷумъа гузаронад |
| 7. | He has no experience in | а) дар тарбияи кӯдакон<br>б) дар тармини мошин |
| 8. | You can't well without | омӯзишӣ |

Вазифаи 4. Қавсҳоро кушоед ва аз герундий истифода намоед.

1. Why do you avoid me? 2. We on *(send)* there at 3. *He* no sign *(know)* them. 4. He the habit *(joke)* at wrong moment. 5. He *(remind)* people their duties. 6. The is not *(speak of)*. 7. In the problem touched upon items. 8. After the Kremlin, went to Tretyakov Gallery.

Натиҷаҳои санҷиши назоратӣ дар ҷадвали № 5 оварда шудаанд. Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ вазифаи 1-ро 1 нафар донишҷӯ, 2-ро 3 донишҷӯ, 3-ро 2 донишҷӯ, 4-ро 5 донишҷӯ иҷро намуданд, дар гурӯҳи санҷишӣ бошад - 8,6,11,13 донишҷӯ мутаносибан вазифаҳоро иҷро намудаанд. Фоизи баҳоҳои хуб ва аълои донишҷӯён аз рӯи ҳамаи вазифаҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна, назар ба гурӯҳи санҷишӣ баландтар аст. Шумораи баҳои

қанотабахш аз рӯи ҳамаи вазифаҳо дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна ба 9,3 % нисбат ба гурӯҳи санҷишӣ баландтар аст.

Ҷадвали № 5

| МОТ | Гурӯҳ, шумораи донишҷӯён | Вазифа | Натиҷаи иҷроиши вазифа. | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Пурра ба баҳои «5» иҷро (бо фоизҳо) | Қисман ба баҳои иҷро (бо фоизҳо) | Иҷро накарданд (бо фоизҳо) |
| ДДОТ ба номи С. АЙНӢ | 1 (таҷр.) 32 нафар | Вазифаи 1 | 12 | 19 | 1 |
| | | | 37,5 % | 59,4 % | 3,1 % |
| | | Вазифаи 2 | 15 | 14 | 3 |
| | | | 46,9 % | 43,8 % | 9,3 % |
| | | Вазифаи 3 | 14 | 16 | 2 |
| | | | 43,8% | 50% | 6,2 % |
| | | Вазифаи 4 | 10 | 17 | 5 |
| | | | 31,3% | 53,1 % | 15,6% |
| | 1 (санҷ.) 32 нафар | Вазифаи 1 | 9 | 15 | 8 |
| | | | 28,1 % | 46,9 % | 25% |
| | | Вазифаи 2 | 11 | 15 | 6 |
| | | | 34,4 % | 46,9 % | 18,8% |
| | | Вазифаи 3 | 9 | 12 | 11 |
| | | | 28,1 % | 37,5 % | 34,4 % |
| | | | 7 | 12 | 13 |
| | | Вазифаи 4 | 21,9% | 37,5 % | 40,6 % |

Ин нишондодҳо дар бораи самаранокии истифода бурдани воситаҳои аёнӣ (лавҳа ва кортҳо) ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дарак медиҳанд.

Ин бори дигар фарзияи моро дар бораи баланд шудани самаранокии омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои муосир ва ба инобатгирии ҳатмии робитаҳои байнифанӣ бо забони модарӣ (тоҷикӣ) тасдиқ менамоянд.

Проблематикаи омӯзиш дар доираи масъалаҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи шахсият дар раванди таълиму тарбия яке аз мақомҳои калидиро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз манфиатҳои ташхис бар ин самт бояд бештар ба инобат гирифта шаванд. Бояд чунин усулҳои ташхисиро дида баромад:

а) ба моҳияти фаъолияти таълимии инсон мутобиқат намоянд, махсусан фаъолияти таълимӣ, ки аз ҷониби таъсири берунаи таълиму тарбия ба танзим даровarда мешаванд ва аз ҷониби худи донишҷӯён худтанзимкунанда аст;

б) бо раванди омӯзиш робитаҳои зич доштанд, қобилияти ҳамгироии омӯзгор бо донишҷӯро дар раванди омӯзиши муқаррарӣ ва таълимот таъмин менамоянд.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ донишҷӯён аллакай дар дараҷаи муайян забони модариашонро аз худ намуданд, ва ин таҷриба дар забони модарӣ, чи тавре ки аён аст, ба донишҳои ба даст оварандаи донишҷӯён, маҳорату малакаҳо аз рӯи забони англисӣ таъсири калон мерасонад. Ин таъсиррасонӣ хусусияти дуҷониба дорад: он метавонад ё ба азхуднамоии забони англисӣ мусоидат намояд, ё ин ки онро мураккаб намояд, садди роҳи ин гардад. Дар ҳолати аввал сухан дар бораи гузариш меравад, дар ҳолати дуюм - таъсири интерференсия дида мешавад. Механизмҳои психологии гузариш ва интерференсия якхела мебошанд, фарқият дар арзёбии натиҷаҳои ҳамгироии ҳодисаҳои забонӣ дар фаъолияти нутқии донишҷӯён иборат аст.

Ҳангоми таъсиррасонии мусбии таҷриба ба фаъолияти нутқӣ бо забони модарӣ, яъне дар ҳолате, ки агар азхуднамоии забони англисӣ бо такя ба забони модарии донишҷӯён муваффақтар амалӣ карда шавад, мо бо гузариш сару кор дорем. Падидаи гузариш ҳангоми азхуднамоии забони англисӣ дар ҳолати монандии пурра ва ё қисмани воситаҳои забонии забонҳои робиташаванда мушоҳида карда мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо гузариши мусбӣ метавонад ҳамчун омили таъсиррасон ҳангоми ташаккулёбии малакаҳои нави забонҳои хориҷӣ истифода бурда шавад, зеро барои аз худ намудани воситаҳои монанди забонӣ аз ҷониби донишҷӯён қувваи иловагӣ масраф намудан лозим нест - инро дар мӯҳлати кӯтоҳ бо масрафи камтари нерӯ ба даст овардан мумкин аст. Малакаи кӯҳна ҳангоми коркарди малакаи нав таъсири мусбат мерасонад.

Ҳангоми таъсири манфии таҷрибаи нутқии донишҷӯён дар забони модарӣ, яъне агар робитаҳои мутақобилаи забонҳои робиташаванда раванди азхуднамоии нутқи забони хориҷиро мураккаб менамояд, мо бо интерференсияе сару кор дорем. Моҳияти интерференсия аз он иборат мебошад, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ барномаи ташаккули нутқиро, ки дар забони модарӣ мустаҳкам карда шудааст, гузаронидан ба забони ба ӯ нав ва сохтани нутқи забони хориҷӣ бо меъёрҳои забони модарӣ ба амал меорад.

Ин бо он маънидод мешавад, ки дар оғози омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ аллакай дорои маҳорату малакаҳои устувор дар забони модарӣ мебошад, дар ӯ аллакай қолабҳои муайяни нутқи модарӣ каркард шудаанд, ки ӯ онро бо тарзи ғайримуташаккил ба забони англисии омӯхташаванда мегузаронад, бо тарзи дигар гӯем, забони англисиро дар асоси ташаккули маҳорату малакаҳо, ки дар маводҳои забони модарӣ коркард шудаанд, дарк менамояд. Ин раванд бо тарзи ғайримуташаккил ба амал меояд, новобаста аз хоҳишу иродаи омӯзгор ва донишҷӯ, ва инро ба инобат нагирифтан мумкин нест.

Раҳои ёфтан аз таъсири забони модарӣ бо роҳи истиснонамоии пурра ё қисман аз раванди омӯзиши забони англисӣ, чи тавре, ки намояндагони намудҳои мухталифи усулҳои мустақим пешниҳод менамуданд, мумкин нест. Зеро таҷриба нишон дод, ки эҳтимол забони модариро аз раванди таълимот берун овардан мумкин бошад, вале берун овардани забони модарӣ аз майнаи донишҷӯ дар шароити муассисаҳои олии таълимӣ ғайриимкон аст.

Аз ин сабаб бо таъсири мусбӣ, интерференсияи таҷрибаи нутқӣ дар забони модарии донишҷӯ на бо роҳи ворид намудани омили донистани забони модарӣ, на бо роҳи берун овардан аз машғулиятҳо мубориза бурдан зарур аст, балки бо роҳи пешгирии раванди интерференсияи манфӣ онро баррасӣ кардан мумкин аст

Усулҳои омӯзиши забони англисӣ принсипи рафъи фаъоли одатҳои нутқии забони модариро пешниҳод менамояд, ки аз як ҷониб, дар дарки донишҷӯён фарқиятҳоро дар роҳҳои баёни фикр бо забони модарӣ ва забони англисӣ пешбинӣ менамояд, аз ҷониби дигар бошад - дар баҳисобгирии хусусиятҳои забони модарӣ

дар давраи кори омодакардашудаи маводи забонӣ, дар баҳисобгирии он мушкилот, ки бо фарқиятҳо дар забони модарӣ ва забони омӯхташавандаи англисӣ ба вуҷуд меоянд.

Бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиш омӯзгор бояд таъсири забони модариро ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба инобат гирад, нуқтаҳои ба ҳамоии забонҳои робиташавандаро донад, ки ба гузариши донишҳо, маҳорату малакаҳо аз забони модарӣ ба англисӣ мусоидат менамоянд, инчунин лаҳзаҳое, ки мушкилотро дар азхуднамоии забони англисӣ бо сабаби таъсири интерференсияи забони модарии донишҷӯ ба вуҷуд меоянд, донад. Воситаи асосӣ дар пешгӯии мушкилот дар азхуднамоии нутқи забони хориҷӣ таҳлили муқоисавии лингвистии низомҳои забонҳои модарӣ ва англисӣ мебошад, ки ба омӯзгор имкон медиҳад, ки кадом омилҳои грамматикии забони модарӣ барои гузариш асос мегарданд ва кадомашон сабаби интерференсия мешаванд, пешбинӣ намояд.

Таҳлили муқоисавии лингвистии қатори забонҳои модарӣ ва англисӣ мутобиқати омӯзиши забони англисиро имкон медиҳад, мушкилоти донишҷӯро дар азхуднамоии забони англисӣ ба инобат гирад, сабабҳои хатоҳои хосро боз менамояд, имкон медиҳад, ки роҳҳои самараноки аз байн бурдани ин хатоҳо коркард шаванд, имкон медиҳад вақт ва заҳматро, ки барои омӯзиши забони англисӣ масраф мешаванд, коҳиш диҳад.

Муносиботи мутақобилаи забонҳои модарӣ ва англисиро барқарор намуда, таҳлили муқоисавии лингвистӣ ба интихоби усулҳои методӣ таъсир мерасонад, зеро миёни донишҷӯёни миллаташон гуногун ҳангоми омӯзиши як мавод мушкилоти мухталиф пеш меоянд, ки бо номутобиқатии хусусияти забони модариашон бо забони омӯхташаванда маънидод мегардад.

Таҳлили муқоисавии забонҳо бо мақсадҳои таълимӣ дар амалисозии принсипи дидактикии дастрасӣ, муввофиқи қувва будан хидмат мерасонад. Дар асоси муқоисаҳои мазкур низоми мутобиқ, мақсадноки вазифаҳо сохта мешавад, ки интерференсияи забони модариро пешгирӣ менамояд, инчунин имкон

медиҳад омӯзиши амалии маводро дар асоси истифода бурдани зуҳуроти гузариш осон гардонад.

Чи тавре, ки мо аллакай қайд намуда будем, проблемаи омода намудани донишҷӯён ба худомӯзиш, ҳалли он дар сатҳи муосир - ин ҳалли проблемаи азхуднамоии ҳамаи ҷузъҳои фаъолияти худомӯзиш мебошад. Аз худ намудани яке аз онҳо, аз ҷумла, маҳорати маърифатӣ, алҳол имконияти ҳамроҳ намудани донишҷӯ ба чунин фаъолиятро таъмин наменамояд. Дар омӯзиши донишҷӯ ҳамон ҷузъҳои сохтории фаъолияти маърифатӣ ба таври возеҳ пешниҳод карда шудаанд, ки дар худомӯзиш мавҷуданд. Ба таври умумӣ гирем, худомӯзиш аз раванди таълимот бо он фарқ менамояд, ки дар як ҳолат фаъолияти маърифатӣ аз ҷониби омӯзгор идора карда мешавад, дар ҳолати дигар бошад аз ҷониби худи донишҷӯ.

Аз ин бар меояд, ки барои омода намудани донишҷӯ ба худтаълимгирӣ зарур аст, ки дар раванди таълимот функсияҳои идорашавандаи донишҷӯ, дар тамоми риштаҳои фаъолияти омӯзишӣ тадриҷан зиёд карда шаванд. Ин кор аз рӯи он ҳисоб карда шавад, ки вазни қиёсии ҷузъҳои худомӯзиш дар раванди омӯзиш ба синну соли болоӣ бемайлон зиёд шавад, ба донишҷӯ мавқеи фаъолтарро дар омӯзиш таъмин намояд.

Дар робита бо ин, сатҳи омӯзиши донишҷӯён бояд сифатан дигар бошад. Зарурияти азхуднамоии ҳатмии сатҳи минималии донишҳоро дарк намуда, мо, ба ҳар ҳол, имконпазир мешуморем, ки дар ин синну сол мундариҷаи таълимро чандиртар, гуногунҷанба намоем, то ки он пурра эҳтиёҷоти донишҷӯёнро қонеъ намояд.

Иштироки бевоситаи донишҷӯён дар муайян намудани ҷанбаи мундариҷавии таълимоти худ ҳудудҳои миёни ҷонибҳои намудҳои ҳатмӣ ва ихтиёрии дарknамоиро аз миён мебаранд, зеро кори ҳатмии таълимӣ дар низом, ки барои донишҷӯ аҳамияти бештар дорад, метавонад аз рӯи майли худ ва берун аз муассисаи олии таълимӣ идома ёбад. Ҳамчунин зиёд намудани ҳиссаи маърифати мустақилона дар раванди омӯзиш зарур аст. Мавзӯъҳои амалан барои

донишҷӯён дастрас, метавонанд аз ҷониби донишҷӯён барои омӯзиши мустақилона пешниҳод карда шаванд. Дар баробари ин, донишҷӯ бояд ба ҳайси ташкилотчии мустақили фаъолияти худ оид ба азхуд намудани ин мундариҷа баромад намояд: намудҳои кори худ, адабиёт, усулҳои иҷроиш, андозаи кор, шаклҳои худназоратро муайян намояд.

Муҳаё намудани шароит барои мавқеи мустақили донишҷӯ дар раванди омӯзиш, зиёд намудани ҳиссаи маърифати мустақилона ба омӯзгор имкон медиҳад шаклҳои гуногуни ташкили раванди омӯзишро истифода барад: семинарҳо, музокирот, микротаҳқиқотҳо, истифодаи зиёдтари шаклҳои гуруҳӣ ва инфиродии кор, ки донишҷӯёнро бе чуну чаро ба худомӯзӣ ҷалб менамоянд.

Сатҳи мазкури раванди омӯзиш аз омӯзгор шаклҳои чандири идоракунии раванди таълимиро талаб мекунад: шаклҳои идоракунии бевоситаи раванди таълимӣ; шаклҳои идоракунии бевосита ба таври табиӣ бояд бо шакли бовосита - дастурамал қабл аз кори мустақилона, маслиҳат, таҳлили кори иҷрогардида, назорати якдигарӣ ҳамроҳ карда шавад. Дар баробари ин аҳамияти калонро дар омӯзиш функсияҳои мушовирӣ касб менамояд, ислоҳнамоии ҷониби сифатии кори мустақилонаи донишҷӯ баррасӣ карда мешавад. Барои ин низом муҳити озоди муошırати корӣ миёни омӯзгор ва донишҷӯ бояд хос бошад, ки онҳо баробар дар сифати ҷониби сифатии кори умумӣ манфиатдоранд.

Ҳамин гуна, зиёд намудани функсияҳои идоракунии донишҷӯ дар раванди таълим, фаъолнок намудани мавқеъи ӯ ба ташаккулёбии омодагии донишҷӯ ба худомӯзиш мусоидати бемайлон менамояд, зеро инкишофи ҳамаи ҷузъҳои омӯзиш ба наздикнамоии он бо худомӯзиш равона карда шудаанд: қаноатмандии пурратар дар раванди таълимоти эҳтиёҷоти шахсии донишҷӯ, инкишофи ихтиёрӣ, вазни қиёсии мустақилӣ дар маърифат, майли бештар ба шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳҳии таълимот, ҷалб намудани донишҷӯ ба “сохтмони” фаъолияти маърифатии худ ва ғ.

Вале ин инкишофи ҷузъҳои раванди омӯзиш оид ба наздик намудани он бо худомӯзиш, метавонад танҳо ҳангоми истифодаи якҷояи низоми мақсадноки

омӯзиши ҳамаи донишҷӯён ва маҳорати хониши мустақилона таъмин карда шавад. Зеро зиёд намудани функсияҳои идоракунандаи донишҷӯ дар таълимот бо сатҳи баландтари маҳоратҳои маърифатӣ ва ташкилӣ таъмин карда мешавад, пас вазифаи педагог аз он иборат аст, ки донишҷӯро ба сатҳи нави омӯзиш омода намояд.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки ҳали вазифаи мазкур имконпазир аст, вале на дар доираи танҳо як худи машғулиятҳо, балки танҳо дар низоми “машғулиятҳо - кори хонагии таълимӣ - шаклҳои берун аз аудитариявии корҳо” ва ғ.

Низоми ташаккулёбии маҳорати кор кардани донишҷӯёнро бо ин ё дигар сарчашмаҳои иттилоот боз намуда, мо онҳоро дар марҳилаи охирини такмилдиҳӣ аз соҳаи омӯзиш, аз он ҷумла, шаклҳои мухталифи маърифати ихтиёрӣ баррасӣ менамоем. Маҳз ин имкониятҳо барои донишҷӯён шароит фароҳам меоваранд, ки онҳо оид ба худводоркунӣ, ба усулҳои самараноктари кор рӯ оварданд, онҳоро такмил диҳанд, онҳоро чандиртар ва умумитар намоянд. Вале албатта мавқеъи фаъоли донишҷӯ дар маърифат, ки дар худомӯзиш хеле зарур аст, аз донишҷӯ доштани сатҳи баланди маҳорати ташкилиро тақозо менамояд.

Зери маҳфуми маҳорати фаъолияти маърифатӣ мо маҳоратҳоеро мефаҳмем, ки суръати бештари маърифатиро таъмин менамоянд. Ба онҳо дохил мешавад: маҳорати гузоштани мақсади кори таълимии худ, муайян намудани роҳҳои амалигардонии он, маҳорати назорати натиҷаҳо ва мутобиқ ба маълумоти назорат самти минбаъдаи фаъолияти худомӯзишии худро муайян намудан ва ғ.

Ин маҳоратҳо на танҳо суръати маърифатиро зиёд менамоянд, вақти ба он масрафшударо коҳиш медиҳанд, сатҳи баландтари ҷоришавии онро таъмин мекунанд, балки имконияти ҷалб намудани донишҷӯ ба худомӯзишро муайян менамоянд, зеро он (худомӯзиш) дар навбати аввал ташкили таълимоти худ мебошад.

Нақши маҳоратҳои мазкур махсусан дар синну соли болоии донишҷӯён меафзояд, ҳангоме ки инкишофи хештаншиносӣ, барқарор шудани нақшаҳои зиндагонӣ, иҷтимоинамоии шахсият муносибати донишҷӯро бо муҳити иҷтимоӣ

гуногунчанба менамояд, мавқеъи ӯро нисбат ба муассисаи олии таълимӣ, ба раванди омӯзиш тағйир медиҳад. Дар ин синну сол хониш эҳтиёҷоти то рафт зиёдшавандаи шахсиятро қонеъ менамояд, кӯшишҳои худомӯзишро ҳавасманд мегардонад.

Мавқеъи нав нисбат ба муассисаи олии таълимӣ, ба омӯзиш мавқеъи қаблии иҷрочиро барҳам медиҳад. Донишҷӯён фаъолияти таълимиро зери нуқтаи назари шавқу рағбати худ ва нақшаҳои ҳаётӣ, ҷустуҷӯи истеъдодҳои худ ва мавқеъ дар ҷомеъа аз нав арзёбӣ менамоянд.

Омӯзиши маводи таълимӣ дар сатҳи ғояҳои пешбари илмӣ, донишҳои низомнок ва ҷаҳонбинии диалектикӣ-материалистии донишҷӯ муфид аст. Ин ғояҳои пешбарро бо воситаи кушодани муқаррароти пешбари мавзӯъҳои таълимӣ дар асоси робитаҳои байнифаннӣ амалӣ намудан имкон дорад, интихоби робитаҳои байнифаннӣ қавӣ бошад, бо зарурият барои ҳамаҷониба кушодани муқаррароти асосии мавзӯъҳои таълимӣ аҳамияти онҳо талаб карда мешаванд. Дар натиҷаи кушодани муқаррароти асосии мавзӯъҳои таълимӣ донишҷӯён ғояҳои пешбари фанҳои муассисаи олии таълимиро аз худ менамоянд - дар ин асос низоми пурраи илмии донишҳо таъсис дода мешавад, ки дорои зарфияти калони ҷаҳонбинӣ, дараҷаи баланди даркнамоӣ, ва донишҳои устувор мебошад.

Талаботҳои объективии банақшагирӣ ва амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ, марҳилаҳо ва роҳҳои ба нақшадарории раванди таълимӣ дар асоси робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ ҳангоми омӯзиши китобҳои таълимии пешбар, аёниятҳои таълимӣ ва методӣ, ҳангоми тартиб додани нақшаҳои дарсӣ ва мавзӯи ва ғайраро ошкор менамоем.

Амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ ба баландшавии сифати азхуднамоии мафҳумҳои фундаменталии илмӣ мусоидат менамояд, раванди ташаккулёбии маҳоратҳои зеҳнӣ ва фикрии дорои хусусияти амалидоштаро дар донишҷӯён суръатнок менамояд. Робитаҳои байнифанниро дар сатҳи муқаррароти пешбари мавзӯъи таълимӣ амалӣ намуда, ягонагии органикии баррасии таҳлилӣ ва

таркибии маводи таълимиро таъмин намудан мумкин аст.

Таҳлили моделҳои дидактикии робитаҳои байнифаннӣ дар мавзӯи таълимӣ нишон медиҳад, ки мавзӯи таълимӣ дар шароити амалӣ намудани робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ низоми кушодаи дидактикӣ бо мубодилаи босуръати иттилоот мебошад. Мубодилаи босуръати иттилоот миёни мавзӯҳои фанҳои мухталиф дар шароити амалӣ намудани муқаррароти зарурӣ ва аҳамиятдор барои боз намудани муқаррароти пешбари мавзӯи таълимии робитаҳои байнифанӣ ба таҷдиди донишҳо оварда мерасонад.

Ҳамин гуна, мавзӯи таълимӣ, ки дар асоси робитаи васеи байнифаннӣ омӯхта мешавад, низоми донишҳои босуръат, аз лиҳози сифат тағйирёбанда, пайваста инкишофёбанда мебошад. Ҳамин гуна, раванди амалӣ намудани робитаҳои бисёрҷонибаи байнифаннӣ бо мақсади кушодани асосҳои илмӣ, низомнок, маҷмӯи муқаррароти пешбари мавзӯҳои таълимӣ ва дар ин асос ташаккул додани ҷаҳонбинии диалектикӣ-материалистии донишҷӯён ҳамаи ҷонибҳои ин равандро дахл менамояд ва тағйир медиҳад: мундариҷавӣ, зеҳнӣ-фаъолиятӣ, эҳсосотӣ-маънавӣ ва ғайраро.

Дар вақтҳои охир таҷрибаи педагогӣ ва нашри лингвистикӣ ба масъалаҳои муқоиса намудани усул аҳамияти зиёд медиҳанд. Ин фаҳмо аст: ҳам эҳтиёҷоти рӯзмарраи омӯзиши забони англисӣ ва рағбати зиёд ба забони англисӣ таҳияи усулҳои омӯзиши забони ғайримодариро дар сатҳи илми муосир дар бораи забон тақозо менамояд, ин эҳтиёҷот бошад, дар навбати худ, таҳияи назарияи марбутаи забоншиносиро тақозо менамояд.

Қабл аз оне, ки дар бораи бартарият ва камбудиҳои аёниятҳо ва мақолаҳо оид ба усули муқоисавӣ ҳарф ронем, бояд баъзе принсипҳои назариявиро муайян кунем, пас аз ин метавонем ба адабиёти мавҷудаи забоншиносӣ баҳо гузорем. Муқаррароти аввал ҳангоми муайян намудани усули муқоисавӣ - ин фарқияти амиқи усулҳои муқоисавӣ ва баробаркунонӣ мебошад. Усули муқоисавӣ ба ҷустуҷӯи монандиҳо дар забонҳо равона карда шудааст, барои ҳамин фарқиятҳоро бояд як тараф намуд. Мақсади он - таҷдиди гузашта бо роҳи паси

сар намудани ҳозира мебошад. Усули баробаркунӣ принсипнок таърихӣ ва прагматикӣ мебошад. Усули баробаркунӣ бояд принсипнок забонҳои таҳқиқшавандаро ғайриинфиродӣ намояд. Танҳо муайянкунии муттасили фарқиятҳои худиву бегона бояд ва метавонад мақсади қонунии таҳқиқоти муқоисавии забонҳо бошад.

Бар қиёс аз баробарнамоӣ усули муқоисавӣ сирф прагматикӣ аст, он ба мақсадҳои муайяни амалӣ ва таҷрибавӣ равона карда шудааст, ки ҷанбаи баррасии проблематикаи назариявии онро истисно наменамояд.

Мавзӯи усули муқоисавӣ ба таври васеъ дар таҷрибаи диссертатсияҳои солҳои охир инъикос ёфтаанд, ки вобаста ба ин В. Н. Ярсева дар мақолаи худ “Дар бораи усули муқоисавиии омӯзиши забонҳо” изҳори акида менамояд.

Муаллиф усули баробарнамоӣ-таърихӣ ва муқоисавии омӯзиши забонҳоро қиёс менамояд, «... ҳангоме ки дар натиҷаи ин муқоисанамоӣ хусусият ва сифатҳои ин забонҳо муайян карда мешаванд, на масъалаҳои наздик будани онҳо», ва иброз медорад, ки ин бо эҳтиёҷоти омӯзонидани забони англисӣ ва соҳаи тарҷума намудан аз як забон ба забони дигар маҳдуд карда мешуд.

Маълумотҳои психологон аз он шаҳодат медиҳанд, ки мушкилии аслӣ ҳангоми омӯзиши забони дуюм дар “азнавсозии қолабҳои тафаккур, вобаста ба омӯзиши забонҳо мебошад, аз ин лиҳоз маводи забони омӯхташаванда бояд бо маводи забони модарӣ муқоиса карда шавад ва хулосаҳое, ки аз чунин муқоиса бар меоянд, дар аксар маврид усулҳои оптималии омӯзишро муайян менамоянд”.

Бояд муқоисакунии забоншиносии забонҳо ва муқоисакуниро бо мақсадҳои методиро ҷудо намуд. Муқоисакунии забоншиносии забонҳо одатан бо мақсади муайян намудани типологияи онҳо дар маҷмӯъ ё дар соҳаҳои алоҳида гузаронида мешавад, инчунин барои ошкор намудани омилҳои инкишофи зуҳуроти алоҳида. Объекти муқоиса аз нуқтаи назари методӣ, мисли забоншиносӣ, ду низоми забонӣ мебошад. Фарқият миёни онҳо дар он аст, ки ҳангоми муқоисаи методӣ, низомҳои забониро рӯи ҳам гузошта, онҳоро бо он субъект муқоиса менамоянд, ки ҳомили забони мазкур ва забони дуюми омӯхташаванда мебошанд. Маҳз барои

ҳамин муқоисанамоии сирф забоншиносӣ он асос ба ҳисоб меравад, ки бидуни он муқоисакунонии илмӣ бо мақсадҳои таълимӣ ғайриимкон аст.

Азхуднамоии низоми забони дигар бо роҳи ё гузаронидан, ё ислоҳнамоӣ, ё ин ки ташаккул додани маҳорату малакаҳои нави нутқӣ меравад. Ин се намуди механизми психологии азхуднамоии нутқи забони хориҷӣ аз нуқтаи назари усули забоншиносӣ бо се гурӯҳи омилҳо пешгӯӣ карда мешавад:

а) бо зуҳуротҳо, ки дар забонҳои омӯхташаванда ва модарӣ ба ҳам рост меоянд ва аз ин лиҳоз аз забони модарӣ ба забони омӯхташаванда гузаронидани онҳо имконпазир мебошанд;

б) бо зуҳуротҳо, ки қисман рост меоянд, онҳое, ки бояд ислоҳ карда шаванд;

в) бо зуҳуротҳое, ки ба ҳам рост намеоянд ва дар забони модарӣ вуҷуд надоранд, ки онҳоро бояд аз нав омӯхт.

Зуҳуротҳои дар натиҷаи чунин муқоисаи забонҳои омӯхташаванда ва модарӣ ошкоршуда, аз лиҳози методӣ шаҳр дода мешаванд, яъне типологияи методии ин зуҳурот бо назардошти забони модарии донишҷӯ, ки бидуни ин дарки амику мустаҳкам ва азхуднамоии ҳолатҳои забони омӯхташаванда ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тарик, забони англисӣ бо додани донишҳо ва ташаккул додани маҳорат, шахсияти донишҷӯро инкишоф медиҳад, яъне сатҳи баландтари дарк намудан ва донистани забонҳоро ташаккул медиҳад. Инкишофи шахсияти донишҷӯ - ин раванди гузариши онҳо аз як тассавурот дар бораи забон ба тассавуроти сифатан нав, такмилёфтатар ва мураккабтар мебошад, ин барқарор гардидани ҷаҳонбинии илмӣ-лингвистикии онҳо мебошад. Нишонаҳои хоси ин раванд инҳоянд: назари ташаккулёфтаи лингвистии донишҷӯ ба забон, ҳиссиёт ба забон, мустақилона гузаронидани донишҳо ба маводи нав, худназораткунӣ дар рафти истифода бурдани забон ба ҳисоб меравад.

## 2.2. Таъминоти васоити инноватсионӣ ва технологӣ дар шароити муосир барои омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ

Барои ташаккул додани тафаккури мустақил ва инкишофи нутқи донишҷӯён дар баъзе муассисаҳои ш. Душанбе китоби таълимии мултимедии забони англисиро истифода мебаранд, зеро он воситаи нодири технологияи нав ба шумор меравад. Он чиро таҷассум менамояд? Ин китоби компютерӣ мебошад. Усули ҳамаҷониба фикр карда баромада, махсус барои омӯзиши компютерии забони англисӣ таҳия намуда, ҳаҷми калони маводи ба таври дақиқ интихобнамуда ва воситаҳои зеҳнии назорат дар маҷмӯъ ҳамаи шароитҳоро барои омӯзиши самараноки забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ муҳаё менамояд.

Маълум аст, ки воситаи самараноктарини омӯзиши забони англисӣ ин ворид шудан ба муҳити забонӣ мебошад. Васоити таълимии мазкур моро ба ин шароитҳо ба таври максималӣ наздик месозад. Мо ҳолатҳои мухталифи ҳаётиро дар боби диалогӣ истифода мебарем. Бо шарофати китоби таълимии мултимедӣ мо нутқи англисиро мешунавем, онро мефаҳмем, тарҷума мекунем, ҳарф мезанем, диктант менависем, ҳамзамон захираи калимаҳоро ғанӣ мегардонем ва бо шаклҳои грамматикии он шинос мегардем. Инчунин дар дарси бахши 2 ДДОТ ба номи С. Айнӣ мо филми калонҳаҷмро бо забони англисӣ «Тутси» тамошо намудем. Боби "Филм"-и китоби мазкур ба 19 машғулият тақсим карда шудааст, ки дар мундаричаи зернизоми диалогӣ қарор дорад.

Кор кардан бо низоми «Филм» - ин аз ҳама марҳилаи мураккаби омӯзиши забони англисӣ мебошад. Ӯ аз он сабаб мураккаб аст, ки маводи дар он мавҷудбуда барои давраи аввали омӯзиш мутобиқ гардонида нашудааст, балки барои ба таври максималӣ наздик намудани мо ба муҳити воқеъии забонӣ пешбинӣ шудааст. Қаҳрамонони филм, дар тафовут аз нотиқони касбӣ, суханҳояшонро бо эҳсосот ва дар баъзан маврид норавшан

талаффуз менамоянд, ки ба дарки аввалин монеа мешавад, вале моро ба нутқи ҳақиқӣ, зиндаи забони англисӣ омода менамояд. Аз ин сабаб намуди кори мазкур аз ҷониби мо дар нимсолаи дуюми бахши 1 истифода карда шуд, зеро донишҷӯён аллакай барои шунидани нутқи англисӣ омода мебошанд.

Мо тарҷумаро хомӯш намуда, кӯшиш кардем бифаҳмем, ки қаҳрамонони филм дар бораи чӣ сухан меронанд ва дар баробари ин ба слайдҳо ва матни англисӣ такя менамудем. Албатта на ҳамаи донишҷӯён ҳама чизро аз бори аввал фаҳмида тавонистанд. Баъдан мо ба реҷаи қадам ба қадам гузаштем ва вобаста ба ҳар як ибораи алоҳида кӯшиш намудем онро коркард намоем: як чанд маротиба онро шунавидем, бо микрофон такрор кардем, дар навиштан машқ кардем.

Баъдан як ифодаи англисиро борҳои зиёд шунавидем, диққати худро танҳо ба талаффузи он равона сохтем. Баъдан талаффузи гуфтаҳоро бо матни англисии ҳамроҳшаванда мушоҳида намудем. Баъдан аз болои талаффуз кор намудем. Донишҷӯён борҳо ҷумларо гӯш карда бо микрофон такрор мекарданд. Аввалан матни англисиро мехонданд, баъдан аз паси қаҳрамон такрор менамуданд. Баъд аз оне, ки ба таври максималӣ талаффуз, суръат, оҳанги овоз ва назми он ба гуфтаҳои қаҳрамон шабоҳат пайдо намуд, мо ба марҳилаи навбатӣ гузаштем. Аз рӯи ҳар як ҷумлаи машғулият диктант навишта шуд.

Баъдан мо дар тарҷумаи баръакс машқ намудем. Бо ёрии микрофон донишҷӯён бо забони англисӣ ҷумлаҳоеро, ки дар равзана равшан дода мешуд, мехонданд ва тарҷумаро бо матни аслӣ муқоиса менамуданд. Дар баробари ин, на танҳо ба дурустии интихоби калимаҳо, балки ба оҳанги сухан низ аҳамият дода мешуд. Баъзе донишҷӯён тавонистанд ҳолати нутқиро ба таври худ соясозӣ намоянд, ба гуфтаҳои қаҳрамонҳо ба таври дигар ҷавоб медоданд, ки дар он онҳо тафаккури мустақилонаи худро истифода менамуданд ва ҳангоми сухан гуфтан, инкишофи маҳорати нутқӣ

ба амал меомад.

Боби грамматикии бахш бо маводҳои назариявӣ ва вазифаҳо оид ба коркарди малакаҳои нутқи хаттӣ пешкаш карда шудааст.

Фонетикаи англисӣ дар бахш бо низоми алоҳидаи таълимӣ пешниҳод карда шудааст. Ин маводи назариявӣ ва вазифаҳо оид ба коркарди ҳар як овоз, оҳанги садо, задаҳо, суръат ва назми нутқ мебошанд.

Дар боби «Диалогҳо» иттилооти фоидаовар хеле зиёд аст. Боби «суоли умумӣ»-ро гузашта «/No question» дар бахши 1 ДДОТ ба номи С. Айнӣ, диалогҳои машғулиятҳои 1 - 4 гирифта шуда, ин намуди суол интихоб карда шуд. Донишҷӯён метавонистанд дар тахтаи электронӣ худи диалогҳоро бубинанд, талаффузи онҳоро шунаванд ва худашон онҳоро талаффуз намоянд:

Дарси Бубахшед!

Excuse - Бубахшед!

-Yes? -Бале?

Is this your bag?- Ин борхалтаи шумо аст?

Yes it is - Бале

Thanks very much. -Ташаккури зиёд

Дарси Ин ...шумо аст?

- Is it your pen?- ин худкори шумо аст?

Yes,it is.

-Бале, ин ҳамон аст.

Is it your pencil? - Ин қалами шумо аст?

Yes, it is. - Бале, ин ҳамон аст.

Is this your book?- Ин китоби ту аст?

Yes, it is- Бале, ин ҳамон аст.

Is this your watches?- Ин соати шумо аст?

Yes, it is - Бале, ин ҳамон аст.

Is it your coat? - Ин палтои шумо аст?

Бале, ин ҳамон аст.

Дарси 3. *Дар гардероб*

This is my umbrella.

Sorry sir.

Is it your umbrella? -No it isn't.!

-Is it?

Yes, it is. Thanks very much.

this is your -No, it is

Is this a pencil?

Yes, it is.

Is it your dress?

it isn't.

coat and umbrella please. - Палто ва чатри маро лутфан.

Here my ticket.- Мана чиптаи ман.

Here is an umbrella and coat. -Ана чатр ва палтои шумо.

Ин чатри ман нест.

Узр мехоҳам,

Ин чатри шумо аст?

Не, азони ман не.

Инаш бошад азони шумо?

Бале, аз они ман. Ташаккури зиёд.

Ин қалами шумо аст?

Не, ин он нест.

Ин қалами ту аст?

Бале, ин ҳамон аст.

Ин пироҳани ту аст?

- Не, ин он нест.

Дар баробари ин, онҳо бо грамматика шинос шуда, захираи калимаҳояшонро ғанӣ гардонданд. Барои дар хотир мондани диалогҳо мо онҳоро якчанд маротиба шунидем, баъдан мо равзанаи тарҷумаҳоро хомӯш намудем ва донишҷӯён кӯшиш мекарданд, дарк намоянд, сухан дар бораи чӣ меравад, бо такя аз слайдҳо ҷавоб медоданд.

Матни «My friend's» дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода баррасӣ гардида, донишҷӯён дар бораи оилаҳои худашон нақл менамуданд ва барои мустаҳкам намудани донишҳо диалоги "Оила" аз бахши мазкур интихоб карда шуд.

*Оила*

-Sawyers live in 87 King street. - Оилаи Сойерҳо дар бинои - 87дар кӯчаи Кинг истиқомат менамоянд.

In the morning Mr Sawyer goes to work and children go to school. Саҳар ҷаноби Сойер ба кораш меравад, кӯдакон бошанд ба мактаб мераванд.

Their father takes them from school every day. - Падарашон ҳаррӯз онҳоро аз мактаб мегирад.

Sawyer stays at home every day - Сойер ҳаррӯз дар хона мемонад.

She does housework. - Ӯ бо корҳои хона машғул мешавад.

She always eats lunch at the middle of the day Ӯ ҳамеша хӯроки нисфирӯзии худро дар миёнаи рӯз мехӯрад.

She usually meets with her friends - Рӯзона ӯ одатан бо рафиқонаш вомехӯрад.

They often drink tea together. - Онҳо аксар вақт якҷоя чой менӯшанд.

In the evening the children come Бегоҳирӯзӣ кӯдакон аз мактаб ба

from school. - хона бармегарданд

They come home early. - Онҳо ба хона барвақт меоянд.

Sawyer comes from work. - Чаноби Сойер аз кор ба хона бармегардад. He arrives home late. - Ӯ ба хона дер меояд.

At night, the children always do Бегоҳӣ ҳамеша кӯдакон вазифаи

their homework. - хонагиро омода менамоянд.

Then they go to bed. - Баъдан онҳо хоб мекунанд.

Mr Sawyer usually reads - Чаноби Сойер одатан рӯзнома

newspaper, but sometimes мехонад, вале баъзан вақт ӯ бо

he watches television with his wife. завчааш телевизор тамошо мекунад.

Вале дар оғози машғулиятҳо мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки баъзе ҷумлаҳо ва лексикаи навро бо ёрии китоби таълимии мазкур аз худ намоянд. Калимаҳо сараввал аз ҷониби донишҷӯён аз паси омӯзгор такрор карда мешуданд. Дар баробари ин ба оҳанги садо ва талаффуз аҳамият дода мешуд. Баъдан диалоги “Оила” шунида шуд ва донишҷӯён мекӯшиданд диалоги худашонро бо истифода аз калимаҳо ва ибораҳо тартиб диҳанд. Натиҷаҳои санҷиши назоратӣ дар ҷадвали № 6 оварда шудаанд. Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 2 ҷумлагӣ зиёдтар тартиб доданд, назар ба гурӯҳи назоратӣ (8,6 ҷумла зиди 6,4). Ғайр аз ин, дар ҳар як ҷумла донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 3 калима зиёдтар истифода намуданд, назар ба гурӯҳи назоратӣ (9,7 калима зиди 6,8). Ин дар бораи захираи калонтари донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ далолат медиҳад ва самаранокии усули интихобкардаи моро тасдиқ менамояд.

Ҷадвали № 6

| МОТ | Гурӯх, шумораи донишҷӯён | Шумораи умумии ҷумлаҳо | Шумораи миёнаи ҷумлаҳо Ба ҳар як | Шумораи умумии калимаҳо | Шумораи миёнаи калимаҳо дар ҳар як ҷумла |
|---|---|---|---|---|---|
| ДДОЗТ ба номи С. Улуғзода | 1 «а» (таҷ.) 28 ч. | 240 | 8,6 | 2328 | 9,7 |
| | 1 «б» (наз.) 32 ч. | 205 | 6,4 | 1394 | 6,8 |

Ҳангоми гузаштани мавзӯи ҷонишини номуайян ва дараҷаҳои муқоисаи хабарҳо дар бахши 2 ДДОТ ба номи С. Айнӣ машғулияти 110 бахши мазкур гирифта шуд. Мо маънои ҷонишини номуайян ва истифодабарии онро фаҳмонидем. Инчунин фаҳмонида шуд, ки хабар чист ва дараҷаи муқоисаи он little, few (less, fewer -шакли муқоисавӣ) гирифта шуданд ва шакли истифодабарии онҳо нишон дода шуд.

I've got some coffee.

I've got less than you have.

I've got very little.

I've got some books.

I've got fewer than you have.

I've got very few.

Ман қаҳва дорам.

Ман назар ба ту камтар (қаҳва) дорам.

Ман хело кам (қаҳва) дорам.

Ман якчанд китоб дорам.

Ман назар ба ту камтар (китоб) дорам.

Ман хеле кам (китоб) дорам.

Донишҷӯён диалогро аз паси нотиқ такрор менамуданд, талаффузи онро коркард менамуданд ва аз рӯи қолаб диалогҳои худашонро тартиб медоданд.

Натиҷаҳои иҷроиши вазифа дар ҷадвали № 7 оварда шудаанд.

Ҷадвали № 7

| МОТ | Гурӯҳ, шум. | Шумораи ҷумлаҳои навишташуда | | | | | | Шумораи умумии |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 | Аз ӯҳда набаромаданд | |
| С. АЙНӢ | 1 | 8 | 7 | 4 | 1 | - | 1 | 82 |
| | | 38,1 % | 33,3 % | 19% | 4,8 % | - | 4,8 % | |
| ДДОТ ба номи | 1 | 2 | 5 | 2 | 4 | 1 | 6 | 45 |
| | | 10% | 25% | 10% | 20% | 5% | 30% | |

Аз ҷадвалҳои мазкур дида мешавад, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ 82 ҷумла тартиб доданд, донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ бошад 45 то. Ғайр аз ин дар гурӯҳи таҷрибавӣ ҳамаги 1 донишҷӯ (4,8 %) аз ӯҳдаи иҷрои вазифа набаромад, дар мавриде, ки дар гурӯҳи санҷишӣ - 6 донишҷӯ (30%).

Маълумотҳое, ки дар ҷадвалҳои № 6, 7 оварда шудаанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки самаранокии омӯзиши забони англисӣ як дараҷа баландтар мешавад, агар технологияҳои пешқадами муосирро дар омӯзиш ва аз ВТТ, аз ҷумла, технологияҳои компютериро истифода барем.

Инак, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳад, ки воситаҳои омӯзиш метавонанд накши мусбиро бозанд, агар дар доираи низом итифода бурда шаванд, агар робитаи мутақобилаи онҳо дар раванди ҳалли вазифаҳои

муайяни таълимӣ ба инобат гирифта шаванд.

Ба ақидаи мо, боз як воситаи самараноки омӯзиш бозиҳои дидактикӣ мебошанд. Аллакай борҳо такрор карда будем, ки барои ташкил намудани машғулият, омӯзгор бояд аз усулҳо ва шаклҳои мухталифи кор истифода барад. Албатта, чунин намуди кор нав нест, вале агар бозӣ сарчашмаи иттилоот, ҳам шакли кор, ҳам ҳавасмандӣ, ҳам шакли худбознамоӣ гардад, пас ин метавонад танҳо ба майл намудани он ба шахсият кӯмак расонад. Бозӣ инсонро дар давоми тамоми умраш ҳамроҳӣ менамояд, онро бомаърифат, ҷолиб, шавқовар мекунад. Шакли бозӣ дар машғулиятҳо шавқу рағбати донишҷӯёнро нисбат ба фан зиёд менамояд, барои таълимоти минбаъда такон мебахшад, кӯмак менамояд қобилияти эҷодиашонро амалӣ кунанд. Он дарсро рангин, ва аз нигоҳи эҳсосотӣ равшан менамояд. Дар дарси забони англисӣ усулҳои мухталифи бозиро истифода бурдан мумкин аст: ҳолати бозӣ, бозӣ, намоиши зеҳнӣ ва ғайра.

Бозиҳо, махусан бозиҳои дидактикӣ, дар методикаи таълиму тарбияи донишҷӯён мақоми махсусро ишғол менамоянд. Онҳо дар таҷрибаи омӯзиши аввалия, аз он ҷумла, дар дарсҳои забони модарӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.

Бозиҳои дидактикӣ:

а) донишҷӯёнро ба мустақилӣ ва фаъолияти фаъоли зеҳнӣ водор менамоянд;

б) раванди машғулиятҳоро гуногун ва ҷолиб менамоянд;

в) ба эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва психологии кӯдакон ҷавобгӯ мебошанд, шиддати зеҳниро дар дарс ба танзим медароранд.

Дар шароити омӯзиши интегратсиякунонидашуда бозиҳои дидактикӣ фанҳои ба ҳам монандро мепайванданд ва дар бар мегиранд, дар натиҷа, донишҷӯён бо роҳи бозӣ намудан робитаҳои миёни фанҳо ва зуҳуротҳоро ошкор месозанд, моҳият ва мундариҷаи маводи азхудкунандаро мефаҳманд. Фаъолияти бозӣ тамоми имкониятҳои зеҳнии донишҷӯёнро ба кор

медарорад, ба инкишофи зеҳнӣ ва маърифатии фаъолияти донишҷӯён мусоидат менамояд.

Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун намуди мустақилу алоҳидаи машғулияти интегратсияшуда асосҳои зерини назариявӣ доранд:

Дар ҳаёт ва фаъолияти донишҷӯён бозӣ мақоми муҳимро ишғол менамояд ва вақти зиёдеро тақозо мекунад. Истифода намудани як чанд намуд ё як қатор бозиҳои дидактикӣ дар як дарс, идора намудани эҳтиёҷоти маънавӣ, ҷисмонӣ ва маърифатии донишҷӯён ғайриимкон мебошад, зеро ин вақти зиёдеро дар андозаи як дарс тақозо менамояд.

Силсилаи бозиҳои дидактикӣ, ки мақсад ва вазифаҳои якҷояи дидактикӣ доранд, тамоми зарфияти зеҳнии донишҷӯро ба кор меандозанд, ба гирифтани донишҳои пурра мусоидат менамоянд.

Бозиҳои дидактикӣ дар назди донишҷӯён равзанаҳоро ба эҷодиёт боз менамоянд, эҳтиёҷоти маънавӣ ва маърифатиашонро дар раванди фаъолияти таълимӣ қонеъ менамоянд, ки ба принсипҳои омӯзиши интегратсияшуда мувофиқат менамояд.

Силсилаи бозиҳои дидактикӣ моҳияти абстрактро мушаххас менамояд, фаъолияти бозӣ ва таълимиро муттаҳид менамояд, раванди маърифатиро дастрас, инкишофдиҳанда ва таълимдиҳанда мекунад. Нутқи шахсӣ ба предмети мушоҳиданамоӣ ва омӯзиш мубаддал мегардад.

Дар асоси ақидаҳои нишондодашуда ва хулосаҳои назариявӣ зарурияти амалинамоии амалии бозиҳои дидактикӣ ҳамчун намуди алоҳида ва мустақили машғулиятҳо, ки ба азхуднамоии маҳсулноктари донишҳо мусоидат менамояд, тасдиқ мешавад. Аз рӯи сохтори хеш озод буда, он ба маҳфум, мундариҷа ва мақсадҳои дидактикии бозиҳо, ки барои машғулиятҳо интихоб карда шудаанд, мутобиқ мебошад. Дар муайян намудани сохтор ва мундариҷаи ин намуди машғулият нақши калон мебозад. Дар як ҳолат ин намуди машғулият қабл аз омӯзиши мавзӯъҳои мураккабу душвор истифода бурда мешавад. Онҳо бо мақсади мушаххаснамоии маҳфумҳои абстракт ва

наздик намудани онҳо ба шароитҳои ҳаёти атроф истифода мешаванд. Дар дигар ҳолат ин намуди машғулият баъд аз азхуднамоии боби таълимии якчанд мавзӯъ бо мақсади умумигардонии донишҳои азхуднамуда ва гузаронидани робита миёни онҳо истифода бурда мешавад. Дар ҳолати сеюм, чунин намуди машғулият бо назардошти ҳолати психологии гурӯҳ вобаста ба фаъолияти дарозмудати зеҳнӣ гузаронида мешавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки "дарсҳои бозиҳои дадактикӣ" дар давоми соли хониш на зиёдтар аз 8-10 маротиба гузаронида мешаванд ва аз омӯзгор омодагии калони пешакиро тақозо менамоянд.

Мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар "дарсҳои бозиҳои дадактикӣ" аз бозиҳои якшакл иборат бошанд, онҳо ба ҳадаф намерасанд ва ҳатто ба дили донишҷӯён бо якшаклиашон мезананд. Аз ин лиҳоз бозиҳоро бояд гуногуншакл намуд: мисол, "Бозиҳои нақшофарӣ", "Ёфтан", "Иваз намо", "Барнома", "Тасвир" ва ғайра. Омӯзгор бояд фаъолнокӣ ва ташаббускории донишҷӯёнро дастгирӣ ва инкишоф диҳад. Ин намуди машғулият ба тавлид шудани ҳиссиёти романтикӣ ва тасаввуроти донишҷӯён, мустақилии онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин гуна, ягонагии раванди педагогӣ ва хусусиятҳои сифатии он дар аксар маврид аз мундариҷаи машғулият вобастагӣ дорад, хусусиятҳои дидактикии он дар ҷанбаҳои мазкур инъикос меёбад: дар шаклҳои ташкилӣ, дар низоми усулҳои истифодашаванда ва мантиқи омӯзиши фанҳо, гузаронидани силсилаи машғулиятҳо мутобиқ ба динамикаи сохтори ба роҳ мондани машғулиятҳо, дар инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён ва ғ. Ҳамаи ин дар сатҳи сифатӣ, ҳалли вазифаҳои таълимӣ ва инкишофдиҳанда таъсир мерасонад.

Пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, хусусияти интенсивии инкишофи ҳамаи соҳаҳои ҷамъият бо таълиму тарбияи ҷавонон алоқаманд мебошанд. Таҳқиқотҳое, ки ба фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯён ва ташаккулёбии нақшаҳои ҳаётии онҳо бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки барои

донишҷӯёни муосир дарки робитаи ногусастании худ бо ҷомеа, майл намудан ба идеалҳои баланди маънавӣ хос аст.

Аз ҷониби педагогон имкониятҳои бозӣ дар ташаккулёбии сифатҳои иҷтимоӣ-арзишии наврасон ва донишҷӯён таҳқиқ карда шудаанд. Вале, таҳқиқотҳои имкониятҳои бозӣ дар тарбияи донишҷӯён аз ҳад каманд ва мақсадҳои дидактикиро дар машғулиятҳо ё ин ки дар кори берун аз аудиторӣ аз рӯи фан пайгирӣ менамоянд. Таҳлили таҷрибаи оммавӣ эҳтиёҷоти калони муассисаҳои олии таълимиро дар таҳияи усулҳои фаъол, ки ба ворид шудани донишҷӯён ба ҳаёти калонсолӣ мусоидат менамоянд, нишон дод.

Таҳрезии бозиҳо ҳамчун воситаи педагогӣ, ки дар ҳалли вазифаҳои ташаккулёбии меъёрӣ-арзишии донишҷӯён қодиранд, дар принсипҳои моделкунонӣ ва қонуниятҳои психологӣ-педагогӣ асос меёбанд. Шароитҳои муваффақияти педагогии шаклҳои мазкури бозиҳо муайян мешаванд: бо донистани соҳаи иҷтимоӣ ва дурнамои инкишофи он; бо баҳисобгирии хусусиятҳои синну солӣ, хусусияти фаъолияти бозӣ ва ғайра.

Бо назардошти ҷонибҳои зиёди ин раванд, маҷмӯи усулҳо истифода бурда мешаванд: таҳлили адабиёти фалсафӣ, иҷтимоӣ, пихологӣ, педагогӣ, ки ба дарки моҳияти фаъолияти бозӣ кӯмак мерасонанд.

Бозии нақшофарии одамони синну соли гуногун асосҳои умумии сохторӣ доранд. Новобаста аз мавҷуд набудани таҳқиқотҳо дар бораи нақши бозии донишҷӯён, намояндаҳои илмҳои мухталиф диққатро ба мавҷуд будани эҳтиёҷоти бозикунӣ дар синни ҷавонӣ ва зарурияти такя намудан ба он дар кори таълимӣ ҷалб менамоянд. Дар ҳолати мазкур сухан дар бораи бозиҳои ғайримуташаккил меравад, ки ҳангоми муоширати ғайрирасмӣ ба роҳ монда мешаванд [122, с.43].

Зарурияти фаъолнок намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯён бо омилҳои зиёди иҷтимоӣ фаҳмонида мешавад. Илм имрӯз ба қувваи бевосита истеҳсолкунанда мубаддал мегардад. Дар робита ба ин дар назди муассисаи

олии таълимӣ вазифа пеш меояд - зиёднамоии бемайлони самаранокӣ ва сифати кори таълимӣ-тарбиявӣ, ба даст овардани он, то ки ҳар як машғулият ба инкишофи рағбати маърифатии донишҷӯён мусоидат намояд. Ҳоло маҷмӯи донишҳо, ки дар мактаб ба даст оварда мешавад кофӣ нест. Зарур аст ба ҳар як донишҷӯ такмил додани донишҳои худро омӯхт. Ин маънои онро дорад, ки ба ҷузъ азхуднамоии асосҳои илмҳо, муассисаи олии таълимӣ бояд рушди маҳоратҳои эҷодии донишҷӯёнро таъмин намояд. Дар робита бо ин проблемаи фаъолнокнамоии фаъолияти маърифатӣ, баланд бардоштани самаранокии ҳар як машғулият аҳамияти навро касб менамояд.

Усулҳои дидактикӣ, воситаи фаъолноккунӣ буда, дар худ функсияҳои эҳсосотӣ ва самаранокро таҷассум менамояд, раванди таълимиро барои донишҷӯён ҷолиб ва шавқовар мекунад. Бозии дидактикӣ ба соҳаи нерӯи маънавии шахс дохил мешавад, раванди таълимиро камтар академӣ менамояд, онро бо шаклҳои мухталифи фаъолияти ҳаёт наздик мекунад. Вақтҳои охир аҳамияти бештар ба таҳқиқоти бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи фаъолнамоии фаъолияти маърифатӣ дода мешавад. Қисмати зиёди таҳқиқотҳои гузаронидашуда проблемаи фаъолнамоии фаъолияти маърифатиро дар асоси бозӣ ё ин ки аз нуқтаи назари методӣ, ё ин ки дар омоданамоии касбӣ ҳал менамоянд.

Истифодабарии мақсадноки ҷузъҳои бозӣ метавонад сатҳи омӯзишро баланд бардорад ва онро барои донишҷӯён аҳамиятноктар кунад. Предмети бозиҳои дидактикӣ таъсири бозӣ ба фаъолнокнамоии фаъолияти маърифатии донишҷӯён мебошад.

Вориднамоии мақсадноки омӯзгор бозиҳои тадриҷан мураккабшавандаи дидактикӣ, фаъолияти маърифатиро ба таври ҷолиб фаъол менамояд. Дар ин ҳолат ҳиссаи мустақилии донишҷӯён зиёд мешавад.

Асоси методологии таҳқиқоти бозиҳо омӯзиши материалистӣ дар бораи инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мебошад.

Назарияи бозӣ нишон медиҳад, ки зуҳуроти бозӣ ва генезиси он бо

инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ робитаи мустақим дорад, дар оянда инкишофи он дарки назариявии аҳамияти ин намуди фаъолиятро тақозо менамояд.

Проблемаи аҳамияти педагогӣ-психологии бозӣ роҳи аз қисман эътироф намудани нақши мусбии ҷузъҳои бозӣ дар дарс то азнав арзёбии имкониятҳои онро тай намудааст.

Эҳсосотнокии ҳолатҳои бозӣ донишҷӯёнро ба фаъол будан даъват менамояд, зиракиро зоҳир намоянд. Ин қобилияти корӣ ва фаъолнокии донишҷӯёнро боло мебардорад, сатҳи муоширати онҳоро зиёд мекунад. Бозиҳои дидактикӣ зиёд шудани ҳиссаи фаъолнокии донишҷӯёнро дар раванди дарки маводи нав пешбинӣ менамояд.

Бозиҳое, ки бо мақсади мустаҳкам намудани маводи нав ҷорӣ карда мешаванд, дарки навро амиқ намуда нишон медиҳанд, ки ба чӣ бештар аҳамияти донишҷӯёнро ҳангоми омода намудани вазифаи хонагӣ бояд ҷалб намуд.

Бозиҳо раванди омӯзишро ғанӣ мегардонад, аз он сабаб, ки истифодабарии онҳо ба омӯзгор имконият медиҳад ба раванди таълим намудҳои ғайрианъанавии фаъолиятро ворид созад ва бо ин раванди маърифатиро бой намояд.

Бозиҳои дидактикӣ одатан ба шумораи зиёди воситаҳои дидактикӣ такя менамоянд: кортҳо, расмҳо, ҷадвалҳо, лавҳаҳо.

Тасдиқ карда шудааст, ки бозиҳои дидактикӣ ба маърифат, тафаккури мустақилона ва инкишофи маҳорати нутқӣ шавқро бедор менамоянд.

Сабаби афзалиятноки фаъолияти донишҷӯён рағбати устувор ба маърифат мебошад. Фаъолияти муваффақона дар ҳолатҳои бозӣ шарти муҳим барои бедор намудани рағбат ба фан мебошад.

Бозиҳои дидактикии хусусияти қисмӣ-ҷустуҷӯӣ дошта, мустақилии донишҷӯёнро афзун менамояд. Чунин шаклҳои бозиҳо раванди таълими донишҷӯёнро амалан баланд ва ғанӣ мегардонанд [148, с. 56].

Сатҳи муосири инкишофи ҷомеа, васеъ гардидани робитаҳои байналмиллалӣ донистани забони англисӣ ва малакаи дар таҷриба истифода бурдани онро тақозо менамояд. Муассисаи олии таълимии ба шахсият майлкунанда бояд дар донишҷӯён асосҳои фаъолияти худомӯзиро инкишоф диҳад, ба он хусусияти оммавӣ диҳад, амалӣ намудани принсипи дидактикии гузариш аз омӯзиш ба худомӯзишро таъмин намояд. Ҳангоми ин усул, омӯзиш бештар бояд ба фаъолияти фаъоли маърифатии мустақилонаи донишҷӯён равона карда шуда бошад ва шаклҳои ташкили омӯзиш бояд баҳиобгирии хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён, шавқу рағбат ва қобилияти онҳоро таъмин карда тавонад.

Дар ташкили раванди таълимӣ ҳавасмандӣ ба таълим аҳамияти калон дорад. Истифода бурдани усулҳои мухталифи омӯзиш ба мустаҳкам гардидани зуҳуроти забонӣ дар хотира, таъсис ёфтани талъатҳои мустаҳками биноиш ва шунавоӣ, нигоҳ доштани рағбат ва фаъолнокии донишҷӯ мусоидат менамояд. Таъсири мусбӣ ба донишҷӯ инчунин дар фаъолияти гурӯҳӣ мерасонад. Дар баробари ин, ҳолати муваффақият - ин натиҷаи истифодабарии коллективии ҳамаи имкониятҳо барои омӯзиш ва дарк намудани гузоштани саҳми шахсӣ ба кори умумӣ мебошад. Фаъолнокии раванди таълим ба истифодабарии ҳолатҳои бозӣ ва бозиҳои нақшофарӣ дар машғулиятҳои забони англисӣ мусоидат менамояд. Маълум аст, ки бозии нақшофарӣ аз худ иҷрои шартии фаъолияти амалии одамон аз ҷониби донишҷӯёнро мемонад ва шароитҳои муошират воқеиро фароҳам меорад. Донишҷӯён боварӣ ҳосил менамоянд, ки забонро ҳамчун воситаи муошират истифода бурдан мумкин аст. Тамоми вақти таълимӣ дар бозии нақшофарӣ ба таҷрибаи нутқӣ дода мешавад. Дар баробари ин, на танҳо гӯянда, балки шунаванда низ ба таври максималӣ фаъол мебошад, зеро ӯ бояд суханҳои шарикашро дарк намояд ва бар ёд гирад, онҳоро бо ҳолат муқоиса намояд ва нисбати онҳо дуруст рафтор кунад.

Агар дар музокироти оддӣ донишҷӯёни пешсаф, одатан, ташаббусро ба

даст гиранд, донишҷӯёни ба худ боварӣ надошта бошанд хомӯш меистанд, пас дар бозии нақшофарӣ ҳар кадоме нақши худро гирифта, бояд дар муоширати нутқӣ шарики фаъол бошад, садди нобовариро паси сар намояд.

Раванди таълимӣ бидуни фаъолияти фаъоли донишҷӯ ҳамчун субъекти таълим ғайриимкон мебошад. Дар раванди бозӣ донишҷӯёни болаёқат ба донишҷӯёни сустхон кӯмак мерасонанд. Ишора аз фаъолияти фаъоли омӯзгор дар дарс ба сӯи фаъолияти фаъоли донишҷӯ мегузарад. Нақши омӯзгор дар раванди омода намудан ва гузаронидани бозӣ тағйир меёбад. Бозии нақшофариро бояд хуб омода ва ташкил намуд. Дар марҳилаи аввали кор омӯзгор фаъолияти донишҷӯро фаъолона идора менамояд, вале тадриҷан ӯ танҳо мушоҳидаткор мегардад. Бояд муҳити мусоид ва хайрхоҳона дар дарс ташкил карда шавад. Дар рафти бозӣ омӯзгор хатоҳоро ислоҳ намекунад, танҳо онҳоро ба худ навишта мегирад, то ин ки дар дарси оянда онҳоро баррасӣ кунад ва хатоҳои хосро коркард намояд. Бозӣ метавонад ҳам дар марҳилаи аввали омӯзиш ва ҳам дар марҳилаи пешрафта истифода бурда шавад. Мо як чанд бозиро пешниҳод менамоем, ки барои гузаронидан дар машғулиятҳои забони англисӣ тавсия дода шудаанд. Силсилаи бозиҳо барои бар ёд овардани воҳидҳои лексикӣ имкон медиҳад раванди аз ёд бурдани хазинаи фаъоли калимаҳоро пешгирӣ намояд. Азхуднамоии маводи барномавӣ дар шакли бозӣ ба хусусиятҳои синнусолии психологии донишҷӯён ҷавобгӯ мебошад.

Дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода машғулиятҳо бо усули зерин мегузаранд.

Numbers the blackboard. Ин машғулияти бозӣ барои назорати азхуднамоии шумораҳо аз 1 то 1000 аз ҷониби донишҷӯён истифода бурда мешавад. Дар бозӣ гурӯҳе иштирок менамояд, ки ба дастаҳо тақсим карда шудааст (аз рӯи шумораи қаторҳо дар гурӯҳ). Тахтаи гурухӣ ба 3 қисм тақсим карда шудааст, дар он пешакӣ шумораҳо навишта шудаанд. Дар мизи аввали ҳар як қатор бӯри рангин гузошта шудааст.

Омӯзгор рақамро номбар менамояд (яке аз онҳое, ки дар тахта навишта шудаанд). Донишҷӯёне, ки дар қатори аввали мизҳо нишастаанд, зуд бархеста, рақамро такрор намуда, бӯри рангинро гирифта ба назди тахта давида мераванд. Дар қисмати худии тахта рақами лозимиро дар ёфта онро ба давра мегиранд ва ба ҷои худ бармегарданд. Баъдан омӯзгор рақами дигарро номбар менамояд, ва бозӣ идома меёбад. Агар донишҷӯ бо бӯр дигар рақамро доира кашад, пас охирин бояд ин давраро тоза намояд. Донишҷӯе, ки ба хатоӣ роҳ додааст, бо овоз рақами даркориро номбар менамояд. Он дастае ғолиб меояд, ки дар тахта шумораи зиёдтари давраҳоро кашиданд. Дар марҳилаи пешрафтатари омӯзиш метавонанд шумораҳои тартибӣ ва рӯзҳои тақвимӣ итифода бурда шаванд.

*Бозии Make a.* Дар бозӣ дастаҳое иштирок менамоянд, ки дар ҳар кадоми онҳо шумораи иштирокчиёнашон ба шумораҳои калимаҳо дар ҷумлаи оддии паҳнгардида мувофиқат менамояд. Мисол, агар ҷумла аз 4 калима иборат бошад - мубтадо, хабар, пуркунанда ва ҳол, дар дастаҳо бояд 4 нафар бошанд, ки ҳар кадоми онҳо дар даст бояд кортро бо рақами марбута дошта истанд - 2, 3. Омӯзгор бояд қаблан 10 расмҳои ҳолатиро бо тасвири одамон омода карда бошад, ки ягон амалро ба анҷом мерасонанд. Дар баробари ин ба донишҷӯён бояд лексика маълум бошад, ки ҳангоми тасвири ҳамаи амалҳо, ки дар расм тасвир гардидаанд. Омӯзгор расмҳоро ба дастаҳо бо навбат нишон медиҳад. Мисол, дар расми аввал писарбача тасвир шудааст, ки китоб мехонад. Донишҷӯи зери рақами 1 як қадам ба пеш мебарояд ва мегӯяд: boy...,

P2.: reading...

P3.: a

Баҳогузории кори дастаҳоро мумкин аст аз рӯи низоми панҷхола гузаронид.

Он дастае дастболо мегардад, ки шумораи бештари холҳоро ба даст овардааст.

Бозии *Memory game*. Дар арафаи гузаронидани ин машғулияти бозӣ омӯзгор ба донишҷӯён вазифа мегузорад, ки дар мавзӯи марбута калимаҳоро такрор намоянд. Гурӯҳ ба дастаҳо ҷудо мешавад. Дар оғози бозӣ омӯзгор мавзӯъҳоро барои ҳар як даста эълон менамояд. Мисол:

In room I see

In bag I have

On table there

In the I see

Бозии *animals do yo know?* Ба ҳар яке аз ду даста расм бо тасвири ҳайвонот дода мешавад. Донишҷӯён бояд ин ҳайвонотро бо забони англисӣ номбар намоянд. Он дастае дастболо мешавад, ки дурусттар ва зудтар вазифаро иҷро менамояд.

Бозии *the secret.* Бозӣ аз рӯи принсипи бозии телевизионии "Поле чудес" гузаронида мешавад. Барои дарёфти ҳар як ҳарфи дуруст донишҷӯ соҳиби жетон мегардад. Онҳое дастболо мешаванд, ки жетонҳои бештар ба даст меоранд. Мисол:

М - - к - - (а

Е - - р --- t (an elephant)

Бозии *announcers competition*. Бозӣ дар шакли озмуни нотиқони телевизионӣ гузаронида мешавад. Қаблан экрани телевизор ва микрофон омода карда мешавад. Ҳангоми хониш маҳорати оҳанги садо, дуруст талаффуз намудани калимаҳо, хониши бошуурона бо суръати муайян ба инобат гирифта мешавад.

Бозии *the animal.* Яке аз иштирокчиён ҷонвареро номбар мекунад. Дигар иштирокчиён бошанд бо ёрии суолҳои ишоракунанда кӯшиш менамоянд, онро муайян намоянд. Ҳар як суоли дуруст гузошташуда ба инобат гирифта мешавад. Мисоли суолҳо:

Is it a or domestic ?

Is it or little ?

What is it ?

Has got hair ?

Can swim( run, )?

Does eat grass fish, vegetable.

Барои донишҷӯёни курсҳои болоӣ тавсия дода мешавад, ки маводи актуалиро ҳангоми бозиҳои нақшофарӣ истифода баранд. Принсипи ба роҳ мондани онҳо аз маҷаллаи "Hello" гирифта шудааст, ки бо иштироки факултаҳои забони англисии ДДОТ, ДДЗТ ва ДМТ нашр карда мешаванд.

Бозии - *лото.* Сӯҳбати телефонӣ дорои сохтори муайян мебошад. Бояд салом гуфт, худро муарифӣ намуд ва шахси лозимаро ба назди телефон даъват намуд. Агар муштарӣ ҳузур надошта бошад, пас шахси гӯшакро бардошта ба Шумо пешниҳод менамояд, ки паёмаки худро ирсол намоед. Аз сабаби оне, ки номҳои мо дар аксар маврид барои хориҷиён душворанд, мумкин аст аз Шуморо хоҳиш намоянд номатонро такрор намоед, ҳато онро "бо ҳарф номбар кунед" - " it". Лото метавонад бо ин тамрин намояд. Кортҳо бо вариантҳои мухталифи ҳолатҳо, ҳузур надоштани муштарӣ пешниҳод мешаванд, мисол:

| | |
|---|---|
| Tel. 168-3434 Hudson She's in. I think gone shopping. | Tel. 647 - Jane Morgan. I'm she' s not he's at disco. |
| Tel. 915-7623 Corp. -Mr. Fox he is conference at moment. | Tel. 329-2800 World Ltd - Blake I'm Mr. Blake engaged just |

Сохтори сӯҳбатҳои шахсӣ ва корӣ коркард карда мешаванд.

Dialogue I

A.

B. Hello! Alex is speaking. Could I talk to Steve,
A. Hold the line, please.

в. ок.

I think he is in the pool.

B. Would you ask him ring me back when he gets

A. Certainly. What `is your number?

Two-double-seven-o-

Thanks.

A. Here the dialogue 2

Hello, Robbins Company. Can I talk to you?

B. is Mr. Smirnov there. I'd like to speak to mr. Robbins,

A. Hold the line, please.

OK.

A. I am afraid Mr. Robbins in the meeting. Would you like to leave any massage?

B. Could I ask Mr ring me when the meeting is over? I'm at the hotel.

A. Could you spell name, please?

Certainly. S, M, I, R, N, O, V, A. Thanks Mr. Smirnov.
B. Thanks

Таҷрибаи як қатор муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ба раванди таълимӣ ҳамроҳ намудани бозиҳои маърифатӣ ва нақшофарӣ, истифода бурдани маводи актуалӣ, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои таълимии муошират бо самти инкишофи шахсият мусоидат мекунад.

## 2.3. Самаранокии низом ва технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён

Раванди истифодабарии робитаҳои байнифанӣ аз ду ҷониби аз ҳам вобаста ва ба ҳам таъсир расонанда ба роҳ монда мешавад. Аз як ҷониб, ин

истифода бурдани он ба сифати воситаҳои таъминкунандаи самаранокии таълим ва дарки он. Аз ҷониби дигар, ин амалӣ намудани робитаҳои байнифанӣ бо мақсади тарбиявӣ-сиёсии дарки донишҷӯён.

Ғайр аз ин, робитаи мутақобилаи фанҳои омӯхташаванда дар муассисаи олии таълимӣ ба таври объективӣ мавҷуд мебошад, зеро онҳо робитаҳои мутақобилаи ҳолатҳои воқеияти объективиро инъикос меёкунанд. Зуҳуроти ҷаҳони материалӣ ва тафаккури инсонӣ якдигарро сабабнок менамоянд. Робитаи сабабнок дар раванди омӯзиши асосҳои илмҳо оид ба табиат ва ҷомеа бояд кушода карда шавад. Ҳар як илм аз худ маҷмӯи донишҳоро мемонад, ки бо тафаккури инсон дар раванди фаъолияти амалии он, ки бо мақсади тағйирёбии воқеияти атрофи объективии ӯ инъикос меёбад.

Ҳар як фани таълимӣ дорои ғояҳо, маҳфумҳо, факрҳои худ мебошад, ки наметавонанд аз якдигар ҷудо карда шаванд. Фанҳои таълимии давраи муайян бо якдигар бо ғояҳо, маҳфумҳо ва фикрҳо вобаста мебошанд. Зарурияти ҷудо намудани ин ғояҳои умумӣ робитаҳои байнифаниро эътироф менамояд. Вале мавҷудияти робитаҳои байнифанӣ дар асоси фанҳои таълимии давраи муайян ғайримутташакил зуҳур наменамояд, балки қоидавӣ ва асоснок амал мекунанд.

Дар таърифи мавҷудияти робитаҳои байнифанӣ дар баъзе маврид қайд карда мешавад, ки онҳо яке аз шартҳои муҳими дидактика мебошанд. Робитаҳои байнифанӣ аз рӯи мундариҷа ба чор намуд тақсим мешаванд:

а) аз рӯи умумияти назария, қонунҳо ва маҳфумҳо;

б) аз рӯи умумияти ҳолатҳои илмӣ, ки як объекти омӯзишро дахолат менамояд;

в) аз рӯи умумияти истифодабарии усули илмӣ;

г) аз рӯи умумияти роҳҳои фаъолияти зеҳнӣ.

Бояд қайд намуд, ки амалӣ намудани робитаи байнифанӣ аз рӯи хронология ё вақт ҷудо мешаванд:

1) Робита дар асоси мавзӯҳои омӯхташуда;

2) Робита аз рӯи мавзӯҳои омӯхташаванда.

Ин ду намуди робитаҳои байнифании нишондодашуда ба ҳамаи фанҳои таълимӣ таалуқ доранд, ки дар муассисаи олии таълимӣ омӯхта мешаванд.

Таҷрибаи аз ҷониби мо гузаронидашуда нишон дод, ки азхуднамоии шуурноки асосҳои илмҳо, дарк намудани асосҳои ғоявӣ ва сиёсӣ дар фани азхудшаванда, истифодаи омилҳои беруна барои инкишофи минбаъдаи тафаккури донишҷӯ имкониятҳои воқеӣ фароҳам меоранд. Ба ин дар акси ҳол амалӣ намудани робитаҳои байнифанӣ ҳамчун воситаи самараноки тарбияи ғоявӣ-сиёсии донишҷӯён мусоидат менамояд, ба инкишофи тафаккури эҷодӣ ва илмии донишҷӯ кӯмак мерасонад.

Дар бахшҳои иттилоот аз ҷониби омӯзгорон аз нуқтаи назари васеи педагогии ин калима имкониятҳои калонро на танҳо барои азхуднамоии асосҳои илм, балки барои амалинамоии бомуваффақона, аз ҷумла тарбияи ғоявӣ-сиёсӣ таъмин менамоянд.

Робитаҳои байнифанӣ инчунин ба инкишофи тафаккури талъатии инсон кӯмак мерасонад. Тафаккури талъатӣ аз тафаккури маҳфумӣ амиқтар мебошад.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки аз як ҷониб, робитаҳои байнифанӣ дар тарбияи ғоявӣ-сиёсии донишҷӯён фоидаи зиёд дорад, аз ҷониби дигар бошад, донишҷӯён воқеияти робитаҳои байнифании мавҷударо ҳангоми омӯхтани фанҳои таълимӣ дарк менамоянд, махсусан ҳангоми омӯзиши забони англисӣ ва робитаи он бо забони модарӣ.

Дар замони мо ташаккулёбии мустақилияти зеҳнии донишҷӯ дар раванди таълиму тарбия аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар раванди таълимомӯзӣ боварӣ ҳосил намудан мумкин аст, ки имкониятҳои маърифатии донишҷӯ басо бузурганд. Инкишофи онҳо - воситаи муҳими ташаккулёбии мустақилии зеҳнии донишҷӯён мебошад. Ҳалли ин вазифаҳо бо он шарт имконпазир аст, ки агар омӯзгор кори фаъоли донишҷӯёнро дар машғулиятҳо, дар кори берун аз синфӣ ва дар хона таъмин

карда тавонад. Аз рӯи эътирофи психологон ва педагогони зиёд, барои фаъол намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯ ба онҳо на танҳо низоми донишҳоро таълим додан зарур аст, балки низоми муайяни усулҳои мустақилии зеҳниро низ бояд омӯхт.

Фаъолнамоии фаъолияти маърифатии донишҷӯ, омӯзиши проблемавӣ, инкишофи тафаккури мустақил ва билохир, ташаккули мустақилии зеҳнии донишҷӯён - ҳамаи ин аз якдигар вобаста мебошад ва имрӯзҳо дар кори амалии омӯзгор амалӣ мешаванд. Асосноккунии илмии онҳо бошад дар корҳои психологон, педагогҳо, ҷомеашиносон, файласуфон таҳкик гардидааст. Донишҷӯ бояд шахсияти фаъол фикркунанда бошад ва ин проблема бошад, дар айни ҳол омӯзгорон, олимон ва кулли ҷомеаро ба худ ҷалб менамояд.

Маълум аст, ки мустақилияти маърифатӣ ва зеҳнӣ - маҳфумҳои ба ҳам монанд мебошанд, аммо якхела нестанд. Мустақилияти зеҳнӣ ҷудо намудани ғоя, дарёфти роҳҳои ҳалли он ва таҳқиқот дар шароитҳои навро пешбинӣ менамояд. Мустақилияти маърифатӣ бошад, одатан бо оғози кори эҷодӣ ҳамроҳӣ мешавад, вале на ҳама вақт ҷузъҳои таҳқиқотро дар сатҳи олии муоширот дар бар мегирад.

Аз ҳама проблемаи иҷтимоии ҷомеаи муосир - проблемаи омили инсонӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон ба шумор меравад.

Дар шароити тараққиёти илмӣ-техникӣ ва бозсозии тамоми раванди таҳсилот ба инфиродикунонии омӯзиш, ба инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён, бо такя намудан ба кори мустақилонаи онҳо, шаклҳои фаъол ва усулҳои омӯзиш самтгирӣ карда шудааст.

Кори мустақилонаи донишҷӯ аз рӯи забони англисӣ - яке аз воситаҳои муҳими инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, азхуднамоии маводи таълимӣ, санҷиши дониш ва малакаи донишҷӯ мебошанд. Бидуни кори мустақилона донишҷӯ наметавонад донишҳои амиқу васеъ дошта бошад. Кори мустақилона ҳангоми дуруст ташкил намудани он қобилияти зеҳнӣ ва

сифатҳои муҳими психологии ӯро инкишоф медиҳад, ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, таваҷҷӯҳ, хотира ва тафаккурро рушд менамояд.

Дар таҷрибаи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии тоҷик аз ҷониби аксари омӯзгорон ба кори мустақилонаи донишҷӯён ҳанӯз аҳамияти зарурӣ дода намешавад. Қисми зиёди вакт дар машғулиятҳо барои пурсиши донишҷӯ, санҷиши вазифаи хонагӣ, фаҳмонидани маводи нав масраф мешавад. Дар аксар маврид донишҷӯён дар давоми 45-50 дақиқа танҳо гӯш мекунанд: ҷавоби рафиқонашонро гӯш менамоянд, баъдан омӯзгорро гӯш мекунанд, баъдан боз ҷавобҳои як - ду донишҷӯи дигарро ҳангоми аз худ намудани мавод мешунаванд. Дар натиҷа малакаи дар нутқ истифодабарии мустақилонаи маводи азхудкунандаи забонӣ инкишоф намеёбад. Ба кори мустақилонаи донишҷӯ бе чуну чаро бояд вақти зиёдтар ҷудо намуд. Вале кор на танҳо дар зиёд намудани вақт аст: моҳият дар он аст, ки сифати корро дар маҷмӯъ баланд намуд. Машғулият бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки азхуднамоии донишҳои нав, такрор намудани донишҳои қаблан азхуднамуда, ва дар ёд гирифтани боби нави барнома ҳангоми фаъолияти фаъоли донишҷӯ, ҳангоми иҷроиши ҳатмии кори мустақилона, ки дар раванди он нутқи донишҷӯён низ метавонад инкишоф ёбад, амалӣ карда шавад. Басо муҳим аст, ки ба толибилмон мустақилона хулосабарорӣ намуданро омӯзонид, то ки онҳо маводи гузаштаро аз бар намоянд. Ба онҳо омӯзонидани кор бо китоби таълимӣ, хондани матн, интихоб намудани китоб барои хониш, чӣ тавр дар китоб ҷойҳои зарурӣ, маълумотҳои зарурира дарёфт кардан, маънои калимаҳои нофаҳморо дар куҷо ҷустан, бо маълумотнома чӣ гуна кор кардан лозим аст, яъне ба онҳо одати истифодабарии китобро фаҳмонидан муфид мебошад.

Кори мустақилона, чи тавре, ки мо қаблан қайд намудем, ба инкишофи тафаккур мусоидат менамояд. Яке аз шаклҳои асосии тафаккур умумигардонӣ ва мушахасгардонӣ мебошанд. Муҳим аст ба донишҷӯ на танҳо далелҳоро умумӣ гардонидану омӯзонидан зарур аст, балки ба онҳо

фаҳмонида тавонистани муқаррароти умумигардонӣ бо далелҳо, бо мисолҳо тасдиқ намудан андеша зарур аст. Бояд аз донишҷӯ асоснокии ҷавобҳоро, тасдиқи маълумотро талаб намуд. Суолҳои «чаро?, барои чи?, ба кадом мақсад?» бояд ҳамеша ҳангоми омӯзиши забони англисӣ садо диҳанд.

Кадом намудҳои корҳои мустақилона дар машғулиятҳо гузаронида мешаванд? Аз ҳама кори паҳнгардида диктант бо калимаҳо, кор бо кортҳо, диктантҳои интихобӣ, бофтани калимаҳо ё ҷумлаҳои алоҳида бо қоидаҳои муайян, посуххо ба суолҳо, тартиб додани қисса аз рӯи расм, суҳбат дар ҷуфтҳо (диалог), мустақилона ҳикоя намудан, кор аз болои матни тағйирдода ва ғайра иборат мебошад.

Кори мустақилона аз болои синонимҳо ва антонимҳо захираи луғавии донишҷӯёнро пешбинӣ менамояд, онҳоро барои фикррони маҷбур месозад, фаъолнокии нутқии онҳоро инкишоф медиҳад. Усули синонимизатсия кунонӣ (синонимгардонӣ) барои фаҳмонидани маънои калима ва ибора кӯмак мерасонад, бисёрмаъноии калимаҳоро мефаҳмонад. Дарки дурусти нақши синонимҳоро ҳамчун воситаи муайян намудани маънои калимаҳо донишҷӯён ҳанӯз дар курси якум аз худ менамоянд. Онҳо бо нишонаҳои асосии синонимҳо ошно мегарданд. Корро аз рӯи синоним ва антонимҳо ҳам аз рӯи кортҳо ва ҳам бо истифода аз тахтаи синф гузаронидан мувофиқи мақсад аст. Мумкин аст вазифаҳои мухталиф гузошта шаванд. Мисол, бо калимаҳои зерин интихоб намудани синонимҳо: кӯтоҳмуддат, моеъ, ҷасур, камбағал, мушкил, сахт ва ғайра. Интихоб намудани антонимҳо: калон, хурсанд, хуб, сиёҳ, ҷасур, омад ва ғайра. Баъдан пешниҳод мешавад, ки бо як - ду синоним ва антоним ҷумлаҳо тартиб дода шаванд. Дар ин ҳолат омӯзгор бояд дар интихоб намудани синоним ё антонимҳо кӯмак расонад, онҳоро ба забони модарии донишҷӯ тарҷума намояд. Ва танҳо баъд аз ин донишҷӯ бемушкилот ҷумла тартиб дода метавонад. Хуб аст агар луғат барои чунин намуди кор аз рӯи мавзӯъ интихоб карда шавад, ки он имкон медиҳад қисса-миниатюраро тартиб диҳанд. Кори марказонидашударо аз

рӯи синоним ва антонимҳоро мо дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода гузаронидем.

Натиҷаҳои кори мазкур дар ҷадвали № 8 нишон дода шудаанд. Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки захираи калимаҳои донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба захираи калимаҳои донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ғанитар мебошад.

Ҷадвали № 8

| МОТ | Бахш, шумора | Вазифа | Шумораи калимаҳои интихобшуда | | | | | | | | шумораи умумии калимаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 5-6 калима | | 3-4 калима | | 1-2 калима | | Ичро накарданд | | |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | 1 бахш «а» (тач.) 21 | синонимҳо | 11 | 52,4 % | 7 | 33,3 % | 3 | 14,3 % | - | - | 89 |
| | | антонимҳо | 9 | 42,9 % | 10 | 47,6 % | 2 | 9,5 % | ~ | ~ | 85 |
| | 1 бахш «б», (сан.) 20 | синонимҳо | 5 | 25% | 7 | 35% | 6 | 30% | 2 | 10% | 63 |
| | | антонимҳо | 3 | 15% | 9 | 45% | 5 | 25% | 3 | 15% | 54 |
| ДДОЗТ ба номи С. Улугзада | 1 бахш «а» (тач.) 30 | синонимҳо | 13 | 43,3 % | 11 | 36,7 % | 6 | 20% | - | - | 119 |
| | | антонимҳо | 14 | 46,7 % | 8 | 26,7 % | . 7 | 23,3 % | 1 | 3,3 % | 112 |
| | 1бахш «б», (сан.) 12 | синонимҳо | 2 | 16,7% | 5 | 41,6 % | 3 | 25% | 2 | 16,7% | 34 |
| | | антонимҳо | 2 | 16,7 % | 4 | 33,3 % | 3 | 25% | 3 | 25% | 27 |

Намудҳои кор, ки ба инкишофи мустақилияти фаъолнокии нутқии донишҷӯ мусоидат менамояд, мухталиф мебошанд. Дар таҷриба мо мебинем, ки нутқи донишҷӯ, бидуни ташбеҳҳои равшан ва ҳадафрас қавӣ нест. Барои ғанӣ намудани захираҳои луғавии донишҷӯён бо феълҳо мо ба донишҷӯён пешниҳод намудем, ки машқҳои зеринро иҷро намоянд: ҳар чи зиёдтар ба калимаҳои зерин ташбеҳ интихоб намоянд: ҷангал, осмон, дарё, сабза, дуд ва ғайра; аз ҷумлаҳои алоҳида, ки мубтадо доранд, онҳоро бо

муайянкунанда ҷумла тартиб диҳанд (мисол: Офтоб медурахшад. Паррандаҳо мехонанд. Борон сар кард. Донишҷӯён дар завод кор мекунанд); тартиб додани ҷумлаҳо бо истифода аз калимаҳои: наздик ва дар ҳамсоягӣ, дарозмуддат ва дароз, кӯтоҳ ва кӯтоҳшуда, ҷасур ва нотарс, мустаҳкам ва дурушт; ба муайянкунандаҳои мазкур мубтадои ҳаммаъно интихоб намуда, ва бо онҳо тартиб додани ҷумлаҳо (мисол: хунук тароватбахш..., нав панҷошёна..., ёзанда хом...).

Инкишофи нутқи донишҷӯ, фаъолнамоии луғат, бидуни ташкили таҷрибаи нутқии донишҷӯён, бидуни мустақилии онҳо дар раванди мазкур имконнопазир аст. Дар ин кор накши машқҳои махсус басо калон аст. Намуди асосии машқҳо, ки ба фаъолнокии нутқии донишҷӯён мусоидат менамояд - ин истифодабарии мустақилонаи калимаҳо дар ҷумла ва дар нутқи равон мебошад. Ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки бо истифода аз калимаи нав фаҳмонидашуда ҷумла тартиб диҳанд; кӯшиш намоянд калимаи ношиносро мустақилона маънидод намоянд, ба он калимаҳои синоним ва антоним интихоб намоянд ва як чанд ҷумла тартиб диҳанд; дар диалог иштирок намоянд; ин ё он калимаро дар ҷумла дарёфт намуда онро маънидод намоянд, ки бо кадом маъно ин калима истифода бурда шудааст; ҷумлаеро интихоб намоянд, ки калимаи мазкур бо дигар маъно истифода бурда шудааст ва ғайра.

Ҳангоми аз худ намудани маводи омӯхташуда, омӯзгор имконияти калони инкишоф додани мустақилият ва фаъолнокии нутқии донишҷӯёнро дорад. Машғулиятҳои мухталифи тамринӣ, тартиб додани ҷумлаҳо, иншоҳо аз рӯи калимаҳои асосӣ, ҳикоя аз рӯи расм, диафилм, тартиб додани ҳуҷҷатҳои корӣ - ҳамаи ин усулҳои самараноки инкишофи мустақилият, аз худ намудани луғат, инкишофи нутқ мебошанд.

Яке аз усулҳои самараноки азхуднамоии маводи нав ва инчунин такрор намудани маводи гузашта кор бо кортҳо, расмҳо, тасвирҳо мебошад. Кортҳо тадриҷан омода карда мешаванд ва ҷамъ карда мешаванд, вобаста ба

гузаштани ин ё он боби барнома. Истифодабарии кортҳо донишҷӯёнро ба кори мустақилона водор месозад, то ки дар вақти кӯтоҳ масъалаҳои зиёдро дида бароянд, кори ҳар як донишҷӯро назорат намоянд.

Расм - на танҳо воситаи тарбияи эстетикӣ, воситаи инкишофи тафаккури мантиқӣ ва эҳсосоти эҷодии донишҷӯ мебошад. Он ҳамчунин ба фаъол намудани фаъолияти нутқии донишҷӯ кӯмак мерасонад, хоҳиши ҳарф заданро бедор месозад. Мо расмро бо тасвири шаҳре пешниҳод намудем. Донишҷӯён онро тасвир намуданд. Баъд аз тасвир намудан онҳо фаҳмиданд, ки ин шаҳри Душанбе мебошад.

Кор бо кортҳо, расмҳо ва тасвирҳо луғати донишҷӯро ғанӣ мегардонад, ба фаъолнокии нутқ ва инкишофи мустақилият мусоидат менамояд. Истифода бурдани кортҳо ҳангоми кори мустақилонаи инфиродӣ ба донишҷӯ имкон намедиҳад, ки вай пассив монад (фаъол набошад). Матн ва ҷумлаҳои алоҳидаи кортҳо на танҳо бояд ба мавзӯъ мутобиқ бошанд, балки ба ҳали вазифаҳои тарбиявӣ мусоидат намоянд. Аз ин лиҳоз мисолҳоро аз адабиёти бадеӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Кори мустақилона бо чунин матн дар ҳамаи марҳилаҳои машғулиятҳо басо манфиатовар аст ва ҳангоми гузаронидани дарсҳои шаклҳояшон гуногун донишҷӯёнро ба кор ҷалб менамоянд, шавқашонро инкишоф менамоянд, ваҷҳи онҳоро зиёд мекунанд.

Инкишофи нутқи шифоҳӣ, фаъолнокнамоии фаъолияти нутқӣ - яке аз вазифаҳои муҳимтарини забони англисӣ ба ҳисоб меравад. Вақти бештарро ба вазифаҳои нутқӣ бояд ҷудо намуд. Мувофиқи мақсад аст, ки ин дарсҳо аз рӯи шакл ва мундариҷа гуногун бошанд. Ин метавонад дар шакли сӯҳбатҳо дар бораи ҳаёти худи донишҷӯён бошад, мисол: дар бораи оила, дар бораи рафиқ, дар бораи муассисаи олии таълимӣ, ки донишҷӯён дар он таҳсил менамоянд, оид ба оне, ки таътилро чи гуна гузаронидаанд, кадом китобҳоро хондаанд ва ғайра. Сӯҳбатҳо аз рӯи мусавварахо, сужаҳои тасвирҳо, ки дар китобҳои таълимӣ ҷой дода шудаанд, аз рӯи мундариҷаи матнҳо, китобҳои

хондашуда ва ғайра манфиатбахш аст.

Мо инчунин ба донишҷӯёни курси якум пешниҳод намудем, ки ҳангоми гузаштани мавзӯъи «Subject» (Мубтадо) чунин корҳоро амалӣ намоянд. Дар тахтаи синф мо калимаеро навиштем, мисол decision (ҳалнамоӣ), (либос) ва донишҷӯён бояд калимаҳои ҳаммаъноро интихоб намоянд. Натиҷаи иҷроиши вазифа дар расми 2 оварда шудааст. ҳамаи калимаҳо ба калимаҳои ҷудошуда аҳамият доранд.

Расми 2.

Parliament




Натиҷаи иҷроиши вазифа оид ба интихоби калима аз рӯи маъно дар ҷадвали № 9 оварда шудаанд. Ҷадвалҳои мазкур нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 30,3 калимагӣ интихоб намуданд, ҳол он ки донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ 26,5 калимагӣ интихоб карданд. Ҳамагӣ 2 донишҷӯ (6,2 %) аз гурӯҳи таҷрибавӣ аз ӯҳдаи иҷрои вазифа набаромаданд, ҳол он ки дар гурӯҳи санҷишӣ 7 донишҷӯ (35 %) аз ӯҳдаи иҷроиши вазифа набаромад. Ғайр аз ин, аз маълумотҳои ҷадвалҳои мазкур бар меояд, ки захираи луғавии донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ насбат ба донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ як дараҷа зиёдтар мебошад (дар ҳолати мазкур 970 калима бо таззоди 530 калима). Ин нишондодҳо бори дигар самаранокии усули омӯзиши забони англисиро тасдиқ менамоянд.

Ҷадвали № 9

| МОТ | Гурӯх, шум. сдонишҷӯён | Баҳоҳо | | | | | | | | Шумораи ум. калимахо | Шум. миё. Кал. ба ҳар як хон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Аъло | Бо фоиз | Хуб | Бо фоиз | Қаноатбах | Бо фоиз | ғайриқано атбахш | Бо фоиз | | |
| ДДОТ ба номи С. Айнӣ | Гурӯҳи 1 «а» (тач.) 32 | 7 | 21,9 | 12 | 37,5 | 11 | 34,4 | 2 | 6,2 | 970 | 30,3 |
| ДДОЗТба номи С. Улуғзода | Гурӯҳи 1 «б» (санч.) 20 | 2 | 10 | 5 | 25 | 6 | 30 | 7 | 35 | 530 | 26.5 |

Гуногунии корҳо хастагии донишҷӯёнро бартараф месозад, тамоми дарс онҳо бо шавқу завқ кор менамоянд. Мисол, пораи мусиқии “Садоҳои табиат”-ро қабл аз мавзӯъи “Фаслҳои сол” дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода монда, аз донишҷӯён пурсиданд, ки вақти ин мусиқиро шунидан онҳо чиро эҳсос менамоянд, кадом тасвирҳоро тасаввур менамоянд, кай ва дар куҷо онҳо метавонистанд ин мусиқиро шунаванд; ин мусиқӣ барояшон гуворо аст, ё не, барои чӣ?. Ҳар як донишҷӯ фаъол шуд ва на танҳо ба кӯмак намудан ба омӯзгор дар бароҳмонии маҳсулноки машғулият шурӯъ намуд, балки дар ҳалли саривақтии проблемаҳои омӯзишӣ фаъол гардид. Мо хоҳиш намудем, ки ҳикояи хурдеро дар бораи табиат нависанд. Натиҷаҳои санҷиши корҳои хаттӣ дар ҷадвали № 10 оварда шудаанд. Чи тавре, ки аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ҳикояҳои донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна қариб 2 ҷумла зиёдтар мебошад, назар ба донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ ва шумораи калимаҳо дар ҳар як ҷумла инчунин ба ҳисоби миёна ба 1 калима дарозтар мебошад. Маълумотҳои ҷадвал инчунин андозаи калони захираи калимаҳоро миёни донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳи санҷишӣ тасдиқ менамояд.

Ҷадвали № 10

| МОТ | Гурӯх, шумораи донишҷӯён | Шумораи умумии ҷумлаҳо | Шумораи миёнаи ҷумлаҳо Ба ҳар як донишҷӯ | Шумораи умумии калимаҳо | Шумораи умумии калимаҳо дар ҳар як ҷумла |
|---|---|---|---|---|---|
| ДДОЗТ ба номи С. Улуғзода | Бахши 2 «а», 30 | 246 | 8,2 | 1525 | 6,2 |
| | Бахши 2 «б», 12 | 77 | 6,4 | 408 | 5,3 |

Зиёда аз ин, чунин вазифаҳои тасаввуротӣ ба тафаккури эҷодӣ ва парвози хаёли донишҷӯ мусоидат менамоянд. Хусусияти муошират дар машғулият нақши муҳим бозӣ менамояд. Аз ин лиҳоз бояд дар хотир дошт, ки кушодани таҷрибаи субъективии ҳамаи иштирокчиён метавонад дар самтҳои гуногун ба роҳ монда шавад: «омӯзгор-донишҷӯ», “донишҷӯ-донишҷӯ”, «донишҷӯ-гурӯҳ», “омӯзгор-гурӯҳ”. Иваз намудани ин самтҳо одатан аз мавзӯи машғулият ва проблемаҳое, ки дар қисмати мазкури вақт ҳал карда мешаванд, вобастагӣ дорад.

Рафти машғулияти мазкури забони англисӣ чунин сохта шуда буд, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои коммуникативӣ омӯзгор эҳтиёҷотро эҳсос намуд ва имконият дошт мақсадҳои худро амалӣ намояд. Раванди таълими қобилиятҳои зеҳнӣ, донишҳо ва таҷрибаи нутқӣ, эҳсосоти ҳар як донишҷӯро фаъол намуд ва ин нишондодҳои шахсии онҳоро инкишоф дод.

Танҳо вазифаҳои дорои хусусиятҳои мухталиф, намудҳои корҳои мустақилона, рағбати донишҷӯёнро бедор намуда, онҳоро ба мустақилӣ омода менамоянд, муносибати ҷиддӣ нисбат ба таълимро сайқал медиҳанд.

Чи тавре, ки аз таҳқиқоти мо дида мешавад, хусусияти забони англисӣ

аз он иборат аст, ки асоси омӯзишро раванди муошират ташкил медиҳад, яъне мубодилаи афкор бо воситаҳои забони мазкур ба амал меояд. Ҳамчун воситаи муошират хидмат намудан, маънои қабул карда тавонистани маълумот, ҷамъоварӣ ва интиқоли иттилоотро дорад. Барои он ки забон ин вазифаҳоро иҷро карда тавонад, омӯзанда бояд малакаи қабул намудан, коркард кардан ва интиқол додани маводҳои азхуднамударо омӯзад, яъне бо забони англисӣ ҳарф зада тавонад. Барои фаъолияти мустақили таълимӣ, ҳангоми омӯзиши забони англисӣ, мақсади ниҳоӣ, аз маҳорати бидуни кӯмаки ягон нафари дигар мустақилона амалӣ намудани фаъолияти нутқӣ, иборат мебошад. Танҳо мустақилона ҳарф задан, хондан ва навиштан ва фикрҳои худро мустақилона баён намудан мумкин аст.

Хусусияти фаъолияти таълими мустақилона дар зарурияти робитаи бозгашт барои омӯзанда, иттилоот дар бораи дараҷаи муваффақияти пешбурди он аз амали нутқӣ ба фаъолияти нутқӣ иборат мебошад.

Раванди ташаккулёбии малакаҳо ва маҳорати нутқи шифоҳӣ - раванди мураккаб мебошад, ки ташкили амиқро тақозо менамояд, ки ба ҳар як донишҷӯ таҷрибаи нутқиро таъмин карда тавонад. Ва ин аз ташкили дурусти кори мастақилона дар хона ва дар машғулият вобастагӣ дорад.

Таҳқиқот имкон дод хулоса барорем, ки кори мустақилона имконият медиҳад раванди таълимиро суръатноктар намоем.

Чи тавре, ки Якиманская қайд менамояд «... мундариҷаи таълимот, воситаҳо ва усулҳои он чунин интихоб ва ташкил карда мешаванд, ки донишҷӯ интихобнокӣ нисбат ба маводи предметӣ, намуд ва шакли онро зоҳир намуда тавонад ...». Таҷрибаи шахсии педагогӣ нишон дод, ки интихоби усулҳои омӯзиш дар дарсҳои забони англисӣ аз дараҷаи инкишофи низоми донишҷӯ, таҷрибаи ӯ, хусусиятҳои синну солӣ ва донишҳои андӯхтааш аз рӯи фан вобастагӣ дорад. Мисол, ҳолатҳои мавзӯии бозӣ барои ҳамонҳо мувофиқ мебошанд, ки қобилияти шунавоиашон хуб аст: нутқи омӯзгор, донишҷӯён, сабтҳои аудиоӣ, сабтҳои видеоӣ-нутқӣ

барои ҳолатҳои мазкури бозӣ ҳамчун мавод буда метавонанд. Истифода бурдани аёниятҳо, маводҳои видеоӣ, лавҳаҳо, барои он донишомӯзон зарур аст, ки бо воситаи шунидан бадтар иттилоотро қабул менамоянд. Барои донишҷӯи «бетоқат» интихоби васеъи вазифаҳои фаъол зарур аст: ба саҳна гузоштан, бадеҳагӯӣ, диалогҳо, саҳнаҳои театркунонидашуда, машқҳои обутобдиҳӣ ва ғайра. Мумкин аст, ба чунин донишҷӯ нақши омӯзгорро додан ва фароҳам овардани имконият барои пешбурди дарси забони англисӣ. Шумо мебинед, ки ӯ на танҳо дар пешбурди дарс ба шумо халал намерасонад, балки бо як шавқу ҳавас ва масъулият вазифаи инфиродии худро иҷро менамояд, ва зиёда аз ин кори дигаронро фаъол менамояд, руҳияи корӣ эҳсосотии машғулиятро баланд мебардорад. Он донишҷӯёне, ки ба эҷодиёт, санъати тасвирӣ майл доранд, метавонанд бо кор аз болои лоиҳа, омода намудани муарифномаҳо ва пурсишномаҳо, тартиб додани ҷадвали дарс ва навиштани харитаи ҷавоҳирот банд гарданд. Мумкин аст ба чунин донишҷӯ кашидани тасвирро аз паси равзана пешниҳод намуд ва оид ба ҳар як ашёи дар расм мавҷудбуда бо забони англисӣ пурсиш намуд - What is ? (Ин чи аст?); баъдан мумкин аст аз ӯ пурсид, ки ин тасвир ба ӯ писанд аст ё не, барои чи? Чунин намуди кор ба донишҷӯ имконият медиҳад худро дар амал санҷад, онро ба худ ҷалб намояд ва ҳолати муоширатро бо забони англисӣ фароҳам оварад.

Агар шумо ният дошта бошед, ки бо ӯ робита барқарор намоед ва барои хад амалинамоии ӯ кӯмак расонед, аз ӯ пурсед: чаро ӯ чунин фикр менамояд, рафтор мекунад, посух медиҳад. Суол «Why (Барои чи?) бояд ҳамеша машғулиятҳои шуморо ҳамроҳӣ намояд:

Did you like the film? Why? (Ба ту филм писанд омад? Барои чӣ?)

What do you like? Why? (Чӣ ба ту писанд аст? Барои чӣ?) ва ғайра.

Чунин савол - «усул» донишҷӯро ба худтаҳлилнамоӣ водор менамояд, ба коркарди мавқеъҳои шахсии худ омода месозад. Он тадриҷан ба ӯ боварӣ медиҳад. Барои худ ӯ бо истифода аз боғоҷи шахсии донишҳои хеш

мунтазам инкишоф меёбад.

Мукамал шудани мундариҷа ва усулҳои таълиму тарбияи донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ дар асоси маълумотҳо, ки аз ҷониби методика ва ҳам илмҳои ҳамрадифи он ба даст оварда мешаванд.

Дар раванди таҳқиқот камбудиҳои зерин ошкор карда шуд:

Таҳқиқот нишон дод, ки дар донишҷӯён малакаи азхуднамоии маводи забонӣ ташаккул додан даст намедиҳад, дар нутқи онҳо шумораи зиёди хатоҳои лексикӣ ва грамматикӣ во мехӯранд. Бо мақсади хато накардан, донишҷӯён кӯшиш мекунанд гуфтаҳои худро коҳиш намоянд. Мо бошад дар навбати худ онҳоро дуруст фикр намуданро омӯзонидем, то ки онҳо тафаккури худро инкишоф диҳанд, фикрҳои худашонро баён намоянд.

Захираҳои калимаҳои ҳам фаъол ва ҳам ғайрифаъол басо маҳдуд аст.

Гуфтаҳо бидуни динамика мебошад: дар хабарҳо аз рӯи як мавзӯъ як намуд лексика ва ҷумлаҳои якшакл истифода бурда мешаванд, вале дар ин ҷо ҳам камбудиҳои мазкур ислоҳ карда шудаанд.

Дарк намудани нутқ дар марҳилаи аввал мушкил буд, вале методикаи мо ин вазъро низ ислоҳ намуд.

Суръати сусти хониш ва маҳорати истифодабарии ақидаи асоснок дар бораи аҳамияти омӯзиши лексика маълум карда шуд.

Мо ошкор намудем, ки камбудиҳои мазкур якчанд сабаб доранд. Яке аз онҳо вобаста аст бо таҷрибаи кори муассисаи олии таълимӣ. Дар аксар маврид методу усулҳои кӯҳнашудаи таълимӣ истифода бурда мешаванд, кор дар самти инкишофи нутқ хеле суст ба роҳ монда шудааст. Ба донишҷӯён аслан техникаи хонишро меомӯзонанд, на гирифтани иттилооти маънавӣ ва ғайра. Ҳамаи ин дар ташкил карда натавонистани омӯзгор барои дуруст ба нақша гирифтани дарс, ташкил намудани муошират бо забони англисӣ, таъмин намудани ҳамгироии самаранокии омӯзгор ва донишҷӯ, ба таври максималӣ фаъол намудани фаъолияти донишҷӯ дар дарс, истифода бурдани ВТТ, инъикос мегардад.

Ҷузъи дигар дар дидактика ҳамчун таҷрибаи амалӣ намудани роҳҳои ошнои фаъолият пешниҳод шудааст, ӯ пешбинӣ менамояд, ки донишҷӯён бояд вазифаҳоро иҷро намоянд, ки ба ташаккулёбии тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқӣ равона карда шудааст.

Ҷузъи навбатии дидактикии мундариҷа - таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ - метавонад ба донишҷӯён танҳо ба шарти ҳамроҳ намудани он ба фаъолияти мустақилонаи ҷустуҷӯӣ дода шавад.

Нутқ аз худ ташаккулёбӣ ва баён намудани фикрро бо воситаи забон мемонад, ва чун натиҷа он дар матнҳо, ки донишҷӯён онҳоро ҳангоми хониш бо шунавоияшон маҳсулнок менамоянд ё ин ки дарк мекунанд пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми омӯзиши нутқи шифоҳӣ аҳамияти махсус ба маҳсулнокнамоии мустақилона дода мешуд. Зеро ҳангоми азхуднамоии хониш бояд як усулҳои корро ташаккул диҳем, ва ҳангоми азхуднамоии сухангӯӣ - дигарро.

Дигар самти дифференсиатсиякунонии усулҳои омӯзиш бо назардошти давраи ташаккулёбии амалҳои нутқӣ алоқаманд мебошад. Дар давраи мазкур мақоми пешбарро усулҳои омӯзиш доранд, ки фаъолияти самтгирии донишҷӯёнро таъмин менамоянд, ки ба дарки вобастагӣ ва мундариҷаи гуфтаҳо аз мақсадҳо ва шартҳои ҳамгироии нутқӣ таъсирросон мебошанд.

Дар марҳилаи навбатӣ, ки ба машқнамоӣ равона карда шудааст, мақоми пешбар ба усулҳои кор вобаста карда мешавад, ки ба коркарди пораҳои гуфтаҳо дар доираи ҳолати таълимӣ-нутқӣ равона карда шудаанд. Дар марҳилаи таҷрибаи нутқӣ диққати афзалиятнок ба усулҳое, ки ҳалли муштараки вазифаҳои коммуникативиро дар шароити тағйирёбандаи муошират таъмин менамоянд, дода шуд.

Дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои 1 ва 2 таҷрибавӣ ва санҷишӣ вазифаҳо вобаста ба суръати тарҷума пешниҳод карда шуданд, яъне вазифаҳое, ки донишҷӯёнро ба амалӣ намудани тарҷумаи синхронӣ омода менамояд.

*Вазифаи 1.* Тарҷумаи босуръати матн аз рӯи корт (My family not very just a typical Dad, Mom, my brother sister. My is forty-one, is a doctor. My is forty-four, is a teacher mathematic at University. He teaching abilities. We help each I love my very much.).

*Вазифаи 2.* Тарҷумаи матн аз рӯи китоби таълимӣ (Курси амалии забони англисӣ. Қисми 1-2. Китоби таълимӣ барои тарҷума дар муассисаҳои олии таълимӣ аз рӯи ихтисоси «Забони хориҷӣ» Л.И. Селянин, Л.Г. Любимов ва дигарон.; зери таҳрири В.Д. Аракин, 147; 153).

*Вазифаи 3.* Сабти водеоиро бо диалогҳо омода намудем (суръати миёнаи сухангӯӣ) ва ба донишҷӯён пешниҳод намудем тарҷумаи синхрониро амалӣ намоянд.

Сарфаи вақт ва натиҷаҳои иҷроиши вазифа аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои 1-ум ва 2-юми таҷрибавӣ ва санҷишӣ дар ҷадвали № 11 нишон дода шудаанд. Аз маълумоти ҷадвал дида мешавад, ки фоизи иҷроиши вазифаҳои 1 ва 2 дар мӯҳлати кӯтоҳтар дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ як қатор баландтар мебошанд, назар ба гурӯҳҳои санҷишӣ. Ғайр аз ин, вазифаи 1 ва 2-ро ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба иҷро расониданд. Дар гурӯҳҳои санҷишӣ вазифаи 1-ро 3 донишҷӯ (25 %) иҷро накард, вазифаи 2-ро 4 донишҷӯ иҷро накард (33.3%). Аз ҳама мушкилии зиёдро барои донишҷӯён, ба ақидаи мо вазифаи 3 - тарҷумаи синхронии диалог пеш овард, ки бо суръати миёнаи сухангӯӣ сабт карда шуда буд. Аз рӯи маълумотҳои ҷадвал дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ вазифаи 3-ро 2 донишҷӯ иҷро карда натавонист (6,6 %) дар гр.«а» ва 1 донишҷӯ дар гр.«а», дар гурӯҳҳои назоратӣ вазифаи 3-ро 6 нафар иҷро накардаанд (50 %) дар 11 ва 5 (38,4 %) дар гр.«б».

Ҷадвали № 11.

| МО | Гур ӯх, | Мӯҳлат ва иҷроиши вазифаҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Вазифаи 1 | Вазифаи 2 | Вазифаи 3 |

| | | 2 дақиқа | 3 дақиқа | 5 дақиқа | Не | 5 дақиқа | 10 дақиқа | 15 дақиқа | Иҷро накарданд | Тарҷумаи саривақтӣ | Тарҷумаи саривақтӣ | Тарҷумаи бо дер кардан | Иҷро накарданд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ДДОЗТ | гр. 2 «а» таҷ. 30 | 14 | 9 | 1 | - | 12 | 15 | 3 | - | 11 | 12 | 5 | 2 |
| | | 46,7 | 30 | 23,3 | - | 40 | 50 | 10 | - | 36,7 | 40 | 16,7 | 6,6 |
| | гр. 2 "б" санҷи | 4 | 2 | 3 | 3 | 3 | 2 | 3 | 4 | 1 | 2 | 3 | 6 |
| | | 33,3 | 16,7 | 25 | 25 | 25 | 16,7 | 25 | 33,3 | 8,3 | 16,7 | 25 | 50 |
| | 1 «а» таҷ. | 8 | 7 | 5 | - | 9 | 7 | 4 | - | 7 | 9 | 3 | 1 |
| | | 40 | 35 | 25 | - | 45 | 35 | 20 | - | 35 | 45 | 15 | 5 |
| | 1 «б» санҷи шӣ. | 5 | 3 | 4 | 1 | 5 | 3 | 3 | 2 | 2 | 4 | 2 | 5 |
| | | 38,4 | 23,1 | 30,8 | 7,7 | 38,4 | 23,1 | 23,1 | 15,4 | 15,4 | 30,8 | 15,4 | 38,4 |
| | | | | | | | | | | | | | |

Дар асоси ҷадвали № 11 ва натиҷаҳои иҷроиши тарҷумаҳои матнҳо аз рӯи вақт (вазифаи 1 ва 2) ва тарҷумаи синхронии диалог, ки он вазифаи самаранокии истифодабарии методикаи омӯзиши забони англисиро дар гурӯҳҳои забони тоҷикӣ ба таври аёнӣ тасдиқ менамояд.

Дарси пешниҳодшуда аз рӯи мавзӯи "Ҳолати табиат Шуморо ба ташвиш меорад?" бисёр ҷанбаҳои ташкили машғулияти ба шахсият майлкунанда ва истифодабарии технологияи омӯзишии ба шахсият нигаронидашударо таҷассум менамояд. Дарси мазкур ба мавзӯи озод бахшида шуда буд. Он дар бахши 2 ДДОТ ба номи С. Айнӣ гузаронида шуд.

Мавзӯъ: Do you worried nature?» (Ҳолати табиат Шуморо ба ташвиш меорад?)

*Мақсадҳои машғулият:* ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ - ошно шудан бо воқеъият ва маҳфумҳо «problems» (Мушкилоти экологӣ);

Ҷанбаи инкишофдиҳанда - инкишофи таффакури дедуктивӣ, хотираи фаврӣ, инкишоф додани маҳорати баён намудани хулосаҳо;

Ҷанбаи тарбиявӣ - ташаккул додани қобилияти дарк намудани мушкилоти экологӣ, таҳлил намудани нақши инсон дар ҳамгирои бо табиат, рушди ташвиш аз ҳолати экологӣ;

Ҷанбаи омӯзишӣ - ташаккул додани малакаи суханронӣ, қисман хондан ва навиштан, инкишоф додани маҳорати фаҳмиши шунавоӣ бо дарки мундариҷа, тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқ.

*Усулҳои омӯзиш:*

- усули коммуникативӣ бо истифода аз ҳолатҳои бозӣ;
- кор бо маводи аудиоӣ ва видеоӣ;
- муносибати ба шахсият майлкунандаи омӯзиш;
- муносибати эҳсосотӣ-фаъолиятмандӣ.

*Аёниятҳо:* тасвирҳо ба мавзӯи экологӣ, лавҳаҳо бо номгӯи мушкилоти экологӣ.

*Воситаҳои техникӣ:* магнитофон, теле-таҷҳизот.

Рафти машғулият.

Ҳолати ташкилӣ.

Донишҷӯён садоҳои табиатро мешунаванд ва вобаста ба эҳсосоти худ нақл мекунанд. «What do feel hearing sounds?» (Ин садоҳоро шунида Шумо чиро ҳис мекунед?). «What do you imagine?» (Шумо чиро тасаввур карда метавонед?)

Донишҷӯён порчаи филмро дар бораи табиат тамошо карда, ба суол ҷавоб медиҳанд «What do you feel about watching the film?» (Ҳангоми тамошои филми мазкур Шумо чиро ҳис мекунед?).

Омӯзгор ба донишҷӯён сайри тасаввури табиатро дар пикник пешниҳод менамояд. Бозӣ-обутоб (зери мусиқӣ): тасвир намудани амалҳои феълҳои пешниҳодшуда.

Ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад, ки аз рӯи расмҳои дидаашон ба суолҳо ҷавоб диҳанд «What"s happening with nature ?» (Бо табиат чи рӯх медиҳад?).

Муаррифии проблемаҳои экологӣ аз ҷониби омӯзгор: animals -ҳайвоноти нодир: air pollution - ифлосшавии ҳаво, water - ифлосшавии об, cut over - буридашавии ҷангалҳо (Истифода бурдани тасвирҳо).

Посух ба суолҳо «Are you about ...? Why (Шуморо... ба ташвиш меорад?Барои чӣ?). Донишҷӯён дар бораи ҳар як проблема сухан меронанд.

Амалияи донишҷӯён ҳангоми истимоъ ва посух ба суол «What is /she worried » (Ӯро чӣ ба ташвиш меорад?). Донишҷӯён дар сабти аудиоӣ ақидаи наврасонро аз дигар мамлакатҳо гӯш менамоянд ва ба саволҳо ҷавоб мегӯянд.

Тамошо намудани филм ва ҷавоб ба суолҳо «What's the problem? How can we help to solve this (Кадом мушкили ? Чӣ тавр мо метавонем дар ҳалли ин мушкили кӯмак расонем?). Баррасӣ дар гурӯҳҳо.

Кори ҷуфтӣ аз рӯи кортҳо ва муҳокимаи он.

Ҷавоб ба суол «How we can help our planet What can personally do?» (Чӣ тавр мо метавонем ба сайёраи худ кӯмак намоем? Шахсан Шумо чӣ метавонед кард?)

Аёният яке аз намудҳои муҳимтарини принсипҳои дидактикӣ ба шумор меравад. Истифода бурдани васоити аёнӣ барои ҳалли чунин проблемаҳо кӯмак мерасонад, мисли сафарбарнамоии фаъолнокии равонии донишҷӯён, ворид намудани навгонӣ ба раванди таълим, зиёд намудани шавқу рағбат нисбат ба машғулият, зиёд намудани имконият дар ёдгирии бешуур ва ғайра. Воситаҳои аёниро мо шартан ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем: аёнияти биноӣ, шунавоӣ, биноӣ-шунавоӣ.

Воситаҳои аёнии биноӣ воситаҳои чопиро дар бар мегиранд (ҷадвалҳо, кортҳо, расмҳо, маводҳои тақсимшаванда) ва воситаҳои экранӣ (диафилмҳо, лавҳаҳо ва ғайра).

Воситаҳои аёнии шунавоӣ - грампластинкаҳо ва сабти магнитофонӣ мебошанд.

Ба воситаҳои биноӣ-шунавоии омӯзиш воситаҳои экрану-садоӣ (диафилмҳо бо ҳамроҳии садо, кинофилмҳо ва ғайра) мансубанд.

Методикаи истифодабарии кинофилм ҳамчун воситаи самараноки инкишофи нутқ ҷустуҷӯи чунин намуди корҳоро пешниҳод менамояд, ки хусусияти аёниятҳои экраниро инъикос менамоянд ва ба таҷрибаи воқеии нутқии донишҷӯ майл доранд. Хусусияти вазифа аз мундариҷаи филм вобастагӣ дорад. Дар баъзе маврид филм дар асоси матн таҳия карда шудааст, ки ба донишҷӯён шинос мебошад. Мумкин аст якчанд намуд филмро тамошо кард: филмро бидуни садо тамошо намуда ва дар рафти тамошо онро аз рӯи матни қаблан азёдкарда шарҳ дод, ё ин ки филмро тамошо намуд ва шунид ва баъдан кори суолӣ-ҷавобӣ гузаронид; ё ин ки филмро дар бораи макон ё шаҳри худ тамошо карда аз рӯи он экскурсия гузаронид ва ғайра.

Арзиши методии намуди мазкури корҳо, ба ақидаи мо, аз он иборат аст, ки он қабулкунандаи воқеии мулоҳизаро мешбинӣ менамояд, яъне ба нутқ самтнокии коммуникативиро ҷамъ менамояд, фаъолнокии нутқии донишҷӯёнро ҳавасманд менамояд. Дар машғулиятҳо мо тартиб додани матни васеи фаҳмоо истифода мебарем, инчунин онро бо кинофилм, аксҳо пур менамоем.

Ҳангоми таҳияи методикаи мазкур ба муқаррароти зерин такя менамоем:

- қабл аз нишон додани филм бояд сӯҳбати омоданамоӣ гузаронида шавад;
- ҳангоми баррасии филм бояд аз таассурот ба самти дарки аввалия ҳаракат намуд.

Мо боварӣ дорем, ки сӯҳбати пешакӣ таҷрибаи ҳаётии донишҷӯёнро ба хотир меорад, ҳолати проблемавиро ба вуҷуд меорад, дар назди донишҷӯён мушкилотро мегузорад ва ба ҳалли он равона месозад.

Ҳангоми тамошои филм чунин маҳоратҳо, мисли, истимоъ, инкишофи хотира инкишоф меёбанд; ҳангоми гуфтор нутқ инкишоф меёбад.

Истимоъ ҳамчун шунидан ва дарк намудани нутқи забони хориҷӣ яке аз ҷузъҳои фаъолияти нутқӣ мебошад ва дар омӯзиши коммуникатсия нақши муҳим дорад. Омӯзонидани донишҷӯ гӯш намудан ва дарк кардани нутқи англисӣ - мақсади асосии истимоъ мебошад. Қабул намудани нутқи шифоҳӣ бо роҳи шунавоӣ бо шарофати кори муштараки таҳлили шунавоӣ ва нутқӣ-ҳаракаткунанда имконпазир аст. Инсон гӯш намуда, чизи қабулкунандаро аз фикр мегузаронад. Истимоъ, ҳамин гуна, ба беҳтар намудани маҳоратҳои гуфтор, хониш ва хат мусоидат менамояд. Аз ин сабаб маҳз тавассути ин маҳоратҳо бояд кор оид ба омӯзиши забони англисӣ оғоз гардад [155].

Телевизион ҳангоми таълими истимоъ дар машғулиятҳои забони англисӣ зарур аст. Зеро телевизиони таълимӣ воситаи аудиовизуалӣ буда, баррасии имконият ва самаранокии истифодабарии онро барои инкишофи малакаҳои истимоъ бо такя ба қатори биноиш мантиқӣ аст. Ин малака худ аз худ пайдо намегардад, онро бо роҳи омӯзиши тамринӣ бояд инкишоф дод.

Кинофилмҳо ва телевизиони таълимӣ дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиши забон зарур аст. Ҳамин гуна, мумкин аст, зикр намоем, ки телевизиони таълимӣ инчунин ба инкишофи нутқ мусоидат менамояд.

Донишҷӯён бояд мундариҷаи маълумотро аз худ намоянд, онро ба сарвати тафаккури худ табдил диҳанд. Пеш аз ҳама, мундариҷа соҳаи маърифатӣ-ҳавасмандкунии шахсиятро ташаккул медиҳад, майли ҷаҳонбинӣ ва арзиширо, мавқеи ҳаётиро таъсис медиҳад. Аз сохтори маълумот хусусияти фаъолияти таълимӣ вобастагӣ дорад, ки ба дарknамоӣ ва қабули маълумот ва ба азхуднамоии мундариҷа равона карда шудааст. Бо воситаи сохтор мутобиқати фаъолияти зеҳнӣ ба мундариҷаи маводи таълимӣ ва

мақсадҳои омӯзиш муқаррар карда мешавад. Аз ин лиҳоз проблемаи шакли маълумот, забони он, сохтор бояд дар психологияи педагогӣ миёни сабабҳои асосӣ, ки зиёдшавии дониш ва инкишофи таълимгирандаро таъмин менамояд, коркард шавад.

Сатҳи муассисаи олии таълимӣ маълумоти умумиро таъмин менамояд, донишҷӯро ҳамчун шахсияти аз лиҳози зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ омодашударо инкишоф медиҳад.

Телевизион барои сохтори системаи таълимӣ низоми талъати босира ва усулҳои мантиқӣ-нутқии сохторро ҷалб менамояд. Телевизион ба муассисаи олии таълимӣ дар омӯзиши забони англисӣ кӯмак мерасонад, зеро он имкон медиҳад, ки мушкилоти зиёдеро паси сар намояд: дар талаффуз, оҳанги садо, услуби сухан гуфтан. Силсилаи телевизионӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳим, тезу тунд ва маънавиро гузорад. Самаранокии телевизиони таълимӣ санҷида шуда, бо таҷрибаи оммавии таълимӣ тасдиқ карда шудааст.

Дар асоси таҳлили раванди омӯзиш бо истифода аз синамо принсипҳои муносибати низомдор нисбат ба омӯзиши объектҳои мушкил, ки барои низомҳои педагогӣ аз ҷониби Н.В. Кузмина таҳия карда шудааст, ҷолиб мебошад. Чунин муносибат баррасии самаранокии филми таълимиро ҳамчун натиҷаи фаъолияти таълимии дорои робитаи мутақобилаи омӯзгор ва фаъолияти маърифатии донишҷӯро дар назар дорад, ки бо мундариҷаи маводи омӯзишӣ муттаҳид карда шудаанд. Мақсади истифода бурдани синамо аёният ва мақсади ниҳоии машғулияти таълимӣ бо истифода аз он мебошад. Филми таълимӣ ҳамчун синамо-аёният муайян карда мешавад, ки аз рӯи мундариҷа ба барномаи таълимӣ мутобиқат менамояд ва талаботи дидактикаро қонеъ менамояд.

Дар марҳилаи муосири инкишофи педагогика кушодани мундариҷаи талабот оиди самаранокии дидактикӣ аз рӯи нишондодҳо имконпазир аст. Дар машғулият инчунин истифодаи якҷояи усули аудиоӣ бо аёнӣ самаранок

аст. Филми таълимӣ дар баробари ин ба воситаи омӯзиши “фаъоли” аёнӣ дохил мешавад. Он нақши педагоги миёнаравро иҷро менамояд.

Самаранокии дидактикии филми таълимӣ на танҳо бо талаботҳои “беруна”-и самаранокӣ, балки “дохилӣ” низ арзёбӣ мегардад.

Арзёбии самаранокии филми таълимӣ дар асоси талаботҳои интихобшуда амалӣ мегардад. Интихоб намудани ҷузъҳои аҳамиятдортарини самаранокии филми таълимӣ вобаста аз баррасии филм ҳамчун низоми иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Истифода бурдани филм дар дарс ба мустаҳкам гардидани донишҳо мусоидат менамояд. Нишондодҳои асосии самаранокии филми таълимӣ аз худ нишондодҳои самаранокии филми таълимӣ ва талаботҳои интегралии онро мемонанд.

Филми таълимӣ талаботҳои зерини самаранокиро доро мебошад: нишондоди сифати донишҳо, нишондоди устувории хотирагирӣ, нишондоди масрафи вақти таълимӣ ва ғайра. Филми таълимӣ ҷузъи сохтории низоми педагогӣ мебошад ва танҳо ҳангоми шароитҳои муайян истифодабарии филми таълимиро, ҳамчун воситаи коммуникатсияи педагогӣ мутобиқ мегардонад.

Филми таълимӣ аз худ низоми самараноки бисёрфунксионалиро мемонад, ки дар он имкониятҳои фаъолнок намудани фаъолияти маърифатии донишҷӯ, идоракунӣ ва суръатбахшии раванди таълимӣ гузошта шудаанд. Самаранокии истифодабарии филми таълимӣ бо ташкили сохтори машғулиятҳо бо истифода аз кино робитаи зич дорад. Маваффақияти машғулият дар он ҳолат ба даст меояд, ки агар педагог, бо истифода аз ҳамаи шакл ва намуди аёният, ҳамчун воситаи таъсиррасонии психологӣ-педагогӣ ба толибилмон, бо ёрии онҳо ҳамаи принсипҳои дидактикиро амалӣ намуда ва фаъолнокии максималии фаъолияти маърифатии толибилмонро рӯи даст орад. Дар бахши 2 ДДЗТ ба номи С. Улуғзода филми «Саёҳат дар Англия» тамошо карда шуд. Баъд аз тамошои филм ба донишҷӯён пешниҳод карда шуд, ки дар бораи чизҳои дидаашон бо

истифода аз ибораҳои мазкур ҳикоя тартиб диҳанд: to sightseeing, to as tourist, with other.

Дар марҳилаи ҷомеаи рушдкарда проблемаи омода намудани насли наврас ба меҳнати мустақилонаи эҷодии фоидаовари ҷамъиятӣ яке аз муҳимтарин проблема дар низоми таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз проблемаи ҳамарӯза ҷалб намудани донишҷӯён ба кори фаъоли мустақилона, ҳамроҳ намудан ба ҷустуҷӯ, иҷроиши амалиётҳои мухталифи зеҳнӣ, ки барои ташаккулёбии малакаи меҳнати мустақилона мусоидат менамояд, басо муҳим мебошад. Аз сабабе, ки машғулиятҳо шакли асосии таълиму тарбияи донишҷӯён мебошад, маҳз дар машғулиятҳо бояд асосҳои меҳнатдӯстӣ ва меҳнати мустақилона гузошта шавад.

Аҳамияти бузурги иттилоот, ки донишҷӯ ҳангоми кор кардан бо матбуоти даврӣ, гӯш кардани радио, тамошои барномаҳои телевизионӣ ба даст меорад, на ҳамавақт дуруст пазируфта ва дарк карда мешавад. Омӯзонидани донишҷӯён ба дуруст майл намудан дар иттилооти зиёд, ба кори мустақилонаи онҳо ба таври доимӣ, бо истифода аз воситаҳои тахникии таълимӣ, ворид намудани маводҳои дидактикӣ ва дигар сарчашмаҳои дониш тақозо менамояд, ки миёни онҳо мақоми муҳимро аёниятҳои экранӣ касб намояд, зеро онҳо дорои имкониятҳои васеи дидактикӣ буда, қариб дар ҳамаи кафедраҳои муассисаҳои олии таълимӣ мавҷуд мебошанд.

Дар корҳои чунин олимҳо-педагогҳо, мисли С.И. Архангелский, В.П. Волинский, А.И. Зилберштейн, Л.П. Кулинская таъиноти аёниятҳои экранӣ боз карда шудаанд, имконоти дидактикии онҳо ошкор карда шудаанд, шароитҳо муайян карда шуданд, ки натиҷаҳои баланди кори таълимиро бо истифода аз маводҳои экранӣ таъмин намоянд. Хулосаҳои муҳим дар бораи таъсири аёниятҳои экранӣ ба сохтори машғулият, мукаммалнамоии ташкили раванди таълимӣ бароварда шудаанд. Ғайр аз ин, усулҳои зиёди истифодабарии аёниятҳои экранӣ дар раванди омӯзиши маводи нав, дар

марҳилаи аз худ намудани он, бо мақсади назорати донишҳои донишҷӯён таҳқиқ карда шуданд [74, с.79].

Филми таълимӣ ҳангоми омӯзиши дилхоҳ фан ё мавод истифода бурда мешавад. Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар ДДЗТ ба номи С. Улуғзода филм дар бораи диёри азиз бо забони англисӣ ва тоҷикӣ намоиш дода шуд. Ҳангоми тамошои филм баъзе ҷузъиётҳо муайян карда шуданд, оё ҳамаи иттилоот бо ҳарду забон мавҷуд буд, оё ҳангоми додани ин ё он иттилоот ба хатоҳо роҳ дода шуд. Ифодаҳо бо ҳарду забон гирифта шуда муқоиса карда шуданд. Истифода бурдани филм дар машғулиятҳо ба устувории дониш, ба азхудкунии беҳтари мавод, ҷалби таваҷҷӯҳи донишҷӯён, тафаккури мустақилона ҳангоми баррасӣ ва баён намудан, ба инкишофи маҳорати нутқӣ мусоидат менамояд.

Ҳангоми омӯзиши забони англисӣ донишҷӯёни зиёд садди психологиро эҳсос менамоянд, ки рафъи он басо мушкил мебошад. Дар машғулиятҳо омӯзиши якҷояи коллективиро истифода намуда, мо ба толибилмон эътимод медиҳем, бо ҷалб намудани онҳо ба фаъолияти таълимии гурӯҳӣ. Ҳангоми кор намудан дар гурӯҳҳо захираи забонии донишҷӯ васеъ мегардад. Ҳангоми чунин усули омӯзиш нишонаҳои инкишофи тафаккури абстракт ва малакаи кори мустақилона зуҳур менамояд. Ҳатто донишҷӯёни сустхон ҳам бо забон ҳарф заданро оғоз менамоянд. Тафаккур бо воситаи нутқ инкишоф меёбад, аз ин лиҳоз фаъолияти гурӯҳӣ таҷрибаи нутқиро пурзӯр менамояд. Донишҷӯён гуфтаҳои якдигарро ислоҳ менамоянд, суол медиҳанд, хатоҳои нутқӣ, имлоиро ислоҳ менамоянд.

Бо маводи забонӣ кор намуда, донишҷӯён талаффузи ҳар як маҳфуми нав, полисемантикаро коркард мекунанд. Тадриҷан мафҳуми асосӣ бо калимаҳо, ибораҳо пур мегардад, ки мундариҷаи асосии мавзӯъро боз мекунад. Ҳар як мавзӯъ ҳамчун кор аз болои лоиҳа «Таътил», «Лондон» ва ғайра дода мешавад.

Афзалияти асосии чунин омӯзиши забони англисӣ дар чӣ аст:

- Малакаҳои тафаккур ва дарки мантиқӣ дар натиҷаи машшқҳои пайваста такроршаванда инкишоф меёбанд.
- Малакаҳои тафаккур инкишоф меёбад ва сафарбаркунии донишҳо ба амал меояд.
- Ҳамаи намуди хотира иштирок менамояд.
- Ҳар як нафар худро озод ҳис менамояд.
- Масъулият на танҳо барои муваффақиятҳои худ, балки натиҷаҳои кори умумӣ баланд мешавад.
- Худбаҳодиҳии шахсият, қобилияти худ, имконият ва эътибори шахсӣ ташаккул меёбад.
- Азхуднамоии амиқи мавод аз ҳисоби баррасии мавод бо якчанд нафар шарик таъмин карда мешавад.
- Донишҷӯён худ ва сифатҳои шахсиашонро дарк менамоянд, ки шарти муҳими инкишофи худэҳтиромӣ ва ташаккулёбии ҳиссиёти арзиши шахсӣ мебошад.
- Сохтори грамматикии донишҷӯён, маводи лексикӣ, ки онҳоро меомӯхтанд ва аз нав меомӯзанд, фаъол мегардад.
- Ҳамаи намуди машқҳо ба инкишофи тасаввурот, пайбарӣ равона карда шудаанд.

Дар гурӯҳҳо доир ба лоиҳаҳо чунин намудҳои кор мавриди истифода карор гирифтанд:

*Марҳилаи 1:*

- шиносоӣ бо маҳфумҳои калидӣ;
- истимоъ ё хониши шиносоии матн;
- санҷиши дарки иттилооти қабулкунанда;
- коркарди фонетикии луғат;
- ба таври нақшавӣ нишон додани маҳфуми калидӣ бо маҳфумҳои ҳамрадиф;
- таъсис додани ҳолатҳои шартӣ-нутқии нақшдор;
- кори хонагии инфиродӣ.

*Марҳилаи 2:*

- муаррифӣ ва шарҳи иттилооти аз ҷониби донишҷӯён ҷамъоваришуда;
- таъсис додани ҳолатҳои нави шартӣ-нутқӣ дар асоси маводи омӯхташаванда.

Ҳангоми чунин омӯзиш малакаву маҳоратҳои ташаккулёфта бомуваффақият ба нутқи шифоҳӣ гузаронида мешаванд. Бояд дар машғулиятҳо баррасии он мавзӯҳоро ба роҳ монд, ки ба синну сол ва ваҷҳи донишҷӯён, сатҳи инкишофи онҳо мутобиқат намоянд; истифодабарии он воситаҳои нутқиро таъмин намоянд, ки дар муошрати воқеии забонӣ амал мекунанд. Ҳамаи марҳилаҳои кор бояд бо сужаи ягона муттаҳид гардонида шаванд. Чунин шакли кори гурӯҳӣ самаранок аст ва ҳангоми омӯзиши нутқи диалогӣ, ки дар он донишҷӯён ҳангоми коркарди ҳолат ва муошрати озод амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани кори таҷрибавӣ-озмоишӣ мо шаклҳои зерини вазифаҳо ва машқҳоро истифода бурдем:

- машқҳои бозигӣ, ки ваҷҳро нисбат ба омӯзиши забони англисӣ инкишоф медиҳад;
- машқҳое, ки ба инкишофи тафаккури эҷодӣ равона карда шудаанд;
- машқҳое, ки ба инкишофи тафаккури мустақилона равона карда шудаанд;
- машқҳо барои суръатбахшии тафаккур, ки тарҷумаи синхрониро таъмин менамоянд;
- машқҳое, ки ба инкишофи фарҳанг, меҳр ба Ватан равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар ҷадвали № 12 оварда шудаанд.

Ҷадвали № 12

| Гурӯҳ, | Шаклҳои | Натиҷаҳои иҷроиши вазифа |
|---|---|---|

| Шумораи донишҷӯён | вазифаҳо | Пурра ичро намуданд | | Пурра иҷро нанамуданд | | Қисман иҷро намуданд | | Иҷро нанамуданд | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гурӯҳҳои таҷрибавӣ, 158 нафар | 1 | 64 | 40,7% | 49 | 30,8% | 38 | 24% | 7 | 4,5 % |
| | 2 | 59 | 37,2% | 57 | 36,2% | 37 | 23,4% | 5 | 3,2 % |
| | 3 | 72 | 45,4% | 52 | 32,7% | 30 | 19,3 | 4 | 2,6% |
| | 4 | 69 | 43,5% | 54 | 34,1% | 27 | 17,2% | 8 | 5,2 % |
| | 5 | 67 | 42,1% | 47 | 29,8% | 38 | 24,3% | 6 | 3,8 % |
| Гурӯҳҳои санҷишӣ, 141 нафар | 1 | 30 | 21,3% | 39 | 27,6% | 48 | 33,8% | 24 | 17,3% |
| | 2 | 25 | 17,6% | 44 | 31,4% | 37 | 26,2% | 35 | 24,8% |
| | 3 | 21 | 14,8% | 41 | 29,5% | 39 | 27,6% | 40 | 28,1% |
| | 4 | 16 | 11,3% | 30 | 21,1% | 35 | 25,1% | 60 | 42,5% |
| | 5 | 27 | 19,2% | 39 | 27,4% | 28 | 19,9% | 47 | 33,5% |

Чӣ тавре, ки аз ҷадвал дида мешавад, сатҳи иҷроиши вазифаҳо аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои таҷрибавӣ як қадар баландтар аст, нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва ин самаранокии усули таҳия кардаи моро оид ба омӯзиши забони англисӣ тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани машғулият бояд шахсияти ҳар як донишҷӯ ба инобат гирифта шавад, то ки ҳамаи донишҷӯёнро дар дарс ба кор ҷалб намуд. Бо истифода аз усулҳои гуногуни таълимӣ шахсияти инфиродии донишҷӯ боз мегардад ва ин имконият медиҳад, ки қобилиятҳои инфиродии ӯ, донишҳои андӯхтаи ӯ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ташаккул ёбад.

## Хулосаҳо доир ба боби дуюм

Натиҷаҳои таҷрибаи ташаккулдиҳанда, ки аз ҷониби мо гузаронида шуд, ба мо асос медиҳанд бигӯем, ки донистани забони модарӣ ба дониш, малака ва маҳорати азхуднамоии забони англисӣ таъсири басо калон дорад. Ин таъсиррасонӣ хусусияти дугона дорад: ҳангоми гузариш он метавонад ба азхуднамоии забони англисӣ мусоидат намояд, ҳангоми интерференсия бошад онро мушкил менамояд, садди роҳ мегардад.

Падидаи гузариш дар азхудкунии забони англисӣ ҳангоми монандии пурра ё қисмии воситаҳои забонӣ миёни забонҳои робита дошта мушоҳида мешавад.

Дар чунин ҳолатҳо гузариши мусбӣ метавонад ҳамчун омили ҳавасманднамоӣ ҳангоми ташаккулёбии малакаҳои нави забони хориҷӣ истифода бурда шавад, зеро барои азхуднамоии воситаҳои монанди забонӣ ба донишҷӯ зарурияти масрафи иловагии нерӯ лозим намешавад - инро дар муддати кӯтоҳтарин бо масрафи камтарини қувва ба даст овардан мумкин аст. Малакаи пешина ҳангоми коркард гардидани малакаи нав таъсири мусбӣ мерасонад.

Моҳияти интерференсия аз он иборат аст, ки дар раванди омӯзиши забони англисӣ донишҷӯ барномаи рафтори нутқиро, ки дар забони модарӣ мустаҳкам карда шудааст, ба забони барои ӯ нав мегузаронад ва нутқи забони хориҷии худро аз рӯи меъёрҳои забони модарӣ месозад.

Ин бо он маънидод мешавад, ки дар оғози омӯзиши забони англисӣ, дар донишҷӯ қолабҳои муайяни дониши забони модарӣ аллакай коркард шудаанд, ки онҳоро ӯ ғайримуташаккил ба забони англисии омӯхташаванда мегузаронад. Донишҷӯ забони англисиро дар асоси малака ва маҳоратҳое, ки дар маводҳои забони модарӣ коркард шудаанд, дарк менамояд, ки ба як қатор хатоҳои ба ҳам монанд дар забони хориҷӣ оварда мерасонад.

Таҳлили муқоисавии забонҳо бо мақсадҳои таълимӣ барои амалӣ намудан дар раванди таълим принсипи дидактикии дастрасӣ, хидмат

менамояд. Дар асоси чунин муқоисаҳо низоми мутобиқ, мақсадноки машқҳо таҳия карда мешаванд, ки интерференсияи забони модариро пешгирӣ ва паси сар менамояд, инчунин азхуднамоии амалии маводро дар асоси истифода бурдани падидаи гузариш сомон медиҳанд.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки ҳалли ин вазифа имконпазир аст, вале на дар доираи танҳо донишҳо, балки дар низоми "дарс - кори таълимии хонагӣ - шаклҳои кори беруназсинфӣ" амалӣ мегардад.

Бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиш ба омӯзгор зарур аст, ки таъсири забони модариро ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба инобат гирад, нуқтаҳои баҳамхӯрии забонҳои робиташавандаро ба таври амиқ бидонад, ки ба гузариши донишҳо, маҳорату малакаҳо аз забони модарӣ ба забони англисӣ мусоидат кунанд, инчунин омилҳое, ки дар азхудкунии забони англисӣ, аз сабаби таъсири интерференсияи забони модарии донишҷӯ мушкилот пеш меорад, дарк намоянд.

Дар рафти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ дар маркази диққати таҳқиқоти мо масъалаҳои мукаммалнамоии мундариҷа ва усулҳои таълиму тарбияи донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ қарор доштанд.

Ҷустуҷӯи роҳҳои мукаммалнамоии мундариҷаи таълим дар ду самт амалӣ карда мешуд: аввал, ин бозбинӣ, амиқнамоӣ, ислоҳоти мундариҷаи таълим дар маҷмӯъ ва ҷузъҳои он дар доираи нақшаи мавҷудаи таълимӣ; дуюм, таҳия намудани мундариҷаи омӯзиши забони англисӣ.

Истифодабарии таҷрибавӣ-озмоишии методикаи омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода озмуда шуд. Ҳамагӣ дар таҷриба 270 донишҷӯ ҷалб карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани таҳқиқот оид ба истифода бурдани технологияи педагогии омӯзиши забони англисӣ дурустии фарзияи пешниҳодшуда, оид ба он, ки омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби

донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ самаранок мегардад, агар технологияҳои пешрафтаи замонавии омӯзиширо бо истифода аз ВТТ, аз ҷумла, технологияҳои компютерӣ ва бо назардошти робитаҳои байнифанӣ, тасдиқ гардид.

# ХУЛОСА

Чи тавре, ки натиҷаҳои таҳқиқотии мо нишон доданд, яке аз самтҳои муҳими такмили мундариҷаи таълими робитаи мутақобиладошта оид ба омӯзиши забони англисӣ дар бахшҳои 1-2 муассисаҳои олии таълимӣ таҳияи усулҳои замонавии омӯзиши забон бо истифода аз технологияҳои нав, ки аз истифодаи ВТТ, аз он ҷумла компютерҳо асос мегиранд, мебошад.

Муносибати методологӣ, ки дар таҳқиқот амалӣ карда шуд, ба муайян намудани роҳҳои қобили қабулро дар ҳолати мазкур вобаста ба такмил додани омӯзиши забони англисӣ дар бахшҳои 1-2 муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон - омӯзиши забони англисӣ мусоидат намуд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки усули таҳияшуда ва бо роҳи таҷриба истифодашудаи омӯзиши забони англисӣ на танҳо ба ташаккулёбии тафаккури мустақилона ва инкишофи нутқии донишҷӯён, балки ба сатҳи объективии дониши онҳо таъсири мусбӣ мерасонад, ки ин бо маълумотҳои таҷрибавӣ исботи худро ёфтааст.

Афзалияти усули пешниҳодшавандаи омӯзиши забони англисӣ аз он иборат мебошад, ки таҳлили муқоисавии лингвистии забонҳои модарӣ ва англисӣ имкон медиҳад, мутобиқати омӯзиши забони англисӣ муваффақият пайдо кунад. Он мушкилоти донишҷӯёнро дар азхуднамоии забони англисӣ ба инобат мегирад, сабабҳои хатоҳои хосро мекушояд, имкон медиҳад, ки роҳҳои оқилонаи паси сар намудани чунин хатоҳоро коркард намояд, вақти зиёд ва заҳмате, ки дар омӯзиши забони англисӣ масраф мешаванд, коҳиш диҳад.

Ворид намудани усули омӯзиши забони англисӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ба баланд намудани натиҷаҳои омӯзиши забони англисӣ мусоидат намуд.

Аз ҷониби мо муайян карда шуд, ки азхуднамоии низоми забони дигар ё бо роҳи гузариш, ё ислоҳнамоӣ, ё ташаккул додани маҳорату малакаҳои нав амалӣ карда мешавад.

Бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиш омӯзгор бояд таъсири забони модариро ба забони омӯхташавандаи англисӣ ба инобат гирад, нуқтаҳои баҳамоии забонҳои робитакунандаро амиқ бидонад, ки ба гузаронидани дониш, маҳорату малакаҳо аз забони модарӣ ба англисӣ мусоид мебошанд, инчунин омилҳое муайян созад, ки дар азхуднамоии забони англисӣ бо сабаби таъсири интерференсияи забони модарии донишҷӯён мушкилот пеш меоранд. Воситаи муҳим дар пешгӯии мушкилот дар азхуднамоии нутқи забони хориҷӣ, таҳлили лингвистии муқоисавии низомҳои забонҳои модарӣ ва англисӣ мебошад, ки маҳз он ба омӯзгор имкон медиҳад пешбинӣ намояд, ки кадом зуҳуроти имлоии забони модарӣ барои гузариш мусоидат мекунад, кадомҳояшон сабаби интерференсия мебошанд. Маҳз аз ин лиҳоз сирф муқоисаи лингвистии он асосе мебошад, ки бидуни он муқоисаи илмӣ бо мақсадҳои таълимӣ ғайриимкон мебошад.

Муносибати мутақобилаи забони модарӣ (тоҷикӣ) ва хориҷиро (англисӣ) барқарор намуда, таҳлили муқоисавӣ ба интихоби усулҳои методӣ таъсир мерасонад, зеро барои донишҷӯёни миллаташон гуногун ҳангоми омӯзиши як мавод мушкилоти мухталиф пеш меоянд, ки онҳо бо мутобиқати хоси забонҳои модарӣ ва омӯхташаванда маънидод мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои ибтидоӣ ва ҷамъбастии таҳлил ва натиҷаҳое, ки дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ ба даст омаданд, барои натиҷагирӣ аз татбиқи муваффақонаи низоми аз ҷониби муаллиф коркардшудаи ташаккули кобилияти коммуникативӣ-нутқии омӯзгори ояндаи забони англисӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ, ҳамчун асос хизмат кард.

**Дар ҷамъбасти** таҳқиқоти сомондодашуда таълими таҷрибавӣ-озмоишӣ натиҷагирӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шуданд. Маълумотҳои назариявӣ ва озмоишӣ имкон доданд, ки **хулосаҳои зерин** бароварда шаванд:

1. Пешниҳод карда шуд, ки масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ талаби замон буда, талаботи навро барои омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ аз фанни забони англисӣ ба миён мегузорад ([М-1],[М-3],[М-4],[М-7],[М-8],[М-12],[М-14]).

2. Ошкор карда шуд, ки кори мақсаднок оид ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ дар асоси амсилаи таҳиякардаи мо бо татбиқи шароитҳои педагогии номбаршуда бештар дараҷаҳои баланд ва миёнаи ташаккулёбии қобилияти мавриди пажуҳишро дар омӯзгорони ояндаи забони англисӣ таъмин месозад ([М-1],[М-2],[М-9],[М-11],[М-14],[М-16],[М-120]).

3. Муқаррар карда шуд, ки ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбӣ қисми ҷудонашавандаи омодагардонии омӯзгори муосир мебошад, ки ӯ дар муҳити ҷомеаи бисёрфарҳангӣ кор ва зиндагӣ мекунад. Инро ба асос гирфта, мо моҳияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯёнро дақиқ намудем, ки он аз маҷмӯи қобилиятҳои идрок ва иҷрои фаъолияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити муассисаи олии омӯзгорӣ ба дараҷаи кифоятан баланд иборат аст ([М-2],[М-3],[М-5],[М-8],[М-10],[М-16],[М-17]).

4. Таҳқиқот натиҷабахшии амсилаи таҳиякардашудаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбиро тасдиқ намуд, ки инҳоро дар бар мегирад: ҳадаф, принсипҳо; шаклҳо, усулҳо (муколамавӣ, коммуникативӣ, эвристӣ, бозигӣ, усулҳои лоиҳасозӣ, амсиласозӣ), давраҳои асосӣ (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбасткунанда); натиҷа (дараҷаҳои ташаккулёбии муошират: эҷодӣ, маҳсулнок, каммаҳсул) ([М-1],[М-4],[М-5],[М-7],[М-9],[М-13],[М-20]).

5. Аҳамиятнокии рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ бо он муайян карда мешавад, ки тамоилҳои дидактикаи мактаби олӣ барои рушди комили

шахсияти толибилмон ва омодагардонии онҳо ба кори рақобатпазир дар ҳолатҳои зудҳаракатии байналмиллалӣ ва ҳамгирой маълуманд ([М-1],[М-2],[М-7],[М-8],[М-10],[М-12],[М-16]).

6. Дар раванди таълим амалӣ гардондани «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ», ки МТМ таҳия кардааст, дар асоси технологияи кредитӣ-модулии таълим барои таъмини давра ба давраи ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ якҷоя бо қисмҳои таркибии он мусоидат намуда, интихоби шаклҳо ва технологияҳои мухталифи инфиродигардонӣ ва ҷудогардонии таълимро амалӣ кард ([М-3],[М-4],[М-7],[М-11],[М-12],[М-17],[М-20]).

7. Муайян карда шудааст, ки технологияи педагогӣ дар таълими забони англисӣ бо мақсади омодасозии муаллимони оянда ба ҳамкории педагогӣ дар ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён ҳамчун технологияи пешқадами шахсиятӣ-фаъолиятмандӣ амал менамояд ва бар хилофи низоми анъанавӣ, ба сифати яке аз шароитҳои самарабахши ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ ба ҳисоб меравад ([М-1],[М-3],[М-4],[М-7],[М-12],[М-15],[М-18]).

8. Дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ муқаррар карда шуд, ки натиҷаҳои баланди раванди ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ дар натиҷаи амалисозии ҳамгироии фанҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ аз забони англисӣ» ба даст меояд ([М-1],[М-4],[М-5],[М-9],[М-16],[М-17],[М-19]).

Дар асоси ҷамъбаст ва хулосаи натиҷаҳои таҳқиқот **тавсияҳои зерин** таҳия гардидаанд, ки ба болоравии сатҳи қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ равона шудаанд:

1. Амалӣ намудани робитаҳои байнифанӣ ба баландшавии сифати азхудкунии маҳфумҳои фундаменталии илмӣ мусоидат менамояд, ба раванди ташаккулёбии маҳорату малакаи хусусияти амалидоштаи донишҷӯён суръат мебахшад.

2. Ҳангоми хондани лексия ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ бояд таваҷҷӯхро ба масъалаи рушди қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ тарбияи муоширати байнифарҳангӣ нигаронид, ки онҳо ба ташаккулёбии малакаҳои ҳаётӣ ва касбии донишҷӯён мусоидат намоянд.

3. Бояд интихоби шаклҳо, тарзҳо ва технологияҳои таълими интенсивӣ, истифодаи усулҳои интерактивии таълим, пайвасти моҳиронаи шаклҳои гуруҳӣ ва фардии кор, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ ва проблемавӣ, инкишофи қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ, тарбия ба эҳтиёҷот ҷиҳати муоширати байнишахсӣ ва педагогӣ афзалият дошта бошад.

4. Дар раванди таълим ҳиссаи маърифати мустақилонаро бояд зиёд намуд. Муҳайё намудани шароит барои мавқеи фаъолтари донишҷӯён дар раванди таълим, зиёд намудани ҳиссаи маърифати мустақилона ба омӯзгор имкон медиҳад шаклҳои мухталифи ташкили раванди омӯзишро истифода барад: семинарҳо, музокирот, шаклҳои гурӯҳӣ ва инфиродии кори мустақилонаро бештар истифода намояд, ки донишҷӯёнро бемайлон ба таълим ҷалб менамояд.

5. Зарур аст, ки дар машғулиятҳои амалӣ қобилияти зеҳнӣ ва сифатҳои муҳими психологии донишҷӯён инкишоф дода шаванд. Чунин амал ташаббускории онҳо, фаъолнокиро инкишоф медиҳад, хотира ва тафаккури донишҷӯёнро қавӣ мегардонад.

Таҳқиқоти мазкур ба ҳалли пурра ва тамоми проблемаи ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таълимоти касбии муассисаи олии омӯзгорӣ иддао наменамояд. Он танҳо якчанд ҷанбаҳои ин проблемаро ошкор менамояд ва имкониятҳои навро барои таҳқиқоти

васеътари масъалаҳое, ки ба коркарди минбаъда эҳтиёҷ доранд, фароҳам меорад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

[1]. Абдулина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / О.А.Абдулина [Текст]. - М.: Просвещение, 1984. - 208 с.

[2]. Абрамкина О.Г. Учебный диалог как средство формирования коммуникативной культуры обучающихся / О.Г. Абрамкина [Текст]: Дис. … канд.пед.наук. - Орел, 2003. - 243 с.

